ЗАРИФ ШАРИФОВ

# БАҲИСОБГИРИИ БУХГАЛТЕРӢ ДАР МУАССИСАҲОИ БУҶЕТӢ








Душанбе-2011

**ЗАРИФ ШАРИФОВ**

# БАҲИСОБГИРИИ БУХГАЛТЕРӢ ДАР МУАССИСАҲОИ БУЧЕТӢ

**Душанбе,**
**«Ирфон»**
**2011**

ББК 65.052+65.261.3+65.5
Ш-30

Китоби дарсӣ бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон №20/9 аз 29.10.2011 барои чоп тавсия шудааст.

**Муқарризон**: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишоҳи миллии Тоҷикистон **Уроков Д. У.**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишоҳи миллии Тоҷикистон **Қурбонов А. К.**, номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди инноватсионӣ ва идоракунии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Шобеков Мирзо**, сармуҳосиби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон **Боқилов Б. Х.**

**Муҳаррирон**: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Абдуғаффор Рауфӣ**,
омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ
**Фатҳуллоев Кутбиддин**

**Шарифов Зариф Раҳмонович. Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ.** -Душанбе: «Ирфон», 2011, 248 саҳ.

Китоби дарсӣ фарогири омӯзиши масъалаҳои мубрами муассисаҳои буҷетии кишвар ва муассисаҳои тобеи онҳо мебошад. Дар китоби мазкур масоили вобаста ба сохтори муҳосиботи муассисаҳои буҷетии кишвар, аз ҷумла асосҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ, баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, баҳисобгирии захираҳои моддӣ, ҳисобгирии меҳнат ва музди он, ҳисобгирии воситаҳои пулӣ ва маблаггузории молиявӣ, ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо, ҳисобгирии ӯҳдадорӣ, ҳисобгирии натиҷаи молиявӣ, ҳисобгирии соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки даромад меорад, ҳисобгирии хароҷотҳои иҷозатдодашуда, ҳисобгирии амалиётҳо оид ба таври марказонидашуда таъмин намудани муассисаҳои буҷетӣ бо маводҳои арзишнок, ҳисобгирии маводҳои арзишнок, ки ба ташкилот таалluқ надорад ва ҳисоботи муассисаҳои буҷетӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор ёфтаанд. Китоби дарсии зикргардида барои донишҷӯёни макотиби таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии соҳаи омӯзгорӣ, муассисаҳои тандурустӣ, фарҳанг, шунавандагони курсҳои бозомӯзӣ ва роҳбарони муассисаҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ пешниҳод мегардад.

©Шарифов З.Р., 2011.

КИТОБХОНА
[illegible] С. АЙНИ
УЧ/Ф

## САРСУХАН

Барои ташаккул ва рушди таркиби иқтисодиёти кишвар, дар доираи сиёсати иқтисодии аз тарафи Ҳукумат интихобкарда, танзими давлатии иқтисодиёт нақши муайянро мебозад. Яке аз механизмҳои муҳиме, ки имконият медиҳад, давлат танзими иқтисодиёт ва иҷтимоиётро гузаронад, ин механизми молиявӣ – низоми молиявии ҷамъият ҳаст, ки қисми муҳими онро буҷети давлатӣ ташкил медиҳад. Ба воситаи системаи молия давлат бо таври марказонидашуда ба ташаккули фондҳои воситаҳои пулии ғайримарказонидашуда таъсир расонида, имконияти иҷрои вазифаҳои ба ӯҳдаи ташкилотҳои давлатӣ гузошташударо фароҳам меорад.

Тағйироте, ки дар ҷараёни таҳия ва амалӣ гардидани буҷет, баланд бардоштани самаранокии хароҷотҳои давлатӣ, аз ҳисоби консентратсия онҳо ба самти бештар муҳими барои ҷамъият пешбинӣ менамояд. Мақсади ин тағйирот-ислоҳоти ҷараёни буҷет мебошад, ки дар вақти банақшагирии воситаҳои буҷетӣ ҷудо гардида, бояд ба натиҷаҳои дар назардошта шуда ин хароҷотҳо асоснок карда шавад.

Дар замони муосир шарти муҳими самаранокии иқтисодиёти миллӣ-ин оқилона ва сарфакорона истифода кардани воситаҳои буҷети давлатӣ, ки барои нигоҳдории соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ равона карда шуда мебошад. Вобаста ба ин дуруст ташкил кардани баҳисобгирии бухгалтерӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ дар ҷараёни татбиқи фаъолияти молиявӣ-хоҷагӣ аҳамияти муҳимро пайдо мекунад. Баҳисобгирии бухгалтерӣ ҷузъи муҳими ташаккулёбии сиёсати иқтисодии ташкилот ва яке аз механизми асосии идоракунӣ ва банақшагирии фаъолияти молиявӣ-хоҷагӣ мебошад. Ахбороти баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботу маълумотҳоеро дар бар мегирад, ки барои татбиқи чунин вазифаҳои идоракунии ташкилотҳо, аз ҷумла банақшагирӣ, ояндабинӣ ва назорат зарур мебошанд.

Ҳамин тавр, дониши баҳисобгирии бухгалтерӣ барои бомуваффақият кор кардани ҳамаи категорияҳои коркунони молиявӣ, иқтисодӣ ва хизматрасонии идоракунӣ, инчунин барои донишҷӯёне, ки ба омӯзиши баҳисобгирии бухгалтерӣ

шурӯъ кардаанд зарур аст. Қонунҳои сохтори буҷет ва чараёни татбиқи буҷет, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳисоботҳо дар ташкилотҳои буҷетӣ, хусусияти соҳавии онҳо, аз ҷумла тандурустӣ, маориф, илм бармеоянд.

Дар муассисаҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси дастурамал «Оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ», ки бо фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон №157 аз 26.11.2000 сол тасдиқ карда шудааст, ташкил ва татбиқ карда мешавад. Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар ҷумҳурӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ҳар сол кабул мегардад ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ ташкил карда мешавад.

Дар байни самтҳои ислоҳоти доираи буҷет азнавтақсимкунии муносибатҳои буҷетӣ ба самти зиёд кардани мустақилият ва масъулияти субъектҳои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буҷети маҳаллӣ, трансформатсияи ҳисобгирии буҷетӣ дар системае, ки ба натиҷаи охирин равона карда шудааст, ташкил медиҳад. Такмили баҳисобгирии буҷетӣ ба таъмини самаранок истифода кардани воситаҳои буҷетӣ, ташаккули ҳисобгирии ягонагии буҷетӣ, пурра ва шаффоф таҳия намудани ҳисоботи ҷамъбастӣ равона карда мешавад.

Китоби дарсии пешниҳодшуда дар асоси барномаи таълимии «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ» таҳия гардида, масъалаҳои асосии баҳисобгирии бухгалтериро дар ташкилотҳои буҷетӣ дар бар мегирад.

Маводҳои дар ин китоб гирд овардашуда имконият медиҳанд, ки донишҷӯён аз рӯйи як қатор масъалаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ маълумот гирифта, тафаккури иқтисодии худро бой гардонида, дониши худро дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ мукаммал гардонанд. Вобаста ба ин:

- дониши назариявии худро аз рӯи фанни «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ» мустаҳкам ва васеъ гардонанд;
- тафаккури иқтисодиро инкишоф дода, малакаи амалияро дар ҳалли масъалаҳои ҳисобгирӣ дошта бошанд.

- доииши назариявиро мустаҳкам карда, малакаи хуби пешбурди баҳисобгирии бухгалтериро дар шаклҳои гуногуни ташкилотҳо мустаҳкам гардонанд.

Дар таҳияи ин васоити таълимӣ нуқтаи назари муаллиф ин аст, ки шахсоне, ки ин фанро меомӯзанд, дар бораи масъалаҳои иқтисодӣ ва баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ шинос буда, дар хусуси онҳо низ маълумот доранд.

Мақсади омӯзиши фанни «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ» ин аст, ки донишҷӯён аз рӯйи ихтисосҳои иқтисодӣ қонуниятҳо, бо ҳам алоқамандии категорияҳои асосии ҳисобгирии бухгалтериро аз худ карда, малакаи барои имконияти онро дар амалияи фаъолияти касбии худ, идора кардани захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ ва моддӣ истифода карда тавонистанро аз худ намоянд. Мувофиқи стандарти давлатии таҳсилоти касбӣ фанни «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ» дар ҳамаи ихтисосҳои иқтисодӣ (ба миқдори соатҳои гуногун) таълим дода мешавад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ БАҲИСОБГИРИИ БУХГАЛТЕРӢ

## 1.1. Ислоҳоти баҳисобгирии буҷетӣ

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (феврали 2010) нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Консепсияи ислоҳоти ҷараёни буҷет дар Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2018 қабул карда шудааст.

Қисми асосии стратегияи баҳисобгирии бухгалтериро бахши давлатӣ ташкил медиҳад.

Ҳуҷҷатҳои асосии ҷараёни амалӣ гардидани ислоҳоти баҳисобгирӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ аз инҳо иборат мебошанд:

1. Санадҳои меъёрӣ оид ба ҷорӣ кардани ҳисобгирии бухгалтерӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ;
2. Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ бо фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2000, №157;
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳисобгирии бухгалтерӣ» аз 14 майи соли 1999, №750;
4. Фармони Вазири молия аз 2.10.1997, №45 «Оид ба гузаронидани баҳисобгирии бухгалтерии амвол ва ӯҳдадориҳои молиявӣ»;
5. Меъёри хӯрдашавии воситаҳои асосӣ;
6. Дастурамал оид ба тартиби сохтан ва пешниҳод кардани хисоботи солона ва даврагии муассисаҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Вазири молия аз 2.10.2006, №86;)
7. Гурӯҳбандии даромад ва хароҷоти буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2005 (Фармони вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон №129 аз 28.12.2004).

Санадҳои меъёрӣ дар бораи ҷорӣ кардани ҳисобгирии бухгалтерӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ;

1. Нақшаи ҳисобҳои ҳисобгирии бухгалтерии фаъолияти молиявӣ-хоҷагӣ ва дастури методӣ дар бораи амалӣ кардани он (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.09.1998, №99);
2. Нақшаи ҳисобҳои ҳисобгирии бухгалтерии (молиявӣ) – фаъолияти молиявии- хоҷагӣ ва нишондоди методӣ оид ба татбиқи он мувофиқи талаботи стандарти бай-

налмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ, фармони Вазири молия аз 5.03.2004, №28);

3. Дастурамал оид ба тартиби аз тарафи субъектҳои хоҷагидорӣ пур кардани ҳисоботҳои семоҳа ва солона (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2001, №124);
4. Дастурамал оид ба тартиби аз тарафи субъектҳои хоҷагӣ пур- кардани ҳисоботҳои семоҳа ва солона мутобиқи талаботи МСФО (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.11.2004, №141);
5. Низомнома оид ба ҷорӣ кардани ҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботҳои бухгалтерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.02.2003, №9);
6. Тавсияи методӣ оид ба гузариш ва ҷорӣ намудани ҳисобгирии бухгалтерӣ мувофиқи талаботи стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ((СБҲМ) фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи 2004, №68);
7. Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ. Ҷилди 1-2 (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008, №134);
8. Тавсияи методӣ оид ба татбиқи СБҲМ. Ҷилди 1-2 (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008, №134);
9. Низомнома оид ба иҷрои молиявӣ (лизинги №87 аз соли 2001).
10.

## Қонунҳое, ки идора кардани молияи давлатро танзим мекунанд

| № | Номгӯи қонунҳо | Давраи қабули онҳо | Моҳияти қонунҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи молияи давлат | Бо тағйиротҳу иловаҳо аз 18.06.2008 | Ин қонун бо мақсади танзими давлатии молиявӣ, таъмини принсипҳои таркиби буҷет, тайёр кардан ва иҷрои буҷети ҶТ, танзими муносибатҳои байни ҳамаи дараҷаҳои буҷет, муайян кардани ҷараёни оламҳои буҷетӣ ва инчунин оид ба муносибатҳои молиявии байни буҷетӣ ва субъекти самтҳои буҷет хизмат мекунад |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2 | Қонун дар бораи хазинадорӣ | 06.03.2001 | Ин қонун асоси ҳуқуқии давлатии хазинадориро муайян карда, муносибатҳои хазинадориро дар ҶТ танзим менамояд |
| 3 | Қонун дар бораи карзи давлатӣ | 11.12.1999 | Ин қонун муносибатҳои карзии давлатӣ ва механизми амалии онро танзим мекунад |
| 4 | Қонуни ҳарсола оид ба буҷет | Ҳарсол | Ин қонун механизми воридоти манбаи буҷет ва ба соҳаҳо тақсим кардани маблағҳои ворилгардида, назарияи истифодаи дурусти мақсадноки маблағҳои пулиро танзим мекунад |
| 5 | Қонун оид ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | 27.02.2008 | Ин қонун истифодаи мақсадноки маблағҳо ва воситаҳои пулию-молии амволи давлатиро назорат карда, ҳолатҳои роҳ надодан ба хатогиҳои зидди коррупсионӣ ва тасарруфи маблағу воситаҳоро назорату танзим мекунад |
| 6 | Қонун оид ба бонки миллӣ | 28.06.2011 №722 | Ин қонун асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон, вазифаҳои асосӣ ва ӯҳдадориҳои онро муайяи мекунад |
| 7 | Кодекси андоз | | Ин кодекс механизми ташкилёбӣ ва тартиби ҷамъоварии андозҳоро ба низом медарорад |
| 8 | Кодекси гумрукӣ | | Тартиботи гумрукуониро ба низом медарорад |
| 9 | Қонун дар бораи хариди давлатӣ | | Тартиботи дурусти хариди равияҳои молия амвол, кори хизматрасониро танзим мекунад |
| 10 | Қонун дар бораи ҳисобдории бухгалтерӣ | 21.11.2006 | Ин қонун асосҳои ҳуқуқии ташкил ва танзими ҳисобгирии бухгалтериро дар ҶТ муаррар мекунад. Мақсади қонун таъмини ягонагии ҳисобгирии бухгалтерии фаъол, ӯҳдадориҳо ва транзакунӣ, ки аз тарафи корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо гузаронида мешаванд, ҷамъоварӣ ва барои истифода пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ, ҳисоботҳои муқоисавӣ ва ахбори аниқ нисбати ҳолати амвол, дохилшавӣ ва сарфи онҳо мебошад. |
| 11 | Қонун дар бораи фаъолияти аудиторӣ | | Ин қонун фаъолияти назорати оддитаринро дар тақсимоти муосир тазим менамояд |
| 12 | Қонун дар бораи назорати давлатии молиявӣ | | Тартиби ташкилёбӣ ва истифодаи воситаҳои молиявиро аз рӯйи стандартҳои давлатӣ танзим мекунад. |
| 13 | Қонуни Конститутсионӣ оид ба идораи маҳаллии давлатӣ | | |
| 14 | Қонун дар бораи худидоракунӣ дар шаҳрҳо ва кишлокҳо | Августи 2004 | Механизми худидоракуниро дар шаҳрҳову деҳот танзим менамояд |
| 15 | Қонуни Конститутсионии оид ба умури маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2004 | |

## Номгӯи дастурамалҳои асоси иҷрокунии давлатии молиявӣ ва баҳисобгирии бухгалтерии муассисаҳои буҷетӣ

| № | Номгӯи ҳуҷҷатҳо | Вақти қабули онҳо |
|---|---|---|
| • | Дастурамал оид ба ҷорӣ намудани ҳисобгирии бухгалтерии хазинадорӣ ва ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатӣ | 10/2005 |
| • | Дастури методӣ оид ба иҷрои фондҳо | 2004 |
| • | Дастур оид ба пешниҳоди ҳисоботи семоҳа ва солона мувофиқи МСФО | 2004 |
| • | Тавсияномаи методӣ оид ба гузариши ҳисобгирии бухгалтерӣ ба МСФО | 2004 |
| • | Нақшаи ҳисобҳо барои сохтори тиҷоратӣ ва методология оид ба амалӣ кардани он | 2007 |
| • | Фармони Вазири молия оид ба тасдиқи методологияи барӯйхатгирии амвол ва ӯҳдадориҳои молиявӣ | 1997 |
| • | Низомнома оид ба амалӣ кардани ҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобот дар ҶТ | 2003 |
| • | Таснифоти даромадҳо ва хароҷотҳои буҷет | 1999 |
| • | Дастурамал оид ба ҷорӣ намудани ҳисобгирӣ бухгалтерӣ дар ташкилоти буҷетӣ | 2001 |
| • | Дастурамал оид ба соқит кардани фаъолҳои асосии корношоям | 2004 |
| • | Дастурамал оид ба таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи солона ва ҷории ташкилотҳои буҷетӣ | 2006 |
| • | Дастурамал оид ба пур кардани шакли ҳисоботҳои семоҳа ва солона | 2001 |

Мувофиқи ин ҳуҷҷатҳои меъёрӣ аз 1 январи соли 2005 меъёри ӯҳдадориҳои буҷетӣ ва пулҷудокунӣ дар асоси харҷномаҳо бояд таҳия карда шаванд. Хароҷотҳои хазинавӣ ва ҳақиқиро аз рӯи таснифоти нави буҷет бурдан лозим аст. Қоидаҳои нави таснифоти буҷетро бояд дар ҳуҷҷатҳои пулгузаронӣ нишон дод.

Вобаста ба тағйир ёфтани сиёсати буҷет зарурияти таҳлили истифодаи самараноки буҷет, баҳодиҳии таъсири он ба иқтисодиёт, идораи оқилонаи молиявӣ ба амал меояд. Барои ҳалли ин масъала маълумотҳои наву муҳим зарур аст, ки барои дастрас кардани он бояд системаи нави ҳисобгирӣ истифода карда шавад. Ба ҷумлаи чунин маълумотҳо, пеш аз ҳама, ахбор оид ба даромаднокии маблағгузориро дохил кардан мумкин аст.

Барои дастрас намудани маълумот оид ба даромаднокии маблағгузорӣ низоми нави ҳисобгирӣ, методи

ҳисобкуние, ки дар ташкилотҳои тиҷоратӣ бештар истифода карда мешаванд, пешбинӣ шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки ба натиҷаи молиявии фаъолияти ташкилотҳои буҷетӣ баҳо дода, динамикаи иҷрои ӯҳдадориҳои ташкилоти болоӣ ва гирандагони воситаҳои буҷетӣ таъмин карда шавад.

Истифодаи усули ҳисобкунӣ на танҳо имконият медиҳад, ки бақияи маблағҳо ҳисоб карда шавад, балки ҳаракати фаъолхо ва ӯҳдадориҳо назорат карда шаванд. Дар вақти истифодаи он аҳамияти мафҳуми «даромадҳо» ва «хароҷотҳо» дигар мешавад. Даромад на қабул, воридшавӣ, гузаронидани пул ба ҳисоб, балки зиёдшавии арзиши фаъолҳои тоза ҳисоб карда мешавад.

Низоми нави бухгалтерӣ, нисбат ба кӯҳна ҷорӣ кардани рамзҳои таснифоти буҷетро (КБК) пешбинӣ мекунад, ки ин имконият медиҳад, ҳисобгирии иҷрокунандагони буҷет ва ташкилотҳои буҷетӣ муттаҳид (якҷоя) карда шавад. Ғайр аз ин, назорат аз рӯйи ҳаракати воситаҳои буҷетӣ, аз рӯйи манбаи даромадҳо то охири қабулкунанда таъмин карда мешавад.

Дастурамали нав дар бораи ҳисобгирии буҷетӣ тартиби ягонаи ҷорӣ кардани баҳисобгирии бухгалтерӣ дар ташкилотҳои Ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои идораи давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ, ташкилоту идораҳои давлатии минтақавӣ, ташкилотҳои худидораи маҳаллӣ ва ташкилоти буҷетӣ муқаррар мекунад.

Сиёсати давлатии баҳисобгирӣ ба воситаи дастурамалҳои зерин амалӣ карда мешавад.

- нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии буҷетӣ;
- тартиби инъикоси амалиётҳо оид ба иҷрои буҷети низоми буҷетӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисобҳои баҳисобгирии буҷетӣ;
- тартиби инъикоси ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавӣ, иҷрои буҷетҳо, амалиётҳо оид ба хизматрасонии хазинавӣ, иҷрои буҷет дар ҳисобҳои баҳисобгирии буҷетӣ татбиққунанда;
- аз эътибор соқит кардани мукотиботи ҳисобҳои баҳисобгирии буҷетӣ;
- дигар масъалаҳои ташкили баҳисобгирии бухгалтерии буҷетӣ.

Ҳамаи амалиётҳое, ки аз тарафи ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ гузаронида мешванд, дар ҳуҷҷатҳои аввала ба қайд гирифта мешаванд. Барои ҷорӣ кардани ҳисобгирии буҷетӣ дар муассисаҳои буҷетӣ рӯйхатҳое, ки дар он равандҳо ва нишондодҳои ҳатмӣ инъикос ёфтааст, истифода карда мешавад.

Шакли рӯйхатҳои баҳисобгирии бухгалтерии буҷетӣ, ки хусусияти хоси иҷрои буҷетро доранд, инчунин ҷорӣ кардани онҳо аз тарафи ташкилотҳо мувофиқи низоми буҷети ҶТ тасдиқ карда мешавад.

Дастурамал дар бораи баҳисобгирии буҷет аз чор қисм иборат аст. Дар қисми якум асосҳои ташкили баҳисобгирии буҷет инъикос ёфта, фаҳмиши он дода шуда, талабот оид ба расмият даровардан ва ҷо ба ҷо кардани ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва рӯйхатҳои баҳисобгирӣ дода шуда, дар он тартиби ислоҳи хатогиҳо, ки дар вақти тартиб додани ҳуҷҷатҳо рӯй додааст мураттаб гардина, нишон дода шудааст. Ҳамин тавр, дар ин қисм зарурияти татбиқи баруйхатгирии амвол, фаъолҳо ва ӯҳдадории молиявӣ, худидоракунии баҳисобгирии буҷетӣ нишон дода шудааст.

Дар қисми 2-юми Дастурамал нақшаи нави баҳисобгирии буҷет, дар қисми 3-юм тартиби истифодаи нақшаи ҳисобҳо ва дар қисми 4-ум тартиби ҳисобгирии амалиётҳо дар мавриди ба таври марказонидашуда ба роҳ мондани таъмини маводҳои арзишноки ташкилотҳои буҷетӣ инъикос ёфтааст. Дар дастурамал 3 замима дохил карда шудааст: дар замимаи 1-ум мукотиботи ҳисобҳои баҳисобгирии буҷет аз рӯи амалиётҳои асосии хоҷагӣ, дар замимаи 2-юм ба як шакл даровардани (унификатсияи) ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ ва нишондод оид ба истифодаи он, дар замимаи 3-юм номгӯйи рӯйхатҳои тавсияшавандаи баҳисобгирии буҷет бо нишондоди мушаххасоту нишондодҳои ҳатмӣ нишон дода шудааст.

## 1.2. Вазифаҳои асосии баҳисобгирии буҷетӣ

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» вазифаҳои асосии баҳисобгирии бухгалтерӣ аз инҳо иборатанд:

- ташкили пурра ва боэътимоди ахбор дар бораи фаъолияти ташкилот ва ҳолати амволи вай, истифодабарандаи дохилӣ, ҳисоботи бухгалтерии роҳбар, муассисон, иштирокчиён, инчунин истифодабарандагони берунӣ – маблағгузорон, қарздиҳандагон ва дигар истифодабарандагони ҳисоби бухгалтерӣ;
- таъмини ахбори зарурӣ ба истифодабарандагони дохилӣ ва берунии ҳисоботи бухгалтерӣ барои назорат аз болои риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба вуҷудоии амалиётҳои хоҷагидории ташкилот ва мувофиқи мақсад будани онҳо, миқдор ва ҳаракати амвол ва ӯҳдадорӣ, истифодабарии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ;
- пешгирии натиҷаҳои манфии фаъолияти хоҷагидории ташкилот, нишон додани захираҳои дохилии хоҷагӣ ва таъмини устувори молиявӣ.

Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ хусусияти махсус дорад. Ба ин хусусиятҳо мансубанд:
- назорати иҷроиши харҷномаи хароҷотҳо;
- дар вақти баҳисобгирӣ ҷудо кардани хароҷотҳои ҳақиқӣ ва хазинавӣ;
- гузаштан ба системаи хазинадории иҷроиши буҷет;
- хусусиятҳои соҳавии баҳисобгирӣ дар ташкилотҳои буҷавӣ (тандурустӣ, маориф, илм ва ғайра).

## 1.3. Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрии муайянкунандаи асосҳои методологии тартиби такмил ва пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ дар ташкилотҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Қонун «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ», с. 1999
2. Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004
4. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002
5. Дастурамал дар бораи сиёсати баҳисобгирии корхонаҳо, с. 1999 (бо фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, №135).
6. Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. Душанбе, 2010 (ба фармони

Вазири молия тасдиқ шудааст аз 26.12.2000 № 157).

Аз ҳуҷҷатҳои меъёрии дар боло зикршуда, муҳим ин Қонун «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» ва Дастурамал дар бораи сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳо, дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ (№154 26.12.2000) ба ҳисоб меравано.

Дар Қонун «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» моҳияти баҳисобгирии бухгалтерӣ, вазифаҳои вай, қоидаҳои асосии пешбурди он, баҳодиҳии амвол ва ӯҳдадорӣ, таркиби ҳисоботи бухгалтерӣ, тартиб ва мӯҳлати пешниҳоди он, мафҳумҳои асосӣ дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобот (дар бораи ҳисобҳо навишти дугона ва ғ.) нишон дода шудааст.

## 1.4. Қоидаҳо (принсипҳо)-и асосии баҳисобгирии бухгалтерӣ

Қоидаҳои асосии пеш бурдани баҳисобгирии бухгалтерӣ дар Қонун «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» чунин муйян карда шудааст:

1. Ҳатмӣ будани навишти дугонаи амалиётҳои хочагӣ дар Нақшаи ҳисобҳо, ки аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.
2. Дар баҳисобгирии бухгалтерии хароҷотҳои ҷорӣ барои истеҳсоли маҳсулот, корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда аз хароҷоти ба гузоштани сармоя алоқаманд буда, алоҳида ба амал меояд.
3. Ҳатмӣ будани ҳуҷҷатикунонии амалиётҳои хоҷагӣ. Ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ бояд дар вақти бавуҷуд омадани амалиёт ё ин ки дарҳол баъди ба анҷом расидани амалиёти хоҷагӣ тартиб дода шаванд.
4. Барои батартибдарорӣ ва ҷамъоварии маълумоте, ки дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ нигоҳ дошта мешаванд, феҳристҳои баҳисобгирӣ, шаклҳо, ки аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард шудаанд, истифода бурда мешаванд.
5. Ҳатмӣ будани гузаронидани барӯйхатгирии амвол ва ӯҳдадориҳо.

## 1.5.Баҳодиҳии амвол ва ӯҳдадориҳо

Баҳодиҳӣ, инъикоси амвол ва ӯҳдадориҳои ташкилот дар баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи бухгалтерӣ дар шакли пул ифода меёбад.

Ба таркиби харочотҳои ҳақиқии баамаломада дохил мешавад: харочотҳо барои харидани (ба даст овардани) молу мулк, подошҳои комиссионӣ, бочи гумрукӣ ва дигар пардохтҳо, хароҷотҳо барои боркашонӣ, нигоҳдорӣ ва бурда расонидани молу амвол ва ғ.

Амвол ва ӯҳдадориҳои хоҷагӣ бояд ҳатман ба ифодаи пулӣ баҳо дода шаванд. Баҳо ба маҷмӯи хароҷотҳои ҳақиқии истеҳсолӣ бо ифодаи асъор аз рӯи зарурият дода мешавад. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин мақсад пули миллӣ (сомонӣ) истифода бурда мешавад.

Истифода бурдани шакли дигари баҳодиҳӣ танҳо дар ҳолати зарурӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимгар дар бораи ҷорӣ намудани баҳисобгирӣ пешбинӣ карда шудааст, иҷозат дода мешавад. Сабткунӣ дар баҳисобгирӣ аз рӯи ҳисобҳои асъори корхона ва аз рӯи амалиётҳои онҳо бо арзи хориҷӣ, инчунин бо арзи дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо роҳҳои ҳисоб кардан ба пули тоҷикӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон, аз рӯи қурби он дар рӯзи гузаронидани амалиёт ҳисоб карда мешавад.

## 1.6. Ҳуҷҷаткунонии амалиётҳои хоҷагӣ

Ҳуҷҷати бухгалтерӣ шаҳодатномаи хаттӣ буда, амалиётҳои дар хоҷагӣ баамаломада дар он инъикос меёбад ва бо имзои шахсони маъсул тасдиқ карда мешавад. Ҳамин тавр, ҳуҷҷати бухгалтерӣ – дилхоҳ паҳнкунандаи ахбор мебошад, ки бо ёрии он бақайдгирии ибтидоии амалиётҳои хоҷагӣ гузаронида мешавад. Ба воситаи ҳуҷҷатҳои бухгалтерӣ ҳамаи амалиётҳои хоҷагӣ ба расмият дароварда мешаванд. Ин баҳисобгирии пай дар пай ва пурраи ҳамаи объектҳои баҳисобгирӣ; асосноккунии ҳуқуқии қайдҳои бухгалтерӣ; истифодабарии ҳуҷҷатҳо барои назорати фаврӣ ва ҷории фаъолияти хоҷагидории ташкилот; назорат аз болеи ҳифз намудани молу мулк; устуворгардонии

қонунгузорӣ; мақсаднок ва қонунӣ будани ҳар як амалиёти хоҷагиро ҳангоми тафтишоти ҳуҷҷатҳо таъмин менамояд.

## Шакл ва мушаххасоти ҳуҷҷатҳо

Шакли ҳуҷҷат маҷмӯи нишондиҳандаҳо ва ҷойгиршавии онҳоро дар ҳуҷҷатҳо муайян менамояд. Номгӯи нишондиҳандаҳо ва миқдори онҳо дар ҳуҷҷатҳо, асосан, аз мазмуни амалиётҳои бавуҷудомадаи хоҷагӣ вобастагӣ дорад. Мушаххасот барои ҳар як ҳуҷҷат асос ба ҳисоб меравад. Онҳо мазмуни амалиётҳои ба вуҷуд омадаро муайян менамоянд. Ба чунин мушаххасот дохиланд: номи ҳуҷҷат, рамзи шакл, санаи тартибдиҳӣ, номи ташкилот, мазмуни амалиёти хоҷагӣ, ченакҳои амалиётҳои хоҷагӣ (бо ифодаи пулӣ ва аслӣ), имзои шахсони муайяншуда.

Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои бухгалтерӣ, ки бо иҷроиши харҷномаи даромад ва хароҷотҳо аз рӯи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки аз фондҳои ғайрибуҷетӣ гирифта шудаанд, роҳбари ташкилот ва сармуҳосиб имзо мегузоранд.

## Тарзҳои тартибдиҳӣ ва коркарди ҳуҷҷатҳо

Ҳуҷҷатҳоро бояд дар намунаҳо ва шаклҳои муайяншуда бо пуркунии ҳамаи мушаххасот тартиб дод. Агар баъзе мушаххасот пур карда нашуда бошанд, дар ҷойи холигӣ онро қайд кардан зарур аст.

Дар ҳуҷҷатҳо қайдҳо ба воситаи қалами кимиёвӣ, ручкаҳои шарикдор, ё ин ки ба воситаи мошинаҳои чопкунӣ ва воситаҳои худкор истифода мешавад. Дар ҳуҷҷатҳои пулӣ бошад маблағро бо рақам ва бо ҳарф нишон медиҳанд. Ҳуҷҷатҳо бояд бо диққат тартиб дода шавад, матн ва рақамҳо дуруст ва фаҳмо навишта шуда бошад. Агар дар матн ё рақами ҳуҷҷат ба хатоӣ роҳ дода шуда бошад, онро бояд ислоҳ кард (тавре ислоҳ кард, ки навишти пештара хонда шавад), навишти дурустро дар болояш қайд кард ва якбора сабаби ислоҳкуниро қайд намуда, шахси ислоҳкунанда имзои худро дар ҳуҷҷат мегузорад.

Дар баъзе ҳуҷҷатҳо масалан, ҳуҷҷатҳои хазинавӣ ва бонкӣ ислоҳи хатоиҳо манъ карда шудааст.

Ҳамаи ҳуччатҳои ба бухгалтерия воридгардида ҳатман чӣ аз рӯи шакли дурусти пуркунӣ ва чӣ аз рӯи мазмун тафтиш карда мешаванд.

Ҳамаи ҳуччатҳои бухгалтерии тафтишкардашуда коркарди бухгалтерӣ гузаронида мешаванд, ки дар натичаи коркард баҳогузорӣ, гурӯҳбандӣ ва аломатгузории онҳо муайян карда мешавад.

Дар зери мафҳуми баҳогузории ҳуччатҳо баҳои пулии дар ҳуччатҳои молу масолеҳи қимматбаҳо нишон дода шуда фаҳмида мешавад.

Гурӯҳбандӣ – ин чамъоварии ҳуччатҳои якхела дар як бандча (даста) мебошад.

Ҳуччатҳои истифодашуда ба бойгонӣ супорида мешавад. Роҳе, ки ҳуччати бугхалтерӣ аз лаҳзаи тартибдиҳӣ то супоридан ба бойгонӣ тай мекунад, **гардиши ҳуччат** номида мешавад.

Дар бойгонӣ парвандаҳо бо ҳуччатҳои бухгалтерӣ аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ (бойгонии давлатӣ, ташкилотҳои болоӣ) муайяншуда нигоҳдорӣ мешаванд.

Ҳисоботҳои семоҳа, варақаҳои барӯйхатгирӣ (инвертарӣ) ва китоби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, шартномаҳо бояд се сол нигоҳ дошта шаванд.

Ҳуччатҳои ибтидоӣ ва замима ба онҳо, варақаҳои пардохтӣ, рӯйхатҳои баҳисобгирӣ (китоби асосӣ, журнал – ордерҳо ва ғ.), ҳисоботҳои нимсола ба мӯҳлати панч сол нигоҳдорӣ мешаванд.

Ҳисоботҳои солонаи тавозуни ташкилот даҳ сол нигоҳдорӣ мешаванд.

Варақаҳои шахсии кормандон, фармонҳо оид ба фаъолияти асосӣ, ҳуччатҳои (шиноснома) бино, иншоот ва таҷҳизот ба мӯҳлати 75 сол нигоҳдорӣ мешаванд.

## 1.7. НАҚШАИ ҲИСОБҲОИ БАҲИСОБГИРИИ БУЧЕТӢ

Ҳисобҳо – номгӯи бонизоми ҳисобҳои синтетикиеро меноманд, ки бо тартиби муайян рақамгузорӣ карда шудааст ва барои ҳисоби чории амалиётҳои хочагидории ташкилот пешбинӣ гардидааст.

Дар муассисаҳои бучетӣ барои баҳисобгирии амалиётҳои бухгалтерӣ, аз рӯи ичроиши харчномаи даромад

ва харочот аз рӯйи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки аз фондҳои ғайрибуҷетӣ гирифта шудаанд, нақшаи ҳисобҳои аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда, истифода бурда мешавад.

Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии ташкилотҳои буҷетӣ аз 12 боб ва қисми ҳисобҳои ғайритавозунӣ иборат аст.

## Дар муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳисобгирии муҳосибӣ чунин нақшаи ҳисобҳо истифода карда мешавад[1]

***Ҷадвали № 1***

| Номгӯи ҳисоб | № ҳисоб | Номгӯи зерҳисоб | № зерҳисоб |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| **Боби 1. Воситаҳои асосӣ ва дигар маблағгузориҳои дарозмуддат** | | | |
| Воситаҳои асосӣ | 01 | Бино | 010 |
| | | Иншоот | 011 |
| | | Дастгоҳҳои таҳвилдиҳанда | 012 |
| | | Мошинҳо ва таҷҳизот | 013 |
| | | Воситаҳои нақлиётӣ | 015 |
| | | Олотҳо, асбобҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ (аз он ҷумла, лавозимот) | 016 |
| | | Ҳайвоноти корӣ ва сермаҳсул | 017 |
| | | Фонди китобхона | 018 |
| | | Дигар воситаҳои асосӣ | 019 |
| Фарсудашавии воситаҳои асосӣ | 02 | Фарсудашавии воситаҳои асосӣ | 020 |
| Дигар маблағгузориҳои дарозмуддат | 03 | Маблағгузориҳои молиявии дарозмуддат | 030 |
| | | Активҳои ғайримоддӣ | 031 |
| **Боби 2. Захираҳои моддӣ** | | | |
| Таҷҳизот, масолеҳи сохтмонӣ ва масолеҳо барои тадқиқотҳои илмӣ | 04 | Таҷҳизотҳои васлшаванда | 040 |
| | | Масолеҳҳои сохтмонӣ барои сохтмони асосӣ | 041 |
| | | Маводҳои мӯҳлати истифодабариашон дарози барои тадқиқотҳои илмӣ ва санҷишҳои лабораторӣ истифодашаванда | 043 |
| | | Таҷҳизотҳои махсус барои корҳои илмӣ - тадқиқотӣ аз рӯйи шартномаи фармоишдиҳандагон | 044 |
| Чорвои ҷавон ва ҳайвоноти дар | 05 | Чорвои ҷавон ва ҳайвоноти дар | 050 |

[1] Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. Душанбе, 2010, с. 12-17.



КИТОБХОН, ДДОТ ба [illegible] С. Айни
Уиф

| | | | |
|---|---|---|---|
| парвариш буда | | парвариш буда | |
| Масолеҳ ва маҳсулоти хӯроквории | 06 | Маводҳо барои таълим таҳқиқотҳои илмӣ ва дигар мақсадҳо<br>Маҳсулоти хӯроквории<br>Доруворӣ ва лавозимоти ҷарроҳибандӣ<br>Масолеҳи хоҷагӣ ва сехҳо; конселярӣ<br>Сӯзишворӣ ва дигар равғанҳои молиданӣ<br>Масолеҳи махсус<br>Зарфҳои холӣ<br>Дигар масолеҳҳо<br>Масолеҳҳои дар роҳ буда<br>Қисмҳои эҳтиётӣ | 060<br>061<br><br>062<br><br>063<br>064<br><br><br>065<br>066<br>067<br>068<br>069 |
| **Боби 3. Ашёҳои камарзиш** | | | |
| Ашёҳои камарзиш | 07 | Ашёҳои камарзиши дар анборбуда<br>Ашёҳои камарзиши дар истифодабуда<br>Либос, лавозимоти рахти хоб ва пайафзоли дар анборбуда<br>Либос, лавозимоти рахти хоб ва пайафзоли дар истифодабуда | 070<br>071<br>072<br>073 |
| **Боби 4. Маҳсулоти тайёр** | | | |
| Маҳсулоти тайёр | 08 | Маҳсулоти тайёр | 080 |
| **Боби 5. Маблағҳои (воситаҳои) муассисаҳо** | | | |
| Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ | 09 | Пулгузаронӣ аз маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) қарор доранд ва дигар чорабиниҳо<br>Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ барои хароҷотҳои муассиса<br>Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ бо асъори хориҷӣ | 090<br>091<br>097 |
| Маблағҳои буҷети маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10 | Пулгузаронӣ ба муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) қарор доранд ва дигар чорабиниҳо<br>Маблағҳо барои хароҷотҳои муассиса<br>Маблағҳои буҷети маҳаллӣ бо асъори хориҷӣ | 100<br>101<br>102 |
| Маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ба дастомада | 11 | Маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт<br>Маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ба дастомада<br>Маблағҳое, ки барои истифодаи муваққатии муассиса дохил шудаанд<br>Маблағҳое, ки аз фондҳои давлатии | 110<br>111<br>114<br>115 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | гайрибуҷетӣ даромад шудаанд<br>Маблағҳо бо асъори хориҷӣ | 118 |
| Хазина | 12 | Хазина | 120 |
| Дигар маблағҳо | 13 | Аккредитивҳо<br>Дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ<br>Ҳуҷҷатҳои пулӣ<br>Маблағҳои дар роҳбуда<br>Маблағгузории молиявии кӯтоҳмуддат | 130<br>131<br>132<br>133<br>134 |
| Бобби 6. Ҳисоббаробаркуниҳои дохилидоравӣ оид ба маблағгузорӣ аз буҷет | | | |
| Ҳисоббаробаркуниҳои дохилидоравӣ оид ба маблағгузорӣ аз буҷет | 14 | Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба маблағгузории буҷет барои харҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо<br>Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба сарчашмаҳои иловагии маблағгузории буҷет барои харочотҳои муассиса<br>Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба маблағузории буҷет барои сохтмони асосӣ | 140<br>141<br>142 |
| Боби 7. Ҳисоббаробаркуниҳо | | | |
| Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон, пудратчиён ва супоришдиҳандагон барои корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда | 15 | Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон ва пудратчиён<br>Ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон ва . супоришдиҳандагон барои корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расонидашуда<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи пешпардохтҳои гирифташуда<br>Ҳисоббаробаркуниҳо бо иҷрокунандагон аз рӯйи корҳои иҷрошуда<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи пешпардохтҳои додашуда | 150<br>153<br>155<br>156<br>157 |
| Ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони таҳти ҳисоботӣ | 16 | Ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони таҳти ҳисоботӣ | 160 |
| Ҳисоббаробаркуниҳо бо ҳар гуна қарздорон ва қарзхоҳон | 17 | Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи камомадҳо<br>Андоз аз арзиши иловашуда аз рӯйи ашёҳои қиматноки харидоришуда, корҳо ва хизматрасониҳо<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи пардохтҳои махсус<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи пардохтҳо бо буҷет<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи маблағҳое, ки барои истифодаи муваққатии муассиса дохил шудаанд<br>Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи дигар | 170<br>171<br>172<br>173<br>174<br>175 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | маблағҳо барои нигоҳдории корхона | |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо депонентҳо | 177 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо ҳар гуна қарздорон (дебиторон) ва қарзхоҳон (кредиторон) | 178 |
| Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи музди меҳнат ва идрорпулиҳо | 18 | Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи музди меҳнат | 180 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи идроргирандаҳо | 181 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандон аз рӯи интиқолҳои ғайринак-дӣ ба ҳисобҳои пасандозӣ дар муассисаҳои кредитӣ | 183 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандон оид ба интиқолҳои ғайринак-дии аъзоҳақӣ аз рӯйи шартно-маҳои суғуртаи ихтиёрӣ | 184 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо иттифо-қи касаба аз рӯи интиқоли ғайринакдии маблағҳо оиди пардохти аъзоҳаққиҳои иттифоқи касаба | 185 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи ҳуҷҷатҳои иҷроишӣ ва дигар ҳуҷҷат-ҳо, дигар ҳисоббаробаркуниҳо | 187 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо хизматчиёни ҳарбӣ аз рӯйи кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳо | 188 |
| | | Дигар ҳисоббаробаркуниҳо барои корҳои иҷрошуда | 189 |
| Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 19 | Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳои аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда | 191 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба баргардонидани нафақа ва ёрдампулиҳои барзиёд пардохтгардида | 192 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо Фонди суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 193 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо бо Фонди суғуртаи ҳатмии тиббии Ҷумҳу-рии Тоҷикистон | 194 |
| | | Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи маблағҳои расонидани ёрии иҷтимоӣ ба аҳолӣ | 195 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Боби 8. Харочотҳо аз рӯйи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ бадастомада** | | | |
| Харочотҳо аз рӯи буҷет | 20 | Харочот аз рӯйи буҷет барои нигаҳдории муассисаҳои дигар чорабиниҳо<br>Харочот аз ҳисоби сарчашмаҳои иловагии маблағгузории буҷетӣ<br>Харочот аз рӯйи буҷет барои сохтмони асосӣ | 200<br>201<br>202 |
| Харочотҳо аз ҳисоби маблағҳои сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ | 22 | Харочотҳо аз рӯйи фаъолияти соҳибкорӣ<br>Харочотҳо аз рӯйи тайёр намудани асбобҳои таҷрибавӣ<br>Харочотҳо барои тайёр ва коркард намудани маводҳо<br>Харочотҳо аз рӯйи маблағҳое, ки аз ҳисоби фоида таъсис ёфтаанд<br>Харочотҳо барои сохтмони асосии аз ҳисоби маблағҳои барои нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддӣ - техникӣ равона шуда<br>Харочотҳо аз рӯйи маблағҳои мақсаднок барои нигоҳдории корхона ва дигар чорабиниҳо<br>Харочотҳо аз ҳисоби маблағи падару модарон барои нигоҳдории муассисаҳои кӯдакона<br>Харочотҳо аз ҳисоби маблағҳои аз фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда | 220<br>221<br>222<br>223<br>224<br>225<br>227<br>228 |
| ***Боби 9. Маблағгузорӣ аз буҷет*** | | | |
| Маблағгузорӣ аз буҷет | 23 | Маблағгузорӣ аз буҷет барои интиқоли муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ (тақсимотчӣ) мебошанд ва дигар чорабиниҳо<br>Сарчашмаҳои иловагии маблағгузории буҷет | 230<br>231 |
| ***Боби 10. Фондҳо ва маблағҳои таъиноти мақсаднок*** | | | |
| Маблағҳое, ки аз ҳисоби фоида таъсис ёфтаанд | 24 | Маблағҳо барои ҳавасмандкунии моддӣ ва пардохтҳои ичтимоӣ<br>Маблағҳо барои нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддӣ -техникӣ | 240<br>241 |
| Фондҳои воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ | 25 | Фондҳои воситаҳои асосӣ<br>Фондҳои активҳои ғайримоддӣ | 250<br>251 |
| Фондҳои ашёҳои камарзиш | 26 | Фондҳои ашёҳои камарзиш | 260 |
| Маблағҳои таъиноти мақсаднок | 27 | Маблағҳои мақсаднок барои нигоҳдории муассиса ва дигар чорабиниҳо<br>Маблағҳои падару модарон барои нигоҳдории муассисаҳои кӯда-кона<br>Маблағҳои қарзӣ<br>Маблағҳои мақсадноки аз фондҳои | 270<br>272<br>273<br>274 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | давлатии ғайрибуҷетӣ гирифташуда | |
| **Боби 11. Маҳсулот, кору хизматрасонии иҷрошудаи ба фармоишгарон супоридашуда** | | | |
| Маҳсулот, кору хизматрасонии иҷрошуда ва ба фармоишгарон супоридашуда | 28 | Маҳсулот, кору хизматрасонии иҷрошуда ва ба фармоишгарон супоридашуда | 280 |
| **Боби 12. Даромад, фоида ва зарар** | | | |
| Даромад | 40 | Даромади давраи ҳисоботӣ<br>Даромади давраҳои оянда | 400<br>401 |
| Фоида ва зарар | 41 | Фоида ва зарар | |
| **Ҳисобҳои ғайритавозунӣ** | | | |
| Воситаҳои асосии иҷоравӣ | 01 | | |
| Ашёҳои қиматноки моддии дар нигоҳдории масъулиятнок қарордошта | 02 | | |
| Варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ | 04 | | |
| Аз эътибор соқит гардонидани қарзи дебиторони ба адои қарз ноқобил | 05 | | |
| Масолеҳи қиматноки бо таъминоти марказонидашуда пардохтшаванда | 06 | | |
| Қарздории талабагон ва донишҷӯён барои барнагардонидани ашёҳои қиматнок | 07 | | |
| Тӯҳфа ва ҷомҳои гузарандаи варзишӣ | 08 | | |
| Роҳхатҳои пардохтнашаванда | 09 | | |
| Пардохти зиёдатии нафақа ва ёрдампулиҳое, ки дар натиҷаи нодуруст истифода бурдани қонунгузорӣ дар бораи нафақаву ёрдампулиҳо, хатогиҳои дар вақти баҳисобгирӣ ба амаломада | 10 | | |
| Ашёҳои таълимии техникаи ҳарбӣ | 11 | | |
| Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт, ки бар ивази қисмҳои фарсудашуда дода шудааст | 12 | | |

Дар баъзе ҳисобҳои баҳисобгирии буҷетӣ тартиби пештараи инъикоснамоии амалиётҳо дар ҳисобҳо дида мешавад. Масалан, дар ҳисоби 400 «Натиҷаи молиявии (корхона) муассиса» даромади муассиса (корхона) дар тарафи кредитии ин ҳисоб инъикос карда шавад, хароҷотҳо бошад дар тарафи дебетии ин ҳисоб инъикос карда мешавад.

Тартиби бурдани баҳисобгирии таҳлилӣ (ҷузъӣ)-и ташкилотҳои буҷетӣ аз рӯйи нақшаи ҳисобӣ ва санадҳои меъёрӣ оид ба объектҳои баҳисобгирӣ муқаррар карда мешавад.

## 1.8. Феҳристҳои баҳисобгирӣ

Феҳристи баҳисобгирӣ ба андозаи муайяни китобҳо ё варақаҳои ба қисматҳо ҷудокардашуда буда, барои навиштани амалиётҳои гуногун таъин шудаанд.

Феҳристҳо ҳамчун воситаи паҳнкунандаи ахбор аз 3 қисм иборат мебошанд:

- умумӣ;
- предметӣ;
- тартибдиҳӣ.

Дар қисми умумӣ чунин мушаххасот, аломатҳо монанди номи ташкилот, номи феҳрист, рақами он, нишондиҳандаҳои давраи ҳисоботӣ ва дигар аломатҳое, ки барои феҳристи мазкур умумианд ҷой мегиранд.

Дар қисми предметии феҳрист масалан ҷадвал, шакл, яъне ба сутунҳо тақсимкунӣ бо ёрии феҳрист муайян карда мешавад.

Қисми тартибдиҳии феҳрист аз имзои шахсоне иборат аст, ки барои дуруст тартиб додан ва эътимоднок будани маълумотҳои феҳрист ҷавобгар мебошанд. Ин қисми тартибдиҳии ҳуқуқии он мебошад. Одатан дар феҳрист сармуҳосиб ё иҷрокунандаи вазифаи ӯ имзо мегузорад.

Феҳристҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ аз журналҳо, варақаҳо ва шаклҳои тасдиқшуда иборат мебошанд.

Китоби бухгалтерӣ – ин варақаҳои дорои сутунҳои махсуси гурӯҳбандӣ ва муқовабандӣ шуда мебошад. Дар китобҳои бухгалтерӣ то саркунии қайдҳо ҳамаи варақаҳо рақамгузорӣ карда мешаванд. Дар саҳифаи охирин бо имзои сармуҳосиб чунин қайд карда мешавад: «Дар ин китоб ҳамагӣ 250 саҳифа рақамгузорӣ шудааст». Дар баъзе китобҳо, масалан китоби хазина ба ғайр аз рақамгузорӣ бо ресмон баста шуда, сурғоч ва мӯҳр зада мешавад.

Дар ҳар китоб номи муассиса ва соле, ки дар он китоб кушода шудааст, навишта мешавад. Китобҳо барои баҳисобгирии синтетикӣ ва аналитикӣ истифода бурда мешаванд.

Варақаҳои бухгалтерӣ – ин ҷадвалҳои алоҳидаи бо сутунҳои махсус, ки аз қоғаз ё картони тунук тайёр карда шудаанд ва барои қайди амалиётҳои бухгалтерӣ таъин шудаанд, мебошанд.

Варақаҳои бухгалтерӣ – ин як навъи варақаҳои қайди амалиётҳои бухгалтерӣ мебошанд.

Қайдҳо дар феҳристҳои бухгалетрӣ бо ранги чернила, ручка, компютер гузошта мешаванд. Дар охири ҳар моҳ дар феҳристҳои ҳисоби бухгалтерӣ ҷамъи гардишҳо ҳисоб карда мешавад.

Қайдҳо дар феҳристҳои баҳисобгирӣ бояд тоза, аниқ ва фаҳмо бошад.

Баъди тасдиқ кардани ҳисоботи солона феҳристҳои баҳисобгирӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, барои нигоҳдорӣ ба бойгонии ҷории ташкилот супорида мешавад.

Маълумотҳо дар ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ аз рӯйи санаи бавуҷудоияшон қайд шуда ва бо роҳи ғункунӣ (ҷамъкунӣ) дар феҳристҳои баҳисобгирии буҷетии зерин инъикос карда мешаванд:

Журнал – амалиёт аз рӯйи ҳисоби хазина;

Журнал – амалиёти ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони зерҳисоб;

Журнал – амалиёти ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён;

Журнал – амалиёти ҳисоббаробаркунии дебиторҳо аз рӯйи даромад;

Журнал – амалиёти ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи музди меҳнат;

Журнал – аз рӯйи дигар амалиётҳо;

Китоби асосӣ.

Қайдҳо дар журнал – амалиётҳо на дертар аз рӯзи дигар баъд аз гирифтани онҳо, гузаронида мешаванд. Алоқамандии ҳисобҳо дар журнал вобаста аз характери амалиёт аз рӯйи дебети як ҳисоб ва кредити ҳисоби дигар навишта мешавад.

Дар журнал – сармуҳосиб ва муҳосибе, ки ҳамин журналро тартиб медиҳанд, имзо мегузоранд.

Бо гузашти моҳ маълумотҳои гардишҳо мувофиқи ҳисобҳо аз журнал-амалиёт дар китоби асосӣ қайд карда мешаванд.

**Роҳҳои ислоҳи хатоиҳо дар феҳристҳои баҳисобгирӣ**

Се тарзи ислоҳи хатоиҳо дар феҳристҳои баҳисобгирӣ вуҷуд дорад:

- корректурӣ;

- навишти иловагӣ;
- қайди сурх.

Усули корректурӣ дар ҳолате истифода бурда мешавад, ки хатогӣ дар давраи ҳисоботӣ то тартибдиҳии тавозуни бухгалтерӣ ошкор карда шудааст. Моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки навишти аввала нодуруст аст бо хати борик хат зада мешавад. Баъди хат задан навишти аввала бояд хонда шавад ва дар паҳлуи он навишти дурусташро қайд намоянд, якбора сабабиислоҳкуниро қайд намуда, шахси ислоҳкунанда имзои худро дар ҳуҷҷат мегузорад. Ислоҳот бояд бо қайди «Ислоҳ карда шудааст» эзоҳ дода шавад.

Навишти иловагӣ дар ҳолате истифода бурда мешавад, ки дар маълумотҳои бухгалтерӣ ва дар феҳристҳои баҳисобгирӣ алоқамандии ҳисобҳо дуруст нишон дода шудааст, лекин маблағи амалиёт кам нишон дода шудааст. Мисол: ба шахси зерҳисоб аз хазина 40 сомонӣ дода шуд, аммо маблағи амалиёт 10 сомонӣ нишон дода шудааст. Пас, дар ин ҳолат барои маблағи боқимонда (30 сомонӣ) маълумотҳои (проводкаи) иловагӣ тартиб дода мешавад.

Агар дар қайдҳои баҳисобгирӣ алоқамандии ҳисобҳо нодуруст нишон дода шуда бошад, дар ин ҳолат барои ислоҳи хатоӣ усули «Қайди сурх» истифода бурда мешавад. Моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки навишти аввала такрор мешавад, лекин бо ранги сурх.

## 1.9. Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ

Ташкилот (муассиса) баҳисобгирии иҷроиши харҷномаи даромад ва хароҷотҳоро аз рӯйи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки аз фондҳои ғайрибуҷетӣ гирифта шудаанд, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» ва Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ ба роҳ мемонад.

Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Раёсат ва шӯъбаҳои алоҳидаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низом дароварда мешавад.

Дар ин дастурамал ҳолатҳои зерин нишон дода шудааст:

- нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтериро дар муассисаҳо;

- шаклҳои бурдани баҳисобгирии бухгалтерӣ;
- роҳҳои истифодабарии «Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ барои инъикоснамоии амалиётҳо аз рӯйи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки аз фондҳои ғайрибуҷетӣ гирифта шудаанд»;
- шаклҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва феҳристҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ;
- методҳои баҳодиҳии активҳо ва ӯҳдадориҳо;
- алоқамандии ҳисобҳо аз рӯйи амалиётҳои асосии бухгалтерӣ;
- дигар саволҳои ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ба низом даровардани баҳисобгирии санадҳои меъёриро ба табъ расонад.

Мувофиқи моддаи 7-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷавобгарӣ барои ташкили баҳисобгирӣ дар корхонаҳо, риояи қонунҳо ҳангоми иҷроиши амалиётҳои хоҷагиву молиявӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои бухгалтерӣ ба зиммаи роҳбари корхона гузошта мешавад.

Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳо (ташкилотҳо) назорати мунтазамро дар рафти иҷроиши харҷномаи даромад ва хароҷотҳо, ҳолати ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ҳифзнамои воситаҳои пулӣ ва молҳои қиматнокро бояд таъмин намояд.

Ба ӯҳдадориҳои коркунони муҳосибот дохил мешавад:
- назорат аз болои дуруст ва сарфакорона мақсаднок харҷ кардани маблағҳои аз рӯйи харҷномаи даромад ва хароҷот, инчунин муҳофизати воситаҳои пулӣ ва молҳои қиматнок дар ҷойҳои нигоҳдорӣ ва истифодабарии онҳо;
- бурдани баҳисобгирии даромад ва хароҷот аз рӯйи маблағҳое, ки аз фондҳои ғайрибуҷетӣ ворид шудаанд;
- иштирок дар гузаронидани барӯйхатгирии амвол ва ӯҳдадориҳои молиявӣ, саривақт ва дуруст муайянкунии натиҷаи барӯйхатгирӣ, инъикоснамоии онҳо дар баҳисобгирӣ;
- ҳисоб кардан ва дар вақти муқарраршуда додани музди меҳнати коркунон, идрорпулии хонандагон,

донишҷӯён, аспирантҳои муассисаҳои таълимӣ;
- тартибдиҳӣ ва пешниҳоди ҳисоботҳои бухгалтерӣ (семоҳа, шашмоҳа, нӯҳмоҳа, солона) дар вақти муайяншуда;
- маблағгузории муассиса (ташкилот), инчунин аз рӯйи иҷроиши харҷномаи даромад ва хароҷот ва дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии бухгалтерӣ;
- нигоҳдории ҳуҷҷатҳо (ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ, феҳристҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ, ҳисоботҳо, инчунин харҷномаи даромад ва хароҷот) дар мувофиқа бо қоидаҳои давлатии корҳои бойгонӣ.

Нақшаи ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ аз элементҳои зерин иборат аст: нақшаи ҳуҷҷатикунонӣ ва гирдгардиши ҳуҷҷат; нақшаи барӯйхатгирӣ; нақшаи ҳисобҳо ва алоқамандии онҳо; нақшаи ҳисоботҳо; нақшаи барасмиятдарории техникии баҳисобгирӣ; нақшаи ташкили меҳнати коркунони муҳосибот.

Дар нақшаи ҳуҷҷатикунонии номгӯи ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва феҳристҳои баҳисобгирӣ барои баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагӣ нишон дода мешавад.

Барои бурдани баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳо шакли 05 «Системаи ба шакли муайян даровардашудаи ҳуҷҷатикунонии буҷетӣ, молиявӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисобот» ва шаклҳои алоҳидаи ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ 03 «Системаи ба шакли муайян даровардашудаи ҳуҷҷатикунонии ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ» истифода бурда мешавад.

Ташкили асосии баҳисобгирии ибтидоӣ дар муассиса ҷадвали гирдгардиши ҳуҷҷат ба ҳисоб меравад. Зери мафҳуми гирдгардиши ҳуҷҷат роҳе, ки ҳуҷҷати бухгалтерӣ аз лаҳзаи тартибдиҳӣ то супоридан ба бойгонӣ тай мекунад, фаҳмида мешавад.

Гирдгардиши ҳуҷҷат дар бухгалтерия бояд дар асоси ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуҷҷат ва ҳуҷҷатнигорӣ тасдиқ кардааст, ба роҳ монда шавад.

Асоси инъикоснамоии ахбор оид ба амалиётҳои хоҷагӣ дар феҳристҳои бухгалтериро ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ташкил

медиҳад. Онҳо бояд нишондиҳандаҳоро ҳаққонӣ, саривақт ва дуруст нишон диҳанд.

Ҷадвали гирдгардиши ҳуҷҷатҳоро сармуҳосиб ва роҳбари ташкилот тартиб дода, онро тасдиқ мекунанд.

Дар нақшаи баруйхатгирӣ тартиб, шакл ва мӯҳлати гузаронидани барӯйхатгирии нақшавӣ ва ғайринақшавиро муайян мекунанд. Мӯҳлати гузаронидани барӯйхатгирии ғайринақшавӣ ба шахсони аз ҷиҳати моддӣ масъул бояд маълум набошад.

Нақшаи ҳисоботҳо ва алоқамандии онҳоро барои ташкилотҳои буҷетӣ Дастурамали аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда муайян менамояд.

Дар нақшаи ҳисоботҳо номгӯи шаклҳои ҳисоботҳо, даврахои ҳисобот, ном ва нишонии ташкилот ва муассиса, ному насаби коркунони барои тартибдиҳии ҳисобот масъул нишон дода мешавад.

Дар нақшаи барасмиятдарории техникии баҳисобгирӣ характеристикаи шаклҳои баҳисобгирӣ, ки дар ташкилоти мазкур бурда мешавад, нишон дода шуда, инчунин кадом мошинаҳои ҳисоббарор ва таҷҳизотҳо дар ташкилот истифода мешаванд, нишон дода мешаванд.

Дар нақшаи ташкили меҳнати коркунони бухгалтерия – сохтори дастгоҳ, воҳиди бухгалтерия, характеристикаи ӯҳдадории ҳар як коркунон муайян карда шуда ва ҷадвали баҳисобгирии корҳо тартиб дода мешавад.

Ҷадвали баҳисобгирии корҳо: фардӣ, таркибӣ ва ҷамъбастӣ мешавад.

Дар ҷадвали фардӣ кадом корҳое, ки ҳар як коркун бояд иҷро кунад ва мӯҳлати иҷроиши он нишон дода мешавад.

Дар ҷадвалҳои таркибӣ кадом корҳо ва дар кадом мӯҳлат аз тарафи қисмҳои сохтории бухгалтерия ё ин ки ташкилот иҷро карда мешавад, нишон дода шудааст.

Дар ҷадвали ҷамъбастӣ мӯҳлати иҷроиши баҳисобгирии алоҳидаи корҳо (тартибдиҳии ҳисобот, гузаронидани барӯйхатгирӣ) нишон дода мешавад. Он дар намуди ҷамъбастӣ ҳамаи равандҳои баҳисобгириро нишон медиҳад.

## 1.10. Ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва ҷавобгарии сармуҳосиб

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» сармуҳосибро (дар ҳолати дар штати корхона ҷой будан) роҳбари корхона (муассиса) интихоб менамояд.

Сармуҳосиб бевосита ба роҳбари корхона тобеъ буда, барои ташкил кардани сиёсати баҳисобгирӣ, бурдани баҳисобгирӣ, сари вақт ва пурра пешниҳод кардани ҳисоботҳо ҷавобгар аст.

Сармуҳосиб мувофиқати амалиётҳои хоҷагии баамаломадаро бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, назоратро аз рӯи ҳаракати амвол ва иҷрои ӯҳдадориҳо таъмин менамояд.

Талаботи сармуҳосиб оиди тартиб додани ҳуҷҷатҳо ба амалиётҳои хоҷагӣ ва шӯъбаи ҳисобдорӣ пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва маълумотҳо барои ҳамаи коркунони корхона ҳатмӣ мебошад.

Дар ташкилот ҳамаи ҳуҷҷатҳои бухгалтерии ба иҷроиши харҷномаи даромад ва хароҷотҳо аз рӯйи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳое, ки аз фондҳои ғайрибуҷетӣ гирифта шудаанд алоқаманд ҳастанд, роҳбари ташкилот ва сармуҳосиб имзо мегузоранд.

Дар ҳолати набудани розигии тарафайн байни роҳбар ва сармуҳосиби ташкилот оиди гузаронидани амалиётҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ, дар ҳолати мавҷуд будани фармони хаттии роҳбари ташкилот оиди ба ӯҳда гирифтани ҷавобгарии пурра барои оқибатҳои он иҷро карда мешавад.

Сармуҳосиб ҳуқуқ дорад:

- ӯҳдадории хизмати ҳар як коркуни бухгалтерияро муайян намояд, то ин ки ҳар як коркун вазифаи худро донад ва онро иҷро намояд;
- доир ба тартиби қайд намудани амалиётҳо ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба бухгалтерия дастурамал пешниҳод кунад;
- аз ҳамаи зерсохторҳои ташкилот сари вақт супоридани ҳуҷҷатҳо, ҳисоботҳо, сметаҳо, шартномаҳо ва дигар санадҳои барои баҳисобгирии бухгалтерӣ заруриро талаб намояд;

- барои аз кор холӣ намудан, ба дигар вазифа гузаронидани шахсони аз чиҳати моддӣ масъул – хазинадорҳо, кормандони анбор ва ғайра мавқеи худро баён намояд;
- ҳисоботҳои бухгалтерӣ ва тавозунҳо, ҳисоботҳои оморӣ оид ба мӯҳимтарин нишондиҳандаҳои кори ташкилот, ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтану додани пул, ашёҳои қиматнок ва ғайраҳоро имзо намояд (бо ҳамроҳии роҳбари ташкилот).

Ба ӯҳдадориҳои сармуҳосиб дохиланд:

- ташкили дуруст ва ратсионалии ҳисобдорӣ дар ташкилот, риояи ҳатмии қоидаҳои бурдани он, ҷорӣ намудани шаклҳои пешқадами бурдани ҳисобдорӣ бо истифодаи технологияи иттилоотии замонавӣ;
- баҳисобгирии дуруст ва саривақтии воситаҳои ташкилот, инъикоси дурусти онҳо дар ҳисобҳои бухгалтерӣ;
- риояи ҳатмии қоидаҳои баҳисобгирии хазинавӣ, сарфи дуруст ва мақсадноки маблағҳои аз бонк гирифташуда;
- тартиб додани ҳисоботҳои бухгалтерӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва қайдҳои бухгалтерӣ, пешниҳоди саривақтии онҳо дар мӯҳлатҳои муайяншуда;
- таҳлил намудани вазъи молиявӣ – хоҷагидории ташкилот дар асоси ҳисоботҳои бухгалтерӣ;
- нигоҳдории бойгонии бухгалтерӣ бо тартиби муқаррар кардашуда.

Ҳангоми аз кор озодкунии сармуҳосиб супоридани корҳо ба сармуҳосиби навтаъиншуда (ё ба иҷрокунандаи ин вазифа) гузаронида шуда, дар рафти он тафтиши ҳолати ҳисоботҳои бухгалтерӣ ва дурустии онҳо санҷида шуда, санади супоридану қабул, ки аз тарафи роҳбари ташкилот тасдиқ карда шудааст, тартиб дода мешавад.

## 1.11. Барӯйхатгирии амвол ва ӯҳдадориҳои молиявӣ

Барӯйхатгирӣ, санҷиши пуррагии амвол ва ӯҳдадориҳои ташкилот, инчунин ба таҳти назорат гирифани амалиёти шахсони аз чиҳати моддӣ масъул мебошад.

Барӯйхатгирӣ яке аз унсурҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ буда, воситаи мубориза бар зидди камомад, талафот ва

дуздидани пул, молҳои қиматнок, инчунин воситаи назорати амалӣ барои муҳофизати воситаҳои ташкилот мебошад.

Мақсадҳои асосии барӯйхатгирӣ аз инҳо иборат аст: ҳисоб намудани амволи ҳақиқатан мавҷуд буда, муқоисаи амволи мавҷудбуда бо маълумотҳои дар қайдҳои бухгалтерӣ қайд гардида; тафтиши пурра инъикос ёфтани ӯҳдадориҳо дар ҳисоботҳои молиявӣ.

Вобаста аз давраи фарогирии санҷиши амвол ва ӯҳдадориҳои ташкилот, барӯйхатгирӣ пурра ва қисман шуда метавонад.

Барӯйхатгирии пурра ҳамаи намуди амвол ва ӯҳдадориҳои молиявии ташкилотро фаро мегирад.

Барӯйхатгирии қисман як ё якчанд намуди амвол ва ӯҳдадориҳоро фаро мегирад (воситаҳои пулӣ, молу масолеҳ ва ғ.).

Ба ғайр аз ин вобаста ба таъиноти худ барӯйхатгирӣ нақшавӣ ва ғайринақшавӣ мешавад.

Барӯйхатгирии нақшавӣ – тадбири пешакӣ ва дар нақша пешбинишуда мебошад, ки тартиб ва мӯҳлати гузаронидани он муайян карда шудааст.

Барӯйхатгирии ғайринақвашӣ – дар ҳолати ногаҳонӣ бо супориши махсус хабар расонидан дар бораи камбудиҳои ҷиддии ин ё он шахси ҳисобдиҳанда гузаронида мешавад.

Гузаронидани барӯйхатгирӣ дар ҳолатҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

- ҳангоми харид, фурӯш ва ба иҷора додани амволи ташкилот;
- пеш аз тартиб додани ҳисоботи молиявии солона ғайр аз амволе, ки барӯйхатгириаш на пештар аз 1-уми октябри соли ҷорӣ сурат гирифтааст. Барӯйхатгирии воситаҳои асосиро дар се сол як маротиба гузаронидан мумкин аст, барӯйхатгирии фондҳои китобхонаро бошад дар 5 сол як маротиба;
- ҳангоми иваз намудани шахсони мутасаддӣ;
- ҳангоми муқаррар шудани далелҳои дуздӣ ё сӯиистифода аз мансаб;
- ҳангоми офатҳои табиӣ, сӯхтор, садама ва ё дигар вазъи фавқулодда;
- ҳангоми барҳам додани ташкилот;

- дар дигар ҳолатҳо, ки аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Барои гузаронидани барӯйхатгирӣ дар ташкилот комиссияи доимамалкунандаи барӯйхатгирӣ дар ҳайати роҳбари ташкилот ё муовини он (раиси комиссия), сармуҳосиб ва дигар мутахассисон (муҳандисон, иқтисодчиён, техникҳо ва г.) ташкил карда мешавад. Ҳайати шахсии комиссияро роҳбари ташкилот тасдиқ менамояд. Ғоиб будани яке аз аъзои ҳайати комиссияи барӯйхатгирӣ барои ғайриҳақиқӣ ҳисобидани натиҷаҳои кори комиссияи барӯйхатгирӣ асос шуда метавонад.

То оғози тафтишоти амволи ҳақиқӣ комиссияи барӯйхатгирӣ, ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ вобаста ба ҳаракати воситаҳои пулӣ ва ё ҳолати маводҳои арзишноку воситаҳои асосиро ҷамъ менамояд.

Раиси комиссия ҳамаи ҳуҷҷатҳои дар боло зикрёфтаро, ки ба ҳисобот ҳамроҳ мешаванд, бо нишондоди «То барӯйхатгирӣ» имзо мегузорад.

Пеш аз оғози барӯйхатгирӣ ба аъзои комиссия фармон супорида шуда, ба раис бошад тамғакунак (ки то хотимаи кори комиссия дар ихтиёри раис мемонад) дода мешавад.

Агар барӯйхатгирӣ якчанд рӯз давом кунад, биноҳое, ки дар онҳо маводҳои арзишнок нигоҳ дошта мешаванд, пас аз рафтани аъзои комиссия бояд маҳкам ва мӯҳр карда шаванд. Ҳангоми танаффус дар фаъолияти комиссияи барӯйхатгирӣ рӯйхат ва навиштаҷоти комиссия бояд дар ҷевону қуттиҳои махсус маҳкам дар биноҳои маҳкам нигоҳ дошта шаванд.

Дар ҳолати барӯйхатгирии ногаҳонӣ ҳамаи маводҳои арзишнок, дар хузури комиссияи барӯйхатгирӣ тайёр карда мешавад, дар дигар ҳолатҳо пешакӣ.

Тафтиши маводҳои боқимонда, ҳатман дар ҳузури шахсони мутасаддӣ гузаронида мешавад. Мавҷуд будани маводҳои арзишнок ҳангоми барӯйхатгирӣ бо роҳҳои ҳатман баҳисобгирӣ, баркашидан, чен намудан муайян карда мешавад.

Агар қайдҳои бухгалтерӣ дастӣ тартиб дода шуда бошанд, бояд навиштаҷотҳо аниқу равшан сабт карда шаванд. Дар ҳар саҳифаи қайдҳои бухгалтерӣ ба таври хаттӣ шумо-

раи рақамҳои тартибии маводҳои арзишнок ва ҷамъи умумии шумораи онҳо бо ченакҳои аслӣ нишон дода мешавад.

Роҳбари ташкилот вазифадор аст, ки шароити хуби кориро барои комиссияи барӯйхатгирӣ муҳайё созанд, то тафтишот пурраю ҳақиқӣ гузаронида шавад.

## Тартиб додани замимаи муқоисавии барӯйхатгирӣ

Замимаи муқоисавии бухгалтерӣ барои маводҳои арзишноке тартиб дода мешавад, ки ҳангоми барӯйхатгирӣ далелҳои аз маълумотҳои мавҷуда фарқ кардани онҳо ошкор карда шуда бошад. Дар замимаи муқоисавӣ натиҷаи барӯйхатгирӣ қайд карда мешавад, яъне фарқияти байни далелҳои ҳангоми барӯйхатгирӣ ҳосилшуда ва далелҳои дар ҳисоботҳои бухгалтерӣ дарҷёфта нишон дода мешавад. Арзиши зиёдатӣ ва норасоиҳои маводҳои арзишнок дар замимаи муқоисавӣ мувофиқ ба ҳисоби бухгалтерӣ оварда мешавад. Натиҷаи барӯйхатгирӣ бояд дар ҳисоби ҳисоботи ҳамон моҳ, ки барӯйхатгирӣ ба итмом расидааст нишон дода шавад.

Замимаи муқоисавӣ барои тартиб додани санад оид ба натиҷаҳои барӯйхатгирӣ асос ба шумор меравад.

Санад оид ба натиҷаҳои барӯйхатгириро комиссияи бо фармони роҳбари ташкилот муайяншуда, барои инъикоснамоии натиҷаҳои барӯйхатгирӣ тартиб медиҳанд.

Дар санад рақам, санаи замимаи муқоисавӣ, ки дар асоси он санад тартиб дода шудааст, нишон дода мешавад. Инчунин номгӯйи объектҳои барӯйхатгирӣ, воҳиди ченак, миқдор, рақами ҳисоби баҳисобгирии буҷетӣ, арзиши як воҳид, норасоиҳо аз рӯйи дебет ва кредитӣ дар ҳисобҳои ташкилот гузаронида шуда ва ғайра инъикос карда мешавад.

Дар санад раис ва ҳамаи аъзои комиссияи барӯйхатгирӣ имзо мегузоранд. Санад баъди тасдиқ карда шудан барои кори минбаъда ба муҳосибот супорида мешавад.

## Саволнома

1. Зарурияти ислоҳоти баҳисобгирии бухгалтериро дар ташкилотҳои буҷетӣ шарҳ диҳед.
2. Самтҳои асосии ислоҳоти баҳисобгирии бухгалтериро номбар кунед.

3. Мафҳум ва вазифаҳои асосии баҳисобгирии бухгалтериро шарҳ диҳед.
4. Кадом ҳуҷҷатҳои асосии меъёрии муайянкунандаи асосҳои методологии тартиби ташкил ва пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ мавҷуд аст? Оё, онҳо ба талаботи иқтисодиёти бозоргонӣ мувофиқат мекунанд, ё не?
5. Дар ҷараёни баҳисобгирии бухгалтерӣ бояд кадом қайдҳо риоя карда шаванд?
6. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии бухгал-терӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ дар асоси кадом ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ – меъёрӣ ташкил карда мешавад?
7. Баҳодиҳӣ ба амвол чӣ маъно дорад? Тартиби гузаронидани баҳодиҳии амвол ва шаклҳои онро шарҳ диҳед.
8. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ барои чӣ лозим аст? Ин нақша аз тарафи кӣ ва бо кадом мӯҳлат таҳия ва тасдиқ карда мешавад?
9. Хусусияти баҳисобгирии бухгалтериро дар ташкилотҳои буҷетӣ шарҳ диҳед.
10. Вазифаҳои асосии ташкили ҳисобгирии бухгалте-риро дар ташкилотҳои буҷетӣ номбар кунед.
11. Зарурият ва шаклҳои барӯйхатгирии амвол ва ӯҳдадориҳои молиявии ташкилотҳоро шарҳ диҳед.
12. Дар кадом ҳолатҳо ва аз тарафи кӣ рӯйхатгирии амвол ва ӯҳдадориҳои молиявӣ гузаронида мешавад?

# БОБИ 2. БАҲИСОБГИРИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ, АКТИВҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ ВА ҒАЙРИИСТЕҲСОЛӢ

## 2.1. Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» аз 14 майи соли 1999, №750.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи соли 2004.
3. Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ (бо фармони Вазири молияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2000, №157 тасдиқ карда шудааст).

4. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири аз 3-юми майи соли 2002, №10.
5. Дастурамал оид ба тартиб додан ва пешниҳод кардани ҳисоботҳои солона ва давравии бухгалтерии корхонаҳои буҷавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2006, №84).
6. Дастури методӣ оид ба баруйхатгирии моликият ва ӯҳдадории молиявӣ (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.05.1997).
7. Низомнома доир ба ҳисоби бухгалтерӣ «Сиёсати ҳисобдорӣ дар корхонаҳо» (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.09.1999, №135).
8. Дастурамал дар бораи ҳисоб кардани хӯрдашавӣ. Низомнома доир ба ҳисоби бухгалтерии «Ҳисоби моликият ва ӯҳдадориҳои корхона», ки бо асъори хориҷӣ ифода шудаанд (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.12.1999, №153).
9. Низомнома доир ба ҳисоби бухгалтерӣ «Баҳисобгирии фондҳои асосӣ» (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.04.2001, №64).

## 2.2. Вазифаҳо, таснифот ва баҳодиҳии воситаҳои асосӣ

Ба воситаҳои асосӣ маҷмӯи ашёҳои моддии арзишӣ, ки чун воситаи меҳнат ҳангоми истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо, расонидани хизмат ё ин ки барои идоракунии корхона зиёда аз 12 моҳ истифода карда мешаванд, дохил мебошанд.

Ба воситаҳои асосӣ дохил мешавад:

1. Иншоотҳо, биноҳо
2. Мошинҳо, таҷҳизотҳои корӣ ва қуввадиҳанда
3. Асбобу воситаҳои ченкунӣ ва танзимкунанда
4. Техникаи ҳисоббарор
5. Воситаҳои нақлиёт
6. Асбобу анҷоми ташкилот
7. Дарахтони бисёрсола

8. Чорвои корӣ ва маҳсулдиҳанда
9. Роҳҳои дохилии хоҷагӣ ва дигар воситаҳои асосӣ
10. Қитъаи замин, ки моликияти корхона ва муассиса аст
11. Дигар воситаҳои асосӣ.

Илова бар ин ба воситаҳои асосӣ дохил мешаванд:

1. Маблаггузории асосӣ, ки барои беҳтар гардонидани ҳолати замин (обёрӣ, хушконидани замин, ҳамвор кардани замин ва дигар корҳо) сарф карда шудааст.
2. Хароҷотҳо барои иҷора, биноҳо, иншоотҳо, таҷҳизотҳо, дигар объектҳо, ки аз рӯйи хароҷотҳои ҳақиқӣ ба воситаҳои асосӣ дохил аст (агар дар шартномаи иҷора дигар чиз нишон дода нашуда бошад).

Вазифаҳои асосии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ аз инҳо иборат аст:

- дуруст ҳуҷҷатноккунӣ ва саривақт инъикос намудани дохилшавии воситаҳои асосӣ дар феҳристҳои баҳисобгирӣ;
- эътимоднок муайян кардани натиҷаҳои фурӯш ва хориҷкунии воситаҳои асосӣ;
- назорат аз рӯйи ҳифз намудани воситаҳои асосӣ ва самаранок истифодабарии онҳо.

Барои ташкили баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, ки ба талаботи баланди гузошта шуда ҷавобгӯй бошад. Заминаҳои муҳими зерин таснифоти воситаҳои асосӣ, муқаррар кардани принсипҳои баҳодиҳӣ ба воситаҳои асосӣ, ҳисобгирии ягонаи онҳо аҳамияти муҳим дорад. Воситаҳои асосӣ аз рӯйи аломатҳои зерин тасниф карда мешаванд: намуд, мансубият ва истифодабарӣ.

Аз рӯйи намуд воситаҳои асосии ташкилот ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд: биноҳои истиқоматӣ, биноҳои гайриистиқоматӣ, иншоот, мошину таҷҳизотҳо, воситаҳои нақлиёт, фонди китобхона ва дигар воситаҳои асосӣ.

Дар баҳисобгирии воситаҳои асосӣ онҳо аз рӯйи арзиши аввала, барқароркунӣ ва бақиявӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Арзиши аввала – аз хароҷотҳои ҳақиқӣ барои сохтмон ё хариди воситаҳои асосӣ, хароҷотҳо оид ба кашондан (дастрас кардан); мувофиқ ба васл кардани воситаҳои сарфшуда иборат аст. Ба таркиби арзиши аввала объектҳои сохтмони

андоз аз арзиши иловашуда дохил мешавад. Арзиши аввала ба тарики зайл муайян карда мешавад:

а) аз рӯйи розигии тарафайн (шартномаи дутарафа);

б) аз рӯйи харочотҳои ҳақиқии истеҳсолӣ, сохтмон ё хариди воситаҳои асосӣ, харочоти бор кардану фаровардан, мувофиққунонӣ ва васлкунӣ;

в) бо роҳи эксперт (дар вақти аз дигар ташкилот бе бозгашт гирифтани воситаҳои асосӣ).

Тағйирот дар арзиши аввалаи воситаҳои асосӣ танҳо дар ҳолати азнавсозӣ, васеъ кардан, пурра таҷҳизонидани мувофиқ ба амал омаданаш мумкин аст.

Арзиши барқароркунӣ – ин арзиши такрористеҳсолкунии воситаҳои асосӣ дар вақти аз нав нарх мондан аст, ки он бо қарори Ҳукумат гузаронида мешавад. Арзиши аввала ё барқароркунӣ, ки аз рӯйи он воситаҳои асосӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, арзиши тавозунӣ номида мешавад.

Арзиши бақиявӣ – ҳамчун фарқи байни арзиши аввала ва хӯрдашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ аст.

## 2.3. Ҳуҷҷатноккунии воситаҳои асосӣ

Ҳаракати воситаҳои асосӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин мувофиқи шакли намунавии ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, нишондоди мухтасар оид ба пур кардан ва истифода бурдани онҳо ба расмият дароварда мешавад.

Шакли №ВА – 1 – санади қабул ва супоридани воситаҳои асосӣ. Ин шакл барои ба расмият даровардани қабулу супоридани воситаҳои асосӣ истифода карда мешавад. Санад барои ҳар як объект тартиб дода шуда, ба бухгалтерия супорида мешавад. Вай барои бақайдгирӣ дар варақаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ асос мебошад.

Шакли №ВА – 2 бархат барои дар дохили ташкилот аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронидани воситаҳои асосӣ истифода бурда мешавад. Ин ҳуҷҷат дар ду нусха тартиб дода шуда, барои ба қайд гирифтан дар дафтари қайди умумӣ (инвентарӣ) асосӣ аст.

Шакли №ВА – 4 санад оид ба барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ. Дар вақти ба расмият даровардани объектҳои ҷудогонаи воситаҳои асосӣ, ки бо сабаби пурра ё қисман барҳам додан хориҷ шудааст, ин санад истифода бурда меша-

вад. Дар санад харочотхо барои бархам додани воситахои асосӣ ва арзиши масолехи қиматнок, ки дар натичаи бархамдихии объект гирифта шудааст, инъикос карда мешавад.

Шакли №ВА – 6 дафтари қайди умумии бахисобгирии воситахои асосӣ (барои бино ва иншоотхо) мебошад.

Дафтари қайди умумӣ барои хар як объекти асосӣ шакли №ВА – 1 санади қабул ва супоридани воситахои асосӣ ва хуччатхои техникии хамин объект мебошад.

Хулоса, барои хуччатикунонии харакати воситахои асосӣ боз шаклхои зерини хуччатхо истифода бурда мешаванд:

Шакли №ВА – 7 дафтари қайди умумии бахисобгирии воситахои асосӣ (барои мошин, таччизотхо, асбобхо инвентархои истехсолӣ-хочагӣ).

Шакли №ВА – 9 дафтари қайди умумии гурӯхии воситахои асосӣ.

Шакли №ВА – 10 рӯйхати дафтархои қайди умумии бахисобгирии воситахои асосӣ.

Шакли №ВА – 11 китоби қайди умумии бахисобгирии воситахои асосӣ.

Шакли №ВА – 12 варақахои бахисобгирии воситахои асосӣ.

Шакли №ВА – 13 рӯйхати дафтархои қайди умумии воситахои асосӣ аз рӯи мавқеи чойгиршавӣ ва истифодабарии онхо.

## 2.4. Бахисобгирии аналитикии (чузъии) воситахои асосӣ

Бахисобгирии аналитикии воситахои асосӣ дар дафтархои қайди умумии воситахои асосӣ ва дафтархои қайди умумии гурӯхии воситахои асосӣ бурда мешавад.

Варақаи бахисобгирии воситахои асосӣ барои хар як объекти бахисобгирӣ кушода мешавад. Қайдхо дар он дар асоси хуччатхои ибтидоии бахисобгирӣ: санад оид ба қабул ва супоридани воситахои асосӣ ва дигар хуччатхо гузаронида мешавад.

Дар қисми сарлавхаи варақа: номи ташкилот, номи пурраи объекти бахисобгирӣ, ташкилот – тайёркунанда, мавқеи чойгиршавӣ, ному насаби шахси масъулиятнок,

рақами ҳисоби баҳисобгирии буҷетӣ, рақами дафтари қайди умумӣ нишон дода мешавад.

Дар қисми мундариҷаи варақа: рақами шиноснома, санаи барориш ва ё тайёркунӣ (барои чорво, дарахтони бисёрсола бояд санаи тавлидёбии онҳо нишон дода шавад); сана ва рақами санад; арзиши ибтидоӣ; маълумот оид ба хӯрдашавӣ; оид ба натиҷаҳои азнавбаҳодиҳӣ, дохилшавӣ, барҳамдиҳӣ, хориҷкунии объект инъикос карда мешавад.

Дафтарҳои қайди умумии гурӯҳии воситаҳои асосӣ барои гурӯҳи объектҳои воситаҳои асосӣ кушода мешавад ва барои баҳисобгирии фондҳои китобхона, дафтарҳои қайди умумии истеҳсолӣ ва хоҷагӣ нигаронида шудааст.

Дар қисми мундариҷаи варақа арзиши ибтидоии объектҳо; санаи тағйирёбии арзиш дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ; маълумот дар бораи дохилшавӣ ва хориҷкунӣ; бақия бо ифодаи пулӣ ва миқдорӣ; маълумот оид ба меъёр ва маблағи ҳисобкунии хӯрдашавӣ инъикос карда мешавад.

Барои фондҳои китобхона як варақа кушода мешавад. Баҳисобгирӣ дар он танҳо бо ифодаи пулии ҷамъи маблағ бурда мешавад.

Дафтарҳои қайди умумӣ дар рӯйхати дафтарҳои қайди умумӣ оид ба баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ба қайд гирифта мешаванд. Дар он рақами варақа, номгӯй ва рақами дафтари қайди умумии объект, қайдҳо оид ба хориҷкунии объект навишта мешавад.

Рӯйхати дафтарҳои қайди умумии активҳои ғайримолиявӣ барои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ (ба ғайр аз фондҳои китобхона), ҷавоҳирот ва молҳои қиматбаҳо, активҳои ғайриистеҳсолӣ ва ғайримоддӣ дар ҷойи нигоҳдории онҳо истифода бурда мешавад. Рӯйхатро шахси аз ҷиҳати моддӣ масъул тартиб медиҳад. Дар он ҳар як объект бо нишондиҳии рақами дафтари қайди умумӣ ё худ рақаме, ки дар корхона дар вақти истеҳсоли мол гузоштааст, рақами дафтарҳои қайди умумӣ, номгӯйи объект қайд карда мешавад. Ҳангоми хориҷкунии объект сана ва рақами ҳуҷҷат, инчунин сабабҳои хориҷкунӣ нишон дода мешавад.

Замимаи гардишӣ оид ба активҳои ғайримолиявӣ барои ҷамъоварии маълумотҳо дар бораи миқдор ва арзиши

воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва ғайриистеҳсолӣ, захираҳои моддӣ ва тафтиши дурустии қайдҳои дар ҳисобҳои аналитикӣ баамаломада бо маълумотҳои ҳисобҳои воситаҳои асосӣ, активҳои ғайриистеҳсолӣ ва ғайримоддӣ, китоби асосӣ истифода бурда мешавад.

Ин замима ҳар семоҳа (оид ба захираҳои моддӣ ҳар моҳ) аз тарафи шахсони аз ҷиҳати моддӣ масъул бо нишондиҳии номгӯйи объект, рақами дафтари қайди умумии объект, воҳиди ченак, миқдор ва маблағ дар аввали моҳ, гардишҳо аз рӯйи дебет ва кредит, миқдор ва маблағ дар охири моҳ тартиб дода мешавад.

## 2.5. Баҳисобгирии синтетикии (куллии) миқдор ва ҳаракати воситаҳои асосӣ

Баҳисобгирии синтетикӣ (кулли)-и миқдор ва ҳаракати воситаҳои асосӣ дар ҳисоби 01 «Воситаҳои асосӣ» ба ҳисоб гирифташуда, аз зерҳисобҳои зерин иборат аст:

010 «Бино»;

011 «Иншоот»;

012 «Дастгоҳҳои таҳвилдиҳанда»;

013 «Мошинҳо ва таҷҳизотҳо»;

015 «Воситаҳои нақлиётӣ»;

016 «Олотҳо, асбобҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ (аз он ҷумла, лавозимот)»;

017 «Ҳайвоноти корӣ ва сермаҳсул»;

018 «Фонди китобхона»;

019 «Дигар воситаҳои асосӣ».

Дохилшавӣ ва дар дохили ташкилот аз як ҷо ба ҷойи дигар гузаронидани воситаҳои асосӣ бо чунин навишти бухгалтерӣ ба расмият дароварда мешавад.

Азнавсозии бино, иншоот ё ин ки корҳо оид ба таъмири онҳо дар тарафи дебети ҳисоби 010/2 «Зиёдшавии арзиши биноҳои истиқоматӣ», 010/1 «Зиёдшавии арзиши биноҳои ғайриистиқоматӣ», тарафи кредитии ҳисоби 224/2 «Камшавии маблағгузории асосӣ ба воситаҳои асосӣ» инъикос карда мешавад.

Ҳангоми қабулкунии ҳисобдории бухгалтерии объектҳои воситаҳои асосӣ аз рӯйи арзиши ибтидоӣ ба рас-

мият даровардани онҳо ҳангоми харидорӣ кардан, ройгон гирифтан мувофиқи ҳисобҳои аналитикии баҳисобгирӣ дар тарафи дебети ҳисоби 01 «Воситаҳои асосӣ» ва дар тарафи кредити ҳисоби 01 «Камшавии маблаггузории асосӣ ба воситаҳои асосӣ» инъикос карда мешавад.

Қисми зиёдатии воситаҳои асосӣ ҳангоми гузаронидани барӯйхатгирӣ ошкоршуда бо арзиши бозорӣ мувофиқи ҳисобҳои аналитикии баҳисобгирӣ дар тарафи дебети ҳисоби 01 «Воситаҳои асосӣ» ва дар тарафи кредити ҳисоби 400 «Даромади давраи ҳисоботӣ» инъикос карда мешаванд.

Аз як ҷо ба ҷойи дигар гузаронидани воситаҳои асосӣ дар дохили ташкилот дар тарафи дебет ва кредити ҳисоби 01 «Воситаҳои асосӣ» ва ҳисоби 019 «Камшавии дигар воситаҳои асосӣ» инъикос карда мешавад.

Дар ҳолати амалӣ намудани қайдҳо оид ба хориҷкунии активҳои хӯрдашаванда як чизро дар назар дошт, ки мувофиқи ҳисобҳо онҳо аз рӯйи арзиши ибтидоӣ ва арзиши барқароркунӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Аз ҳисоб баровардани маблағи ҳисобкардашудаи хӯрдашавӣ аз рӯйи объектҳо мувофиқи ҳисобҳои аналитикӣ дар ҳисоби 02 «Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ» инъикос карда мешавад. Арзиши бақиявии активҳои хӯрдашаванда аз тарафи кредити ҳисобҳо дар бораи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ дар тарафи дебети ҳисобҳои мувофиқ аз ҳисоб бароварда мешавад.

Аз ҳисоб баровардан ва соқит кардани объектҳои воситаҳои асосӣ, ҳангоми фурӯш ва норасоии онҳо мувофиқи ҳисобҳои аналитикии баҳисобгирӣ дар тарафи дебети ҳисобҳои 02 «Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ», ҳисоби 400 «Даромади давраи ҳисоботӣ» ва дар тарафи кредити ҳисоби 010 «Камшавии арзиши биноҳои истиқоматӣ», 010/2 «Камшавии арзиши биноҳои гайриистиқоматӣ», 011 «Камшавии арзиши иншоотҳо», 013 «Камшавии арзиши мошин ва таҷҳизотҳо», 015 «Камшавии олотҳои асбобҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ», 016 «Камшавии арзиши инвентарҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ», 018 «Камшавии арзиши фонди китобхона», 019 «Камшавии арзиши дигар воситаҳои асосӣ» (бо арзиши ибтидоӣ) инъикос карда мешавад.

Ҳангоми ройгон додани объектҳои воситаҳои асосӣ бо арзиши тавозунӣ аз кредити ҳисобҳои 250 – 251 ба дебети ҳисобҳои дар бораи баҳисобгирии ҳисоббаробаркунии ташкилотҳои давлатӣ ва мунисипиалӣ ва ташкилотҳо (ҳисоби 090 «Ҳисоббаробаркунӣ байни маъмурӣ, асосӣ ва гирандаи воситаҳо») ҳангоми бадастории воситаҳои асосӣ гузаронида шуда аз эътибор соқит карда мешавад. Якбора маблағи ҳисобкардашудаи хӯрдашавӣ дар тарафи дебети ҳисоб ва дар тарафи кредити ҳисоби ҳисоббаробаркунӣ бо ташкилотҳои давлатӣ ва мунисипиалӣ ва муассисаҳо инъикос карда мешавад.

Мисол:

Ташкилоти «А» бо қарори маъмурият ташкилоти болоии асосӣ аз воситаҳои буҷетӣ ба ташкилоти «Б» таҷҳизот дод. Арзиши ибтидоии таҷҳизот – 20000 сомонӣ ва маблағи хӯрдашавии таҷҳизот – 12000 сомониро ташкил медиҳад.

Дар амалиёти нишондодашуда навишти бухгалтерии зерин бояд ба вуҷуд ояд:

Дар ташкилоти «А»

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Дебети ҳисоби 090 «Ҳисоббаробаркунии дохилӣ байни маъмурияти асосӣ ва гирандаи воситаҳо ҳангоми харидани воситаҳои асосӣ»<br>Кредити ҳисоби 013 «Камшавии арзиши мошин ва таҷҳизотҳо» | 20000 сомонӣ |
| 2. | Дебети ҳисоби 113 «Камшавии арзиши таҷҳизотҳо аз ҳисоби хӯрдашавӣ<br>Кредити ҳисоби 090 | 12000 сомонӣ |

Дар ташкилоти «Б»

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Дебети ҳисоби 013 «Зиёдшавии арзиши мошин ва таҷҳизотҳо»<br>Кредити ҳисоби 090 | 20000 сомонӣ |
| 2. | Дебети ҳисоби 090<br>Кредити ҳисоби 013 | 12000 сомонӣ |

Мувофиқи тартиби муайяншуда ба таври ройгон додани воситаҳои асосӣ дар тарафи дебети ҳисобҳои 250 «Ҳисоббаробаркунии дохили байни маъмури тақсимкунандаи асосӣ ва гирандаи воситаҳои асосӣ аз рӯйи дастрас кардани воситаҳои асосӣ» (дар доираи ҳаракати объектҳо байни ташкилотҳо), «Хароҷотҳо барои ройгон ва

бебозгашт гузаронидашудаи воситаҳои асосии ташкилот» ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои 010 «Камшавии арзиши биноҳои истиқоматӣ», 010/1 «Камшавии арзиши биноҳои ғайриистиқоматӣ», 011 «Камшавии арзиши иншоотҳо», «Камшавии арзиши мошин ва таҷҳизотҳо», 015 «Камшавии арзиши воситаҳои нақлиёт», 016 «Камшавии арзиши инвентарҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ», 018 «Камшавии арзиши фонди китобхона», 019 «Камшавии арзиши дигар воситаҳои асосӣ» инъикос карда мешавад.

Аз эътибор соқит гардонидани объектҳои асосии корношоямгашта бо қайдҳои бухгалтерӣ ба расмият дароварда шуда, дар тарафи дебети ҳисоби 020 «Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ», дар тарафи дебети ҳисоби 400 «Даромад аз фурӯши активҳо» бо арзиши бақиявӣ ва дар тарафи кредитии ҳисоби 010/2 «Камшавии арзиши биноҳои истиқоматӣ», 010/1 «Камшавии арзиши биноҳои ғайриистиқоматӣ», 011 «Камшавии арзиши иншоотҳо», 013 «Камшавии арзиши мошин ва таҷҳизотҳо», 015 «Камшавии арзиши воситаҳои нақлиёт», 016 «Камшавии арзиши инвентарҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ», 018 «Камшавии арзиши фонди китобхона» ва 019 «Камшавии арзиши дигар воситаҳои асосӣ» инъикос карда мешавад.

Дар як вақт барои дохилкунии арзиши материалҳои аз барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ ба дастомада ва дар ихтиёри ташкилот монда қайдҳо гузаронида мешавад ва дар тарафи дебети ҳисобҳои 040-069 ҳисоби «Захираҳои моддӣ» ва кредити ҳисоби 400 «Даромад аз фурӯши активҳо» иъникос карда мешавад.

Аз эътибор соқит гардонидани объектҳои воситаҳои асосии дар натиҷаи офатҳои табиӣ ва дигар ҳодисаҳои фавқулодда корношоям шуда, дар тарафи дебети ҳисобҳои 020 «Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ», 200 «Хароҷотҳои фавқулодда аз рӯи амалиёт бо активҳо» (бо арзиши бақиявӣ) ва дар тарафи кредити ҳисобҳои 010 «Камшавии арзиши биноҳои истиқоматӣ», 010/1 «Камшавии арзиши биноҳои ғайриистиқоматӣ», 011 «Камшавии арзиши иншоотҳо», 013 «Камшавии арзиши мошин ва таҷҳизотҳо», 015 «Камшавии арзиши воситаҳои нақлиёт», 016 «Камшавии арзиши инвентарҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ», 018 «Камшавии

арзиши фонди китобхона» ва 019 «Камшавии арзиши дигар воситаҳои асосӣ» инъикос карда мешавад.

Маблағгузории воситаҳои асосӣ ба сармояи Оинномаи ташкилот дар ҳаҷми арзиши бақиявии онҳо дар тарафи дебети ҳисоби «Зиёдшавии арзиши саҳмия ва дигар намудҳои саҳмдорӣ дар сармоя» ва дар тарафи кредити ҳисоби 01 «Воситаҳои асосӣ» 010 - 019 иъникос карда мешавад.

Баҳисобгирии амалиётҳо аз рӯйи хориҷкунӣ ва аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронидани объектҳои воситаҳои асосӣ ва дигар активҳои ғайримолиявӣ дар Журнали амалиётҳо аз рӯйи хориҷкунӣ ва аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронидани активҳои ғайримолиявӣ бурда мешавад. Барои назорат аз рӯйи мувофиқати маълумотҳои баҳисобгирӣ оид ба объектҳои воситаҳои асосӣ ва маълумотҳо мувофиқи ҳисобҳои аналитикии баҳисобгирии буҷетӣ, ҳисоби 01 «Воситаҳои асосӣ» Замимаи гардишӣ активҳои ғайримолиявӣ тартиб дода мешавад.

Дар Журнал сана, рақам ва номи ҳуҷҷат; номгӯи нишондиҳандаҳо (ном ва насаби шахси масъулиятнок); рақами ҳисоби баҳисобгирии буҷетӣ аз рӯйи дебет ва кредит; маблаг; ҷамъи маблағ аз рӯйи дебет ва кредит; миқдори замимаҳо нишон дода мешавад.

Дар охири ҳар моҳ маблағҳои ҷамъбастӣ аз рӯйи дебет ва кредити ҳисобҳои баҳисобгирии буҷетӣ ба китоби асосӣ гузаронида мешавад.

## 2.6. Баҳисобгирии таъмири воситаҳои асосӣ

Аз рӯйи ҳаҷм ва характер корҳои таъмирии гузаронидашаванда онҳоро ба таъмири асосӣ ва ҷории воситаҳои асосӣ ҷудо мекунанд. Онҳо аз рӯйи ҳаҷм, мӯҳлати иҷроиш аз якдигар фарқ мекунанд. Таъмири воситаҳои асосӣ метавонад аз тарафи худи ташкилот, ё ин ки аз тарафи ташкилотҳои пудратӣ ба роҳ монда шавад.

Дар ҳар ду ҳолат барои ҳар як объекти таъмиршаванда санади каму костҳо тартиб дода мешавад. Дар он корҳои иҷрошаванда, мӯҳлати саршавaӣ ва ба охиррасии таъмир, меъёри вақт барои кор ва тайёркунии қисмҳои ивазшаванда,

арзиши харҷномавии таъмир аз рӯйи моддаҳои ҷудокардашуда нишон дода мешавад.

Агар таъмири асосӣ аз тарафи худи ташкилот иҷро карда шавад, дар асоси санади каму костҳо нарядҳо – супоришҳо навишта мешавад. Дар асоси санади каму костҳо ва нарядҳо – супоришҳо ҳуҷҷатҳо барои аз анбор гирифтани қисмҳои эҳтиётии зарурӣ ва маводҳо, супоришҳои корӣ барои тайёркунӣ, монтаж ва таъмири деталҳо ва сохторҳо тартиб дода мешаванд.

Хароҷотҳо барои таъмири асосӣ ба хароҷотҳои дар давраи таъмир ба амал омада дохил карда мешаванд.

Қабули объекти таъмиршуда аз таъмири асосӣ бо санад оид ба қабулу супоридани объектҳои воситаҳои асосии таъмиркардашуда, нав кардашуда ба расмият дароварда мешавад. Дар вақти ба муҳосибот дохилшавии санад корҳои иҷрошуда дар варақаи инвентарӣ қайд карда мешавад. Ба ғайр аз ин санад оиди қабулу супоридан барои аз ҳисоб баровардани арзиши аслии таъмири асосӣ асос шуда метавонад.

Хароҷотҳои ҳақиқии таъмири асосии воситаҳои асосӣ (арзиши маводҳои сарфшуда, ҳисобкунии музди меҳнати коргарони таъмиркунанда, дигар хароҷотҳо) дар тарафи дебети ҳисоби 040 «Хароҷотҳои ташкилот» инъикос карда мешавад.

Ҳангоми ба амал омадани таъмири асосӣ аз тарафи ташкилоти пудратчӣ маблағи хароҷотҳо инчунин дар тарафи дебети ҳисоби 150«Ҳисоббаробаркунӣ бо молтаъминкунандагон ва пудратчиён» инъикос карда мешавад.

## 2.7. Баҳисобгирии активҳои ғайриистеҳсолӣ

Зери мафҳуми активҳои ғайриистеҳсолӣ активҳое, ки маҳсулоти истеҳсолӣ ба шумор намераванд ва дар раванди фаъолияти ташкилот истифода мебаранд, фаҳмида мешавад (замин, захираҳои зеризаминӣ ва дигарҳо).

Активҳои ғайриистеҳсолӣ аз рӯйи арзиши ибтидоӣ дар вақти ҷалб кардани онҳо ба хоҷагӣ инъикос карда мешаванд. Арзиши ибтидоии ин активҳо, маблағгузории ҳақиқии ташкилот дар вақти дастраси (харидан)-и онҳо фаҳмида мешавад.

Зери арзиши бозории ҷорӣ ҷамъи воситаҳои пулӣ дар натиҷаи фурӯши активҳои номбаршуда ба даст омадаанд, фаҳмида мешаванд.

Ташкилот азнавбаҳодиҳии арзиши объектҳои аквтиҳои ғайриистеҳсолиро дар аввали соли ҳисоботӣ бо роҳи аз нав ҳисоб кардани арзиши ибтидоӣ ё арзиши ҷорӣ мегузаронад.

Ба ҳар як объекти активҳои ғайриистеҳсолӣ новобаста аз он ки он дар истифодабарӣ, дар захира қарор доранд, рақами инвентари ягона дода мешавад, ки дар феҳристҳои баҳисобгирии буҷетӣ истифода бурда мешавад.

Баҳисобгирии аналитики (ҷузъӣ)-и объектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ дар варақаи инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ бурда мешавад.

Баҳисобгирии амалиёт оиди аз эътибор соқитгардонӣ (хориҷкунӣ) ва аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани объектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ дар Журнали амалиёт оиди аз эътибор соқит гардони (хориҷкунӣ) ва аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани активҳои ғайримолиявӣ бурда мешавад.

Дохилшавии объектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ бо санад оиди қабулу супоридани объектҳои воситаҳои асосӣ (ба ғайр аз бино ва иншоотҳо), санад оиди қабул ва супоридани гурӯҳии воситаҳои асосӣ (ба ғайр аз бино, иншоотҳо) ба расмият дароварда мешавад.

Аз эъибор соқит гардонидани объектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ дар асоси санад оиди аз эътибор соқит гардонидани воситаҳои асосӣ (ба ғайр аз воситаҳои нақлиёт), санад оиди аз эътибор соқит кардани гурӯҳи объектҳои воситаҳои асосӣ (ба ғайр аз воситаҳои нақлиёт) гузаронида мешавад.

Баҳисобгирии объектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ дар ҳисобҳои зерини Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии буҷетӣ бурда мешавад:

019 «Замин»;

019/1 «Захираҳои зеризаминӣ»;

019/2 «Дигар активҳои ғайриистеҳсолӣ».

Дар ҳисоби 019 «Замин» объектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ дар намуди қитъаи замин, тозакунии замин аз сангҳо, тозакунии обанборҳо, иншоотҳои обӣ, хушккунӣ ва дигар корҳо ба ҳисоб ғирифта мешавад.

Ҳисоби 019/1 «Захираҳои зеризаминӣ» барои баҳисобгирии объектҳои активи ғайриистеҳсолӣ дар намуди захираҳои табиӣ (нефт, гази табиӣ, ангишт ва ғ), захираҳои биологӣ (ҳайвонот ва наботот) нигаронида шудааст.

Дар ҳисоби 019/2 «Дигар активҳои ғайриистеҳсолӣ объектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ», ки дигар ҳисобҳои оиди баҳисобгирии объектҳои активи ғайриистеҳсолӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Амалиётҳо оиди дохилшавии объектҳои активи ғайриистеҳсолӣ бо қайдҳои зерини бухгалтерӣ ба расмият дароварда мешаванд:

Обьектҳои активи ғайриистеҳсолӣ дар вақти харидан, ройгон (бепул) гирифтан дар тарафи дебети ҳисобҳои 019 «Зиёдшавии арзиши замин», 019/1 «Зиёдшавии арзиши захираҳои зеризаминӣ», 019/2 «Зиёдшавии арзиши дигар активҳои ғайриистеҳсолӣ» ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои 090 «Камшавии маблағгузории асосӣ ба активҳои ғайриистеҳсолӣ» инъикос карда мешавад.

Дохилкунии зиёдатии объектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ дар вақти барӯйхатгирии ошкоршуда аз рӯйи арзиши ҷории бозорӣ дар тарафи дебети ҳисобҳои 019 «Зиёдшавии арзиши замин», 019/1 «Зиёдшавии арзиши захираҳои зеризаминӣ», «Зиёдшавии арзиши дигар активҳои ғайриистеҳсолӣ» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 250 «Фонди асосӣ» инъикос карда мешавад.

Маблағи паст кардашудаи арзиши обеъктҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ дар натиҷаи аз нав баҳодиҳӣ дар тарафи кредити (дебети)-и ҳисоби 410 «Натиҷаи молиявии давраҳои ҳисоботии гузашта» ва дар тарафи дебети (кредити)-и ҳисоби 019 «Активҳои ғайриистеҳсолӣ» инъикос карда мешавад.

Аз эътибор соқит гардонидани (хориҷкунии) объектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ бо қайдҳои бухгалтерии зерин ба расмият дароварда мешавад.

Аз эътибор соқит гардонидани (хориҷкунии) обьектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ ҳангоми фурӯши онҳо аз рӯйи арзиши тавозунӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 400 «Даромад аз фурӯши активҳо» ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои 019 «Камшавии арзиши замин», 019/1 «Камшавии

арзиши захираҳои зеризаминӣ», 019/2 «Камшавии арзиши дигар воситаҳои ғайриистеҳсолӣ» инъикос карда мешавад.

Ройгон додани объектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ дар тарафи дебетии ҳисобҳои 250 «Ҳисоббаробаркунии дохилӣ байни маъмур ва қабулкунандаи асосии воситаҳо оиди харидани активҳои ғайриистеҳсолӣ», 250/1 «Хароҷотҳо барои бебозгашт ва ройгон ҳисоб кардани ташкилотҳои давлатӣ ва мунисипиалӣ» ва кредити ҳисоби 019 «Камшавии арзиши замин», 019/1 «Камшавии арзиши захираҳои зеризаминӣ», 019/2 «Камшавии арзиши дигар активҳои ғайриистеҳсолӣ» инъикос карда мешавад.

Аз эътибор соқит гардонидани объектҳои активҳои ғайриистеҳсолии корношоямшуда дар тарафи дебети ҳисоби 250 «Даромад аз фурӯши активҳо» ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои 019/1 «Камшавии арзиши замин», 019/2 «Камшавии арзиши захираҳои зеризаминӣ», 019/3 «Камшавии арзиши дигар активҳои ғайриистеҳсолӣ» инъикос карда мешавад.

Ҳангоми аз эътибор соқит гардонидани объектҳои активҳои ғайриистеҳсолии дар натиҷаи офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулодда корношоямшуда дар тарафи дебетии ҳисоби 250 «Хароҷотҳои фавқулодда аз рӯйи амалиёт бо активҳо» ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои 019 «Камшавии арзиши замин», 019 «Камшавии арзиши захираҳои зеризаминӣ», 019/1 «Камшавии арзиши дигар активҳои ғайриистеҳсолӣ» инъикос карда мешавад.

Маблағгузории объектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ ба сармояи оинномаи ташкилот ба андозаи арзиши тавозунии онҳо дар тарафи дебетии ҳисоби 090 «Зиёдшавии арзиши саҳмия ва дигар шаклҳои саҳмдорӣ ба сармоя» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 019 «Активҳои ғайриистеҳсолӣ», 019/1 «Захираҳои зеризаминӣ», 019/2 «Дигар активҳои ғайриистеҳсолӣ» инъикос карда мешавад.

## 2.8. Баҳисобгирии активҳои ғайримоддӣ

Активҳои ғайримоддӣ ин активи ғайрипулӣ шинохташавандае, ки шакли ҷисмонӣ надорад ва ҳангоми истеҳсол ё пешниҳоди молу хизмат, барои иҷорадиҳӣ, ё ин ки мақсадҳои маъмурӣ истифода мегардад.

Нишонаҳои асосии активҳои ғайримоддӣ инҳоянд:

1. Мавҷуд набудани таҷассуми моддӣ.
2. Дараҷаи баланди номуайянӣ нисбати фонди оянда.
3. Барои фурӯш таъинот надоштан.
4. Мӯҳлати истифодабарии тулонӣ.
5. Даркнашаванда, ҳиснашаванда ва ғайриҷисмонӣ.

Объектҳои активҳои ғайримоддӣ ба баҳисобгирии буҷетӣ аз рӯйи арзиши ибтидоӣ, яъне аз рӯйи арзиши ҳақиқии маблағгузорӣ ҳангоми ба дастории онҳо бо баҳисобгирии маблағи андоз аз арзиши иловашуда қабул карда мешавад.

Тағйирот дар арзиши ибтидоии объектҳои активҳои ғайримоддӣ ҳангоми навоварӣ ва азнавбаҳодиҳии объектҳои активҳои ғайримоддӣ ба амал меояд.

Арзиши тавозунии активҳои ғайримоддӣ арзиши ибтидоии (объектҳои) онҳо бо баҳисобгирии тағйиротҳои нишондодашуда ба ҳисоб меравад.

Ташкилот азнавбаҳодиҳии арзиши объектҳои активҳои моддиро аз рӯйи ҳолати дар аввали соли ҳисоботи бо роҳи аз нав ҳисоб кардани арзиши тавозунии онҳо ва маблағи ҳисобкардашудаи объектҳо дар вақти истифодабарии объектҳо мегузаронад.

Маблағи пасткардашудаи арзиши объектҳои активҳои ғайримоддӣ дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 040 «Натиҷаи молиявии давраҳои ҳисоботии гузашта» ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои 031 «Активҳои ғайримоддӣ», 020 «Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ»-и активҳои ғайримоддӣ инъикос карда мешавад.

Ба ҳар як объекти активҳои ғайримоддӣ рақами инвентари ягона дода мешавад, ки дар феҳристҳои баҳисобгирии буҷетӣ истифода бурда мешавад.

Баҳисобгирии аналитики (ҷузъи)-и объектҳои активҳои ғайримоддӣ дар варақаи инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ бурда мешавад.

Баҳисобгирии амалиётҳо оиди аз эътибор соқитгардонӣ ва аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани объектҳои активҳои ғайримоддӣ дар журнали амалиётҳо оиди аз эътибор соқитгардонӣ ва аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани активҳои ғайримолиявӣ бурда мешавад.

Дохилшавии активҳои ғайримоддӣ, аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидан дар дохили ташкилот бо ҳуҷҷатҳои ибтидоии зерин ба расмият дароварда мешаванд:

Шакли ВА – 1 санади қабул ва супоридани объектҳои воситаҳои асосӣ (ба ғайр аз бино ва иншоотҳо);

Санад оиди қабул ва супоридани гурӯҳ объектҳои воситаҳои асосӣ (ба ғайр аз бино ва иншоотҳо);

Бархат барои дар дохили ташкилот аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани воситаҳои асосӣ.

Аз эътибор соқитгардонии активҳои ғайримоддӣ бо санад оиди аз эътибор соқитгардонӣ(хориҷкунӣ)-и воситаҳои асосӣ (ба ғайр аз воситаҳои наклиёт) (шакли ВА – 4) ба расмият дароварда мешавад.

Мувофиқи муҳимияти активҳои ғайримоддӣ дар ҳуҷҷатҳои оиди дохилшавӣ ва аз эътибор соқитгардонӣ (хориҷкунӣ)-и онҳо бояд тавсифи онҳо, тартиб ва мӯҳлати истифодабарӣ, арзиши ибтидоӣ, санаи дохилшавӣ ва хориҷкунӣ аз истифодабарӣ ва дигар мушаххасот нишон дода шавад.

Баҳисобгирии синтетикӣ (куллӣ)-и активҳои ғайримоддӣ дар ҳисоби 031 «Активҳои ғайримоддӣ» бурда мешавад.

Дохилшавии активҳои ғайримоддӣ бо қайдҳои зерини бухғалтерӣ ба расмият дароварда мешавад:

Объектҳои активҳои ғайримоддӣ дар вақти бадасторӣ (харидан), ройгон гирифтан дар тарафи дебетии хисоби 178 «Зиёдшавии арзиши активҳои ғайримоддӣ» ва дар тарафи кредитии хисоби 090 «Камшавии маблағгузории асосӣ ба активҳои ғайримоддӣ» инъикос мегардад.

Активҳои моддии дар вақти барӯйхатгирӣ ошкоркардашуда аз рӯйи арзиши бозорӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 031 «Зиёдшавии арзиши активҳои ғайримоддӣ» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 400 «Даромади давраи ҳисоботӣ» ба ҳисоб гирифта мешавад.

Амалиётҳо оиди аз эътибор соқит гардонидани активҳои ғайримоддӣ бо қайдҳои бухғалтерии зерин ба расмият дароварда мешавад:

Аз эътибор соқит гардондании активҳои ғайримоддӣ ҳангоми фурӯши онҳо дар тарафи дебетии ҳисоби 090 «Камшавии арзиши активҳои ғайримоддӣ аз ҳисоби

хӯрдашавӣ» ва дар тарафи дебетии ҳисоби 400 «Даромад аз фурӯши активҳо» (бо арзиши боқиявӣ) ва дар тарафи кредитии ҳисоби 031 «Камшавии арзиши активҳои ғайримоддӣ» (бо арзиши ибтидоӣ) инъикос карда мешавад.

Ба таври ройгон додани активҳои ғайримоддӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунии дохилӣ байни маъмури асосӣ ва қабулкунандаи воситаҳо оиди бадастории (харидани) активҳои ғайримоддӣ» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 031 «Камшавии арзиши активҳои ғайримоддӣ» инъикос карда мешавад.

Аз эътибор соқит гардонидани активҳои ғайримоддии корношоямгардида аз рӯйи арзиши тавозунии дар тарафи дебетии ҳисоби 250 «Камшавии арзиши активҳои ғайримоддӣ аз ҳисоби хӯрдашавӣ», 400 «Даромад аз фурӯши активҳо» ва кредити ҳисоби 031 «Камшавии арзиши активҳои ғайримоддӣ» инъикос карда мешавад.

Маблағгузории объектҳои активҳои ғайримоддӣ ба сармояи оинномаи ташкилот бо андозаи арзиши бақиявии онҳо дар тарафи дебетии ҳисоби 080 «Зиёдшавии арзиши саҳмия ва дигар шаклҳои саҳмдорӣ ба сармоя» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 020 «Камшавии арзиши активҳои ғайримоддӣ» инъикос карда мешавад.

## 2.9. Баҳисобгирии хӯрдашавии воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ

Дар вақти дар ташкилот воқеъ будани объектҳои воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ арзиши онҳо ба тариқи хӯрдашавӣ ҳисоб карда мешавад.

Маблағи солонаи хӯрдашавии воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ бо роҳи ҷадвали аз арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ, меъёри хӯрдашавӣ вобаста аз мӯҳлати истифодабарии ин объектҳо ҳисоб карда мешавад.

Мисол: маблағи моҳонаи хӯрдашавӣ бо роҳи истифодаи ҷадвали махсус муайян карда мешавад.

Арзиши тавозунии объект – 120000 сомонӣ. Мӯҳлати хизмат барои 10 сол муайян карда шудааст. Маблағи солонаи хӯрдашавӣ 12000 сомониро ташкил медиҳад (120000

сомонӣ : 10 сол), маблағи моҳона бошад – 1000 сомониро ташкил медиҳад (12000 сомонӣ : 12 моҳ).

Мӯҳлати истифодбарии объектҳои воситаҳои асосӣ ҳангоми қабулкунии объектҳо бо баҳисобгирии бухгалтерӣ мувофиқи таснифоти объектҳои воситаҳои асосӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Барои баъзе намуди воситаҳои асосӣ, ки мӯҳлати истифодабариашон муайян нест, ташкилот мувофиқи шароитҳои техникӣ ва тавсияи корхонаи тавлидкунандаи ин воситаҳо мӯҳлати истифодабарии онҳоро муайян менамояд.

Мӯҳлати истифодабарии активҳои ғайримоддӣ дар ташкилот аз рӯйи мӯҳлати гирифтани амали патент, шаҳодатнома ва дигар мӯҳлатҳои муқарраршудаи истифодабарии объектҳои моликияти зеҳнӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Оид ба активҳои ғайримоддӣ, ки мӯҳлати истифодабариашон муайян карда нашудааст, мӯҳлати истифодабарии меъёри хӯрдашавӣ муддати 20 сол муайян карда мешавад.

Ҳисобкунии хӯрдашавии объектҳои воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ аз 1-уми моҳе, ки ин объектҳо ба ҳисобгирии бухгалтерӣ қабул карда шудаанд, оғоз ёфта, то пардохти пурраи арзиши ин объектҳо ба амал меояд.

Дар муддати соли ҳисоботӣ хӯрдашавӣ барои воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ ҳар моҳ ба андозаи маблағи солона 1/12 ҳисоб карда мешавад.

Ҳисоб кардани хӯрдашавии объектҳои воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ дар ҳисоби 02 «Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ» инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии ҳисоб кардани хӯрдашавӣ дар зерҳисобҳои зерин бурда мешавад:

020 «Хӯрдашавии биноҳои истиқоматӣ»;
020/1 «Хӯрдашавии биноҳои ғайриистиқоматӣ»;
020/2 «Хӯрдашавии иншоотҳо»;
020/3 «Хӯрдашавии мошин ва таҷҳизотҳо»;
020/4 «Хӯрдашавии воситаҳои нақлиёт»;
020/5 «Хӯрдашавии инвентарҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ»;
020/6 «Хӯрдашавии дигар воситаҳои асосӣ»;
020/7 «Хӯрдашавии активҳои ғайримоддӣ».

Ҳисоб кардани хӯрдашавии объектҳои воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 031 «Харочотҳо барои хӯрдашавии воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ», ҳисоби «Зиёдшавии арзиши тайёркунии маводҳо, маҳсулоти тайёр (кор, хизмат)» ва дар тарафи кредетии ҳисоби 020 «Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ» инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯйи ҳисоби 020 «Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ» дар замимаи гардишӣ оиди воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ бурда мешавад.

Маблағи умумии хӯрдашавӣ дар моҳи ҳисоботии ҳисобкардашуда аз рӯйи воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ дар журнали амалиёт оиди аз эътибор соқит гардонидан ва аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани активҳои ғайримоддӣ инъикос карда мешавад.

## 2.10. Баҳисобгирии маблағгузорӣ ба активҳои ғайримолиявӣ

Барои баҳисобгирии маблағгузорӣ дар ҳаҷми хароҷотҳои ҳақиқии ташкилот ба объектҳои ғайримолиявӣ ҳангоми харидан (бадасторӣ), сохтмон, навоварӣ, тайёркунӣ, ки ба ҳисобгирии бухгалтерӣ ба сифати объектҳои активҳои ғайримолиявӣ (воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва ғайриистеҳсолӣ, маҳсулоти тайёр) қабул карда мешаванд, ҳисоби 111 «Маблағгузорӣ ба активҳои ғайримолиявӣ» нигаронида шудааст.

Баҳисобгирии маблағгузорӣ ба активҳои ғайримолиявӣ дар ҳисобҳои зерин бурда мешавад:

090 «Маблағгузории асосӣ ба воситаҳои асосӣ»;

090/1 «Маблағгузории асосӣ ба активҳои ғайримоддӣ»;

090/2 «Маблағгузории асосӣ ба активҳои ғайриистеҳсолӣ»;

Ҳисоби 090 «Маблағгузорӣ ба воситаҳои асосӣ» барои баҳисобгирии амалиётҳо: харидан, ройгон дохил шудан, таъмир кардан, навоварӣ, таҷҳизонидани бино ва иншоотҳо, мошин ва таҷҳизотҳо, воситаҳои нақлиёт, инвентарҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ, фонди китобхона, ҷавоҳирот ва молҳои қиматбаҳо ва дигар воситаҳои асосӣ ба кор бурда мешавад.

Дар ҳисоби 090/1 «Маблағгузории асосӣ ба активҳои ғайримоддӣ» амалиётҳо: ройгон дохил шудан, харидан (бадасторӣ), навкунии объектҳои активҳои ғайримоддӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисоби 090/1 «Маблағгузории асосӣ ба активҳои ғайриистеҳсолӣ» барои баҳисобгирии амалиётҳо: харидан, ройгон дохил шудани объектҳои активҳои ғайриистеҳсолӣ нигаронида шудааст.

Дар ҳисоби 280 «Тайёркунии масолеҳ, маҳсулоти тайёр (кор, хизмат)» амалиётҳо оиди тайёркунии захираҳои масолеҳи дар доираи фаъолияти асосӣ ва маҳсулоти тайёр (кор, хизмат) аз рӯйи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар намуди фаъолият ба ҳисоб гирифта мешавад.

Баҳисобгирии амалиётҳо оиди маблағгузорӣ ба объектҳои воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва ғайриистеҳсолӣ ҳангоми харидан (бадасторӣ)-и онҳо дар тарафи дебетии ҳисобҳои 090 «Зиёдшавии маблағгузории асосӣ ба воситаҳои асосӣ», 090/1 «Зиёдшавии маблағгузории асосӣ ба активҳои ғайримоддӣ», 090/б «Зиёдшавии маблағгузории асосӣ ба активҳои ғайриистеҳсолӣ» ва дар тарафи кредетии ҳисоби 031 «Активҳои ғайримоддии дар роҳ» дар ҳолати харидани объектҳои воситаҳои асосӣ, активҳои ғайриистеҳсолӣ ва ғайримоддӣ аз рӯйи аккредитив ҳисоби 160 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони зерҳисоб» ҳисоби 150 «Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон в пудратчиён» инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии амалиётҳо оиди маблағгузорӣ ба объектҳои активҳои ғайримолиявӣ ҳангоми ташкили кор аз ҳисоби захираҳои худӣ дар тарафи дебети ҳисобҳои 090 «Зиёдшавии маблағгузории асосӣ ба воситаҳои асосӣ», 090/1 «Зиёдшавии маблағгузории асосӣ ба активҳои ғайримоддӣ», 090/2 «Зиёдшавии арзиши тайёркунии масолеҳ, масолеҳи тайёр (кор, хизмат)» ва дар тарафи кредетии ҳисоби 150 «Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён», ҳисоби 160 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони зерҳисоб», 020 «Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ», ҳисоби 173 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пардохтҳо бо буҷет», ҳисоби 060 «Захираҳои масолеҳӣ» инъикос карда мешавад.

Аз эътибор соқит кардани арзиши тавозунии ҳайвонот ҳангоми куштани онҳо барои гирифтани маҳсулот (гӯшт) дар тарафи дебетии ҳисоби «Зиёдшавии арзиши тайёркунии масолеҳ, маҳсулоти тайёр (кор, хизмат)» ва дар тарафи кредетии хисоби «Камшавии арзиши дигар захираҳои масолеҳӣ» инъикос карда мешавад.

Объектҳои активҳои ғайримолиявии ба охир расида дар асоси санадҳо оиди қабул-супоридани объектҳои воситаҳои асосӣ шакли №ВА – 1, санад оиди қабул-супоридани бино (иншоотҳо), санад оиди қабул-супоридани гурӯҳи объектҳои воситаҳои асосӣ, санад оиди қабули масолеҳ, талабнома-борхат дар тарафи дебетии ҳисоби 010 «Воситаҳои асосӣ» ҳисоби 031 «Зиёдшавии арзиши активҳои ғайримоддӣ», ҳисоби 060 «Захираҳои масолеҳӣ», ҳисоби 400 «Даромад аз фурӯши маҳсулоти тайёр (кор, хизмат)» ва дар тарафи кредетии ҳисобҳои 090 «Камшавии маблағгузории асосӣ ба воситаҳои асосӣ», 090/1 «Камшавии маблағгузории асосӣ ба активҳои ғайримоддӣ», 090/2 «Камшавии арзиши тайёркунии масолеҳ, маҳсулоти тайёр (кор, хизмат)» инъикос карда мешавад.

Тайёр кардани объектҳои маҳсулоти тайёр аз рӯйи арзиши аслии ҳақиқӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 080 «Зиёдшавии арзиши маҳсулоти тайёр» ва дар тарафи кредетии ҳисоби 280 «Камшавии арзиши тайёркунии масолеҳ, маҳсулоти тайёр (кор, хизмат)» инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯи ҳисоби 090/1 «Маблағгузорӣ ба активҳои ғайримолиявӣ» дар варақаи бисёрграфа оиди ҳар як объекти сохташуда ё харидашудаи объектҳои ғайримолиявӣ бурда мешавад.

Қайдҳо дар варақа дар асоси журнали амалиётҳо ба амал меояд. Дар варақа: санаи журнали амалиёт; рақами журнали амалиёт; мундариҷаи қайдҳо; маблағҳои амалиётҳои бухгалтерӣ аз рӯйи кредит (дебет); бақия аз рӯйи кредит (дебет) нишон дода мешавад.

## 2.11. Баҳисобгирии активҳои ғайримолиявии дар роҳ буда

**Баҳисобгирии арзиши объектҳои воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ, масолеҳҳои боркардаи таъминкунан-**

дагон, аммо то охири давраи ҳисоботӣ ба ташкилот ворид нашудаанд, ҳангоми мавҷуд будани ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи аккредитив, инчунин ҳангоми ҳаракати объектҳои активҳои ғайримолиявӣ аз рӯйи таъминкунии марказонидашуда дар ҳисоби 140 «Активҳои ғайримолиявии дар роҳ» бурда мешавад.

Маблағҳои дар ин ҳисоб инъикоскардашуда бояд бо тартиби муайян: борхати таъминкунандагон, талабномаи борхат, ҳангоми таъминкунии марказонидашуда бо огоҳинома ба расмият дароварда шаванд.

Баҳисобгирии активҳои ғайримолиявӣ дар роҳ буда ба ҳисоб гирифта дар ҳисобҳои зерин бурда мешавад:

010/1 «Воситаҳои асосии дар роҳ»;

031/1 «Активҳои ғайримоддии дар роҳ»;

060/1 «Масолеҳҳои дар роҳ».

Арзиши активҳои ғайримолиявӣ, ки то охири давраи ҳисоботи ба ташкилоти қабулкунанда дар тарафи дебетии ҳисоби 010/1 «Зиёдшавии арзиши воситаҳои асосии дар роҳ», 031 «Зиёдшавии арзиши активҳои ғайримоддии дар роҳ», ҳисоби 068 «Зиёдшавии арзиши масолеҳҳои дар роҳ» ва дар тарафи кредетии ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунии дохилӣ байни маъмури асосӣ ва гирандаи воситаҳо оиди харидани воситаҳои асосӣ», 090 «Ҳисоббаробаркунии дохилӣ байни маъмури асосӣ ва гирандаи воситаҳо оиди харидани активҳои ғайримоддӣ», ҳисобҳои 140-090 «Ҳисоббаробаркуниҳои дохилӣ байни маъмури асосӣ ва гирандаи воситаҳо оиди харидани масолеҳҳо» инъикос карда мешавад.

Ҳангоми дохилшавии активҳо дар тарафи дебетии ҳисоби 090 «Зиёдшавии маблағгузории асосӣ ба воситаҳои асосӣ», ҳисоби 090/1 «Зиёдшавии маблағгузории асосӣ ба активҳои ғайримоддӣ», ҳисоби 090/2 «Зиёдшавии маблағгузории асосӣ ба активҳои ғайриистеҳсолӣ», ҳисоби 090/3 «Зиёдшавии арзиши тайёркунии масолеҳ, маҳсулоти тайёр (кор, хизмат)», ҳисоби 062 «Зиёдшавии арзиши доруҳо ва воситаҳои ҷароҳатбандӣ», ҳисоби 061 «Зиёдшавии арзиши маҳсулоти хӯрокворӣ», ҳисоби 065 «Зиёдшавии арзиши масолеҳи сохтмонӣ», ҳисоби 072 «Зиёдшавии арзиши инвентарҳои мулоим», ҳисоби 064 «Зиёдшавии арзиши

масолеҳи молиданию сӯзишворӣ», ҳисоби 067 «Зиёдшавии арзиши дигар захираҳои масолеҳӣ» ва дар тарафи кредетии ҳисоби 031 «Камшавии арзиши активҳои ғайримоддӣ дар роҳ», ҳисоби 060/1 «Камшавии арзиши захираҳои масолеҳии дар роҳ» инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикӣ (ҷузъӣ)-и активҳои ғайримолиявӣ дар роҳ оиди таъминкунандаи алоҳида дар варақаи маблағу миқдории баҳисобгирии масолеҳи қиматнок бурда мешавад. Варақаи мазкур, инчунин барои баҳисобгирии аналитикии воситаҳои асосӣ масолеҳи қиматнок, активҳои ғайримолиявӣ дар роҳ, захираҳои масолеҳӣ, воситаҳои асосии ба иҷора додашуда истифода бурда мешавад.

Варақа аз рӯйи: номгӯи, миқдор, арзиш; оиди ҳар як объекти воситаҳои асосии ба активҳои ғайримолиявии дар роҳ – аз рӯйи таъминкунандаи алоҳида; оиди ашёи хом ва масолеҳи бо коркард қабул кардашуда ва ғайра бурда мешавад.

Пуркунии варақа аз гузаронидани бақия дар аввали сол сар мешавад. Қайдҳо дар варақа дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоии бухгалтерӣ, замимаҳо ба журнал-амалиётҳо, бо ифодаи арзишӣ ва миқдорӣ бурда мешавад.

## 2.12. Барӯйхатгирии воситаҳои асосӣ, активҳои ғайриистеҳсолӣ ва ғайримоддӣ

То саршавии барӯйхатгирӣ бояд санҷида шавад:

- миқдор ва ҳолати варақаҳои инвентарӣ, рӯйхат ва дигар феҳристҳои баҳисобгирии аналитикӣ, инчунин шиносномаи техникӣ ё ин ки дигар ҳуҷҷатҳои техникӣ;
- миқдори ҳуҷҷатҳои воситаҳои асосӣ. Ҳангоми набудани ҳуҷҷатҳо гирифтан ва ё ба расмият даровардани онҳо ҳатман таъмин карда шавад.

Ҳангоми гузаронидани барӯйхатгирии воситаҳои асосӣ, активҳои ғайриистеҳсолӣ ва ғайримоддӣ комиссия объектҳоро дида мебарояд ва дар рӯйхати барӯйхатгирӣ номгӯи пурраи онҳо, таъинот, рақами инвентарӣ ва нишондиҳандаҳои техникиро мегузаронанд.

Ҳангоми барӯйхатгирии бино, иншоотҳо комиссия миқдори ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мавҷудияти объектҳоро тафтиш мекунад.

Инчунин миқдори ҳуҷҷатҳои қитъаҳои замин, обанбор ва дигар объектҳои захираҳои табиии дар ташкилот ҷойгир буда санҷида мешавад.

Мошин, таҷҳизотҳо ва воситаҳои нақлиёт ба рӯйхати фардӣ бо нишон додани рақами инвентарии ташкилоти тавлидгар, соли барориш, таъйинот, иқтидор ва ғайра гузаронида мешавад.

Барои инъикос кардани натиҷаи барӯйхатгирии гузаронидашудаи объектҳои ғайримолиявӣ ведомости муқоисавӣ оиди объектҳои активҳои ғайримолиявӣ истифода бурда мешавад.

Дар ин шакли ҳуҷҷат миқдори ҳақиқии амвол нишон дода мешавад. Дар замима: рақами фармон оиди гузаронидани барӯйхатгирӣ; ҷой ва санаи гузаронидани барӯйхатгирӣ; қарори роҳбари ташкилот бо имзо, рамзи имзо, номгӯ ва рамзи активҳои ғайримолиявӣ, рақами инвентарӣ, воҳиди ченак, маълумот оиди миқдори ҳақиқӣ, маълумот оиди натиҷаи барӯйхатгирӣ (оиди норасоӣ ва зиёдатӣ – миқдор, маблағ), дар ҳолати зарурӣ – эзоҳ инъикос карда мешавад.

Ҳангоми муайянкунии (ошкоркунии) ихтилофот байни миқдори ҳақиқии амвол ва маълумотҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ мувофиқи ҳисобҳо чунин инъикос карда мешаванд.

Зиёдатии амвол аз рӯйи арзиши бозорӣ дар санаи гузаронидани барӯйхатгирӣ дар тарафи дебетии ҳисобҳои 010 «Воситаҳои асосӣ», 031/1 «Активҳои ғайриистеҳсолӣ», 131 «Активҳои ғайримоддӣ», 060 «Захираҳои масолеҳӣ» ва дар тарафи кредетии ҳисоби 400 «Дигар даромадҳо» инъикос карда мешавад.

Аз эътибор соқит кардани воситаҳои асосӣ, активҳои ғайриистеҳсолӣ ва ғайримоддӣ дар натиҷаи камомад дар вақти барӯйхатгирӣ муайян кардашуда бо айби шахсони аз ҷиҳати моддӣ масъул ба қайдҳои бухгалтерии зерин ба расмият даровара мешавад.

Ҳисобкунии даромадҳо бо норасоӣ ва дузди алоқаманд бо гуноҳи шахсони аз ҷиҳати моддӣ масъул аз рӯйи арзиши бозорӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 170 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи норасоиҳо» ва дар тарафи кредетии ҳисоби 400 «Даромад аз фурӯши активҳо» инъикос карда мешавад.

Аз эътибор соқит гардонидани маблағи хӯрдашавӣ аз рӯйи норасоии объектҳои дар тарафи дебетии ҳисоби 020 «Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ» ва дар тарафи кредетии ҳисобҳои аз ҳисоб баровардани объектҳо 010- 019 инъикос карда мешавад.

Аз эътибор соқит гардонидани воситаҳои асосӣ, активҳои ғайриистеҳсолӣ ва ғайримоддии корношоямшуда дар тарафи дебетии ҳисобҳои 020-250 ва дар тарафи кредетии ҳисобҳои 010-011-012-013-014-015-016-017-018-019 инъикос карда мешавад.

12.Мукотиботи ҳисобҳо оиди баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва ғайриистеҳсолӣ[1]

| № | Мундаричаи амалиёт | Рақами зерҳисоб | |
|---|---|---|---|
| | | аз рӯйи дебет | аз рӯйи кредит |
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| | **Боби 1. Воситаҳои ва дигар маблағгузориҳои дарозмуддат** | | |
| 1 | Ба истифода қабул намудани бино, иншоот ва дастгоҳҳои таҳвилдиҳанда, азнав сохташуда ё ин ки корҳо оиди таҷдиди бино ва иншоотҳо | 010-012 | 250 |
| | Ҳамзамон қайди дуюми муҳосибӣ гузаронида мешавад:<br>аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ | 143 | 203 |
| | аз ҳисоби маблағҳои нигоҳдорӣ ва базаи моддию техникӣ | 241 | 224 |
| | аз ҳисоби маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт | 270 | 225 |
| 2 | Харидорӣ намудани мошину таҷҳизотҳо, активҳои (дороиҳои) ғайримоддӣ, асбобу анҷомҳо (инструментҳо), ашёҳои истеҳсолӣ ва хоҷагӣ (аз он ҷумла, лавозимот), ҳайвоноти дар парваришбуда ва корӣ, китобҳои ба фонди китобхона дохилшаванда ва дигар воситаҳои асосӣ | 013,015,019, 031 | 130, 131,178 |
| | Ҳамзамон қайди дуюми муҳосибӣ гузаронида мешавад: | 200, 201,110, 220, 223, 225 | 250, 251 |
| 3 | Воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддии бебозгашт даромад (қабул) кардашуда | 010-019, 031 | 250, 251 |
| 4 | Даромад намудани воситаҳои асосии бо роҳи хоҷагидорӣ сохташуда | 013, 016,019 | 222 |
| | Ҳамзамон қайди дуюми муҳосибӣ гузаронида мешавад: | 200,210,220, 223, 225 | 250 |

[1] Дастурамал оид ба пешбурди муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ, Душанбе. 2010. С.232-234.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5 | Бо арзиши бозорӣ даромад намудани воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримодии барзиёде, ки дар натиҷаи барӯйхатгирӣ ошкор гардидаанд | 010-019,031 | 250, 251 |
| | Ҳамзамон аз рӯи объектҳои воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқамандӣ, чунин қайд гузаронида мешавад | 241 | 400 |
| 6 | Бебозгашт интиқол додани (передача) воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ | 020, 250,251 | 010-013, 015,019,031 |
| 7 | Фурӯши таҷҳизоти истифоданашаванда, восита ҳои нақлиёт ва дигар воситаҳои зиёдатӣ | 020, 250 | 013,015-019 |
| | Ба маблағи аз фурӯши воситаҳои асосӣ даромадшуда дохил намудани андози арзиши иловашуда, аз рӯи фурӯш | 110, 111 | 178 |
| | Дар ҳаҷми арзиши балансӣ:<br>аз рӯи ашёҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ харидорӣ шудаанд | 178 | 270 |
| | аз рӯи ашёҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ бадастома харидорӣ шудаанд | 178 | 241 |
| | аз рӯи ашёҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт харидорӣ шудаанд | 178 | 270 |
| | Ба маблағи андози арзиши иловашудае, ки ба даромади буҷет бояд пардохта шавад | 178 | 173 |
| | Ба маблағи фарқияти арзиши бозорӣ ва тавозунӣ (бе андози арзиши иловашуда) | 178 | 400 |
| 8 | Фурӯши биноҳо, таҷҳизотҳо ва дастгоҳҳои таҳвилдиҳанда, аз рӯи нархи фурӯш | 020, 250 | 010-012 |
| | Ба маблағи аз ҳисоби фурӯш ба даст омада оиди ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет чунин қайд гузаронида мешавад | 091,101 | 173 |
| | Бо маблағи ба буҷет гузаронидашуда | 173 | 091, 101 |
| 9 | Аз эътибор соқит намудани воситаҳои асосии корношоям гардида | 020, 250 | 010-019 |
| 10 | Аз эътибор соқит намудани активҳои ғайримоддии мӯҳлати истифодаашон ба анҷом расида | 251 | 031 |
| 11 | Даромад намудани арзиши масолеҳҳое, ки аз ҳисоби барҳам додани воситаҳои асосӣ ва дар ихтиёри корхона боқӣ мондани онҳо ба даст омадаанд: | | |
| | аз рӯи ашёҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ харидорӣ шудаанд - барои зиёд намудани маблағҳои мақсаднок оиди нигоҳдории муассисаҳо ва дигар чорабиниҳо | 063, 069 | 270 |
| | аз рӯи ашёҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ бадастомада харидорӣ шудаанд - барои зиёд намудани | 063, 069 | 241 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | маблағҳои нигоҳдорӣ ва рушди пояи моддию техникӣ | | |
| | аз рӯи ашёҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт харидорӣ шудаанд - барои зиёд намудани маблағҳои мақсаднок оиди нигоҳдории муассисаҳо ва дигар чорабиниҳо | 063, 069 | 270 |
| 12 | Аз эътибор соқит намудани камомади воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддие, ки ба асари офатҳои табиӣ ба вуҷуд омада, ба ҳисоби муассиса қабул шудаанд | 020, 250, 251 | 013-019, 031 |
| | Аз эътибор соқит намудани камомади воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддие, ки дар натиҷаи баруйхатгирӣ ошкор гардида, ба ҳисоби шахсони гунаҳкор аз рӯйи арзиши тавозунӣ гузаронида шудаанд | 020, 250, 251 | 013-019, 031 |
| 13 | Ҳамзамон ба маблағи камомади объектҳои воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддие, ки ба ҳисоби шахсони гунаҳкор аз рӯйи арзиши бозорӣ гузаронида шудаанд, вобаста ба сарчашмаи харидории онҳо чунин қайдҳои дуюм гузаронида мешавад: | | |
| | аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ | 170 | 173 |
| | аз ҳисоби маблағҳои мақсаднок ва даромадҳои бебозгашт | 170 | 270 |
| | аз ҳисоби маблағҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст омада | 170 | 401 |
| 14 | Ҳисоб намудани маблағи хӯрдашавӣ дар рӯзи охирини кории моҳи декабр | 250 | 020 |
| 15 | Харидорӣ намудани коғазҳои қиматнок ва васиқаҳо ва дигар маблағгузориҳои молиявии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат | 030, 134 | 111, 118 |
| 16 | Ба сармояи оинномавӣ ҳамроҳ кардани объектҳои воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ. Ҳамзамон қайди дуюм гузаронида мешавад | 030, 250, 251,020 | 010-19, 241 |
| 17 | Фурӯши васиқаҳо ва дигар маблағгузориҳои молиявии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат: | | |
| | ба андозаи (ҳаҷми) арзиши баҳисобгирӣ | 111, 118,178 | 030,034 |
| | ба маблағи аз арзиши баҳисобгирӣ зиёдтар | 111, 118,178 | 400 |
| | ба маблағи аз арзиши баҳисобгирӣ камтар | 400 | 030,034 |
| 18 | Даромадҳои дохилшаванда аз рӯйи маблағгузориҳои молиявӣ | 111, 118 | 400 |

## Саволнома

1. Дар зери мафҳуми воситаҳои асосӣ чиро мефаҳмед?
2. Кадом аломатҳои низомномавӣ асоси таснифоти воситаҳои асосиро ташкил медиҳад?
3. Шароитҳое, ки дар он ҳолатҳо воситаҳои асосӣ ҳамчун объекти ҳисобгирӣ қабул шудааст, номбар кунед.
4. Кадом баҳодиҳии арзиши объектҳои воситаҳои асосӣ вобаста аз шакли дохилшавияшон ба муомилот қабул карда мешаванд?
5. Тарзҳои ҳисоб кардани хӯрдашавии воситаҳои асосиро номбар кунед.
6. Оид ба тартиб ва тарзи гузаронидани корҳои таъмири объектҳои воситаҳои асосӣ маълумот диҳед.
7. Шаклҳои муносибатҳои иҷоравиро номбар кунед.
8. Кадом тартиби ҳисобгирии амволи ба иҷора додашуда дар вақти иҷораи ҷорӣ мавҷуд аст?
9. Хусусияти иҷораи лизингиро шарҳ диҳед.
10. Санадҳои меъёрии танзимкунандаи тартиботи баҳисобгирии активҳои ғайримоддиро номбар кунед.
11. Кадом шароитҳои муайян кардани активҳои ғайримоддӣ мавҷуд аст?
12. Таркиби активҳои ғайримоддиро шарҳ диҳед.
13. Воҳиди баҳисобгирии активҳои ғайримоддӣ чӣ ҳаст?
14. Шаклҳои баҳодиҳии активҳои ғайримоддиро номбар кунед.
15. Тарзҳои ҳисоб кардани хӯрдашавии активҳои ғайримоддиро номбар кунед.
16. Кадом тартиби баҳисобгирии ҷудо кардани (ҳисоб кардани) хӯрдашавии активҳои ғайримоддӣ вуҷуд дорад?

# БОБИ 3. БАҲИСОБГИРИИ ЗАХИРАҲОИ МОДДӢ

## 3.1. Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» аз 14 майи соли 1999, №750.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи соли 2004.

3. Кодекси мехнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 3 майи соли 2002, №10.
4. Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ (бо фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2000, №157 тасдиқ карда шудааст).
5. Дастурамал оид ба тартиб додан ва пешниҳод кардани ҳисоботҳои солона ва даврии бухгалтерии муассисаҳои буҷавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармони №84, Вазорати молия аз 2 октябри соли 2006.
6. Дастури методӣ оид ба инвентаризатсия (барӯйхатгирӣ)-и моликият ва ӯҳдадории молиявӣ, фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.05.1997.
7. Низомнома оид ба пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 1999, №163).
8. Низомнома доир ба ҳисоби бухгалтерӣ «Сиёсати ҳисобдорӣ дар корхонаҳо» (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.09.1999, №135).
9. Низомнома доир ба ҳисоби бухгалтерӣ «Ҳисоби моликият ва ӯҳдадориҳои корхона, ки бо арзи хориҷӣ ифода шудаанд» (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.12.1999, №153).
10. Низомнома доир ба ҳисоби бухгалтерӣ «Баҳисобгирии фондҳои асосӣ» (фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.04.2001, №64).

## 3.2. Захираҳои моддӣ, таснифот ва вазифаҳои баҳисобгирии онҳо.

Ба захираҳои моддӣ дохил мешавад:

- ашёҳое, ки ба муддати на зиёда аз 12 моҳ, новобаста аз арзишашон дар фаъолияти ташкилот истифода мешаванд;
- ашёҳое, ки ба муддати аз 12 моҳ зиёд дар фаъолияти корхона истифода мешаванд, аммо ба таркиби воситаҳои асосӣ дохил намешаванд;
- маҳсулоти тайёр

Вазифаҳои асосии баҳисобгирии захираҳои моддӣ аз инҳо иборат мебошад:

- назорат аз рӯйи ҳифзнамоии маводҳои арзишнок, мувофиқати захираҳои анбор бо меъёрҳо, иҷроиши нақшаи таъмини маводҳо;
- ошкор кардани хароҷотҳои ҳақиқӣ, бо тайёркунии маводҳо алоқаманд;
- назорат аз рӯйи риояи меъёрҳои истифодабарӣ;
- саривақт ошкор кардани маводҳои истифодашуда;
- гирифтани маълумоти аниқ дар бораи бақияҳои мавзӯъҳои дар анбори ташкилот ҷойгир буда ба ҳисоб меравад.

Барои ташкили дурусти баҳисобгирии маводҳо тасниф, баҳодиҳии онҳо ва интихоби ченакҳои баҳисобгирӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таснифоти маводҳо дар ташкилотҳои буҷетӣ дар асоси баҳисобгирии онҳо аз рӯйи ҳисобҳои синтетикӣ амалӣ карда мешавад. Бо ин мақсад захираҳои моддиро ба дору ва воситаҳои ҷарроҳатбандӣ; маҳсулоти хӯрокворӣ; сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ; масолеҳи сохтмонӣ; инвентари мулоим ва дигар захираҳои моддӣ; маҳсулоти тайёр тақсим мекунанд.

## Баҳодиҳии захираҳои моддӣ

Захираҳои моддӣ дар ҳисобгирии бухгалтерӣ аз рӯйи арзиши ҳақиқӣ бо баҳисобгирии маблағи андоз аз арзиши иловашудаи ташкилоти таъминкунанда ва пудратчӣ қабул карда мешавад.

Ба таркиби арзиши ҳақиқии захираҳои моддӣ дохил мешавад: маблағҳои пардохташуда мувофиқи шартномаи таъминкунанда (фурӯшанда); маблағҳои пардохташуда ба ташкилотҳо барои хизматҳои ахборӣ ва машваратӣ, барои харидани маҳсулот алоқаманд; боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои барои харидани маводҳои қиматнок ба он алоқаманд; маблағҳои пардохташуда барои тайёркунӣ ва овардани захираҳои моддӣ то ҷойи истифодабарии онҳо; дигар пардохтҳо барои харидани захираҳои моддӣ алоқаманд буда дохил мешаванд.

Аз ҳисоб ба истеҳсолот баровардани захираҳои моддӣ аз рӯйи арзиши ҳақиқии ҳар як воҳид, ё ин ки аз рӯйи арзиши ҳақиқии онҳо татбиқ карда мешавад.

Баҳодиҳии захираҳои моддӣ аз рӯйи арзиши ҳақиқии миёна барои ҳар як гурӯҳи захираҳо бо роҳи тақсим намудани арзиши ҳақиқии умумии гурӯҳи захираҳо ба миқдори онҳо ва миқдори боқимонда дар аввали моҳ, дохилшавии захираҳо дар давоми моҳи ҷорӣ, дар санаи фурӯш ба амал меояд.

Мисол:

Ба 1-уми март дар ташкилот бақияи маҳсулоти «А» 100 кг-ро бо маблаги 1500 сомонӣ ташкил медод. Дар давраи моҳи март чунин харидкунии маҳсулоти «А» ба амал омада буд:

2-юми март – 125 кг бо нархи 16 сомонӣ барои 1 кг, бо маблаги 2000 сомонӣ;

14-уми март – 200 кг бо нархи 17 сомонӣ барои 1 кг, бо маблаги 3400 сомонӣ;

24-уми март – 150 кг бон архи 18 сомонибарои 1 кг, бо маблаги 2700 сомонӣ.

Ҳамагӣ дар давоми моҳ 475 кг маҳсулоти «А» бо маблаги 8100 харидорӣ карда шуд.

Дар давоми моҳ 500 кг маҳсулоти «А» сарф карда шуд, аз он ҷумла:

3-юми март – 120 кг;

15 март – 210 кг;

25 март – 170 кг.

Арзиши маҳсулоти «А» ба 3-юми март чунин аст:

$$\frac{1500\text{ сом}+2000\text{ сом}}{100\text{ кг}+125\text{ кг}} \times 120\text{ кг} = \frac{3500\text{ сом}}{225\text{ кг}} \times 120\text{ кг} = 1866{,}7\text{ сом.}$$

15 март:

$$\frac{1500\text{ сом}+2000\text{ сом}+3400\text{ сом}}{100\text{ кг}+125\text{ кг}+200\text{ кг}} \times 210\text{ кг} = \frac{6900\text{ сом}}{425\text{ кг}} \times 210\text{ кг} = 3409{,}4\text{ сом.}$$

25 март:

$$\frac{1500\text{ сом}+2000\text{ сом}+3400\text{ сом}+2700\text{ сом}}{100\text{ кг}+125\text{ кг}+200\text{ кг}+150\text{ кг}} \times 170\text{ кг}$$

$$= \frac{9600\text{ сом}}{575\text{ кг}} \times 170\text{ кг} = 2838.3\text{ сом}$$ – ро ташкил дод.

Арзиши умумии 500 кг сарфшудаи маҳсулоти «А» 8114.4 сомониро (1866,7 сом + 34098,4 сом + 2838,3 сом) ташкил дод.

## 3.3. Барасмиятдарории дохилшавӣ ва сарф кардани захираҳои моддӣ

Захираҳои моддӣ аз таъминкунандагон, шахсони зерҳисоб бо тарзи ҳисоббаробаркунии нақдӣ харида мешавад ва ё аз ҳисоби истеҳсолоти худӣ ба ташкилот дохил мешаванд.

Барои таъмин кардани истеҳсолот ба маводҳо ташкилот бо таъминкунандагон шартнома мебандад, ки дар он ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва ҷавобгарии тарафҳо оиди таъмини маҳсулот муайян карда мешавад.

Барои назорат аз рӯйи иҷроиши нақшаи моддӣ-техникии таъминкунӣ аз рӯйи шартнома, саривақт дохилшавӣ ва даромад кардани масолеҳ шӯъбаи таъминоти масолеҳӣ-техникӣ вуҷуд дорад. Бо ин мақсад дар шӯъбаи замимаҳои баҳисобгирии фаврии иҷроиши шартномаҳои таъминкунӣ бурда мешавад. Дар онҳо иҷроиши шартҳои шартнома оиди таъминот аз рӯйи навъи масолеҳ, миқдори онҳо, нарх, мӯҳлати боркунӣ ва ғайра қайд карда мешавад. Муҳосибот аз рӯйи ташкили баҳисобгирии фаврии мазкур назорат мекунад.

Масолеҳи ба ташкилот дохилшуда ба тартиби зерин бо ҳуҷҷатҳои бухгалтерӣ ба расмият даровarда мешаванд.

Таъминкунанда якҷоя бо бор кардани маҳсулот чунин ҳуҷҷатҳоро равон мекунад: талабномаи пардохтӣ (дар ду нусха: як нуса барои харидор, дигар нусха ба бонк), борхатҳои молию автомобилӣ ва ғайра.

Ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои бо дохилшавии масолеҳ алоқаманд ба бухгалтерия дохил мешаванд, ки дар он ҷо дурустии барасмиятдарории онҳо санҷида шуда, баъди ин ба иҷрокунандаи аз рӯйи таъминкунӣ салоҳияти ҷавобгар дода мешавад.

Дар шӯъбаи таъминотӣ аз рӯйи ҳуҷҷатҳои дохилшуда, санҷиши мувофиқати ҳаҷм, навъ, мӯҳлати таъминкунӣ, нарх, сифати маводҳо аз рӯйи шартҳои шартнома гузаронида ме-

шавад. Дар натичаи санчиш дар худи ҳуччатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва дигар ҳуччатҳо аспекти пурра ё қисман қайд карда мешавад. Ба ғайр аз ин шӯъбаи таъминотӣ назоратро аз рӯйи дохилшавии бор ва тафтиши онҳо мебарад. Бо ин мақсад дар шӯъбаи таъминотӣ дафтари баҳисобгирии дохилшавии борҳо бурда мешавад. дар он рақами бақайдгирӣ, санаи қайд, номи таъминкунанда, рақам ва санаи ҳуччати нақлиёт, рақам, сана ва маблағи ҳисоб, рақам ва санаи ордери даромад ва ғайра қайд карда мешавад.

Талабномаи пардохти пас аз санчиш аз шӯъбаи таъминотӣ ба бухгалтерия супорида мешавад, хати расид, ташкилоти нақлиётӣ бошад ба ирсолгар гирифтан ва овардани масолеҳ дода мешавад.

Ирсолгар маводҳои овардашударо аз рӯйи миқдор ва вазн қабул мекунад. Дар ҳолати ошкоркунии камомад ва вазн, зарфҳои вайроншуда, дигар маводҳо ва санади тиҷоратӣ тартиб дода мешавад, ки барои пешниҳод намудан ба ташкилоти нақлиётӣ ё таъминкунанда ҳамчун асос ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани масолеҳ аз анбори дигар таъминкунандагон ба ирсолгар супоришнома ва боваринома дода мешавад. Ҳангоми қабул ирсолгар на танҳо қабули миқдорӣ, балки қабули сифатӣ низ мегузаронад.

Борҳои қабулкардаро ирсолгар ба анбори ташкилот оварда ба мудири анбор месупорад, ки мувофиқати миқдор ва сифати маводҳоро аз рӯйи нишондоди ҳисоби таъминкунанда месанҷад.

Молҳои қиматнок мувофиқи воҳиди ченак (вазн, ҳаҷм, ҷадвали, ҳисобӣ) даромад карда мешавад.

Дар ҳолате, ки миқдор ё навъи масолеҳи ба анбор дохил шуда ба маълумотҳои ҳисоби таъминкунанда мувофиқат накунад, қабули масолеҳро комиссия мегузаронад ва дар санад оиди қабули масолеҳ ба расмият медарорад, ки барои пешниҳод намудан ба таъминкунанда асос шуда метавонад. Ба ҳайати комиссия намояндаи таъминкунандаро даъват менамоянд. Санадро инчунин ҳангоми қабули маводҳои моддӣ ба ташкилот бе ҳисоби таъминкунанда дохилшуда тартиб медиҳанд. Санад дар ду нусха тартиб дода мешавад. як нусха ба бухгалтерияи ташкилот барои баҳисобгирии ҳаракати

молҳои қиматнок, нусхаи дуюм ба шӯъбаи таъминкунӣ дода мешавад.

Баҳисобгирии амалиёт аз рӯйи аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани захираҳои моддӣ дар дохили ташкилот, ба истифодабарӣ дода, аз ҳисоб баровардани онҳо дар феҳристи аналитикии захираҳои моддӣ инъикос карда мешавад:

- талабнома – борхат;
- талабнома барои додани маҳсулоти хӯрокворӣ;
- замима барои додани молҳои қиматнок ба зарурати ташкилот;
- санад оиди аз эътибор соқит гардонидани захираҳои моддӣ;
- санад оиди аз эътибор соқит гардонидани инвентари мулоим ва хоҷагӣ;
- варақаи сафари ронандаи автомобил.

Талабнома-борхат барои баҳисобгирии ҳаракати молҳои қиматнок дар дохили ташкилот байни қисмҳои сохторӣ, ё ин ки шахсони аз ҷиҳати моддӣ масъул истифода бурда мешавад.

Талабнома дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум ба шахси супорандаи маводҳо ва нусхаи дуюм ба шахси ба анбор қабулкунанда барои даромад кардани молҳои қиматнок супорида мешавад.

Дар талабнома шахсони супоранда ва гирандаи аз ҷиҳаи моддӣ маъсул имзо мегузоранд ва ба бухгалтерия барои баҳисобгирии ҳаракати молҳои қиматнок супорида мешавад.

Талабнома барои додани маҳсулоти хӯрокворӣ барои ба расмият даровардани баромади маҳсулоти хӯрокворӣ харрӯза мувофиқи меъёрҳои тақсимкунии маҳсулоти хӯрокворӣ тартиб дода мешавад.

Маълумотҳо аз талабнома барои додани маҳсулоти хӯрокворӣ баъди санҷиш ба замимаи ғункунӣ оиди сарф кардани маҳсулоти хӯрокворӣ гузаронида мешавад.

Охири ҳар моҳ дар замима арзиши маҳсулоти сарфшуда муайян карда шуда, ҷамъбаст карда мешавад.

Маълумотҳои ҷамъбастии замима оиди сарфкунии маҳсулоти хӯрокворӣ дар охири моҳ дар журнали амалиёт

оиди аз эътибор соқит гардонидан ва аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани активҳои ғайримолиявӣ қайд карда мешавад.

Баҳисобгирии дохилшавии маҳсулоти хӯрокворӣ дар замимаи ҷамъбасткунанда оиди дохилшавии маҳсулоти хӯрокворӣ бурда мешавад.

Дар варақаи ҷамъбасткунӣ оиди дохилшавии маҳсулоти хӯрокворӣ: санаи дохилшавии маҳсулот, рақами ҳуҷҷат, маблағи ҳамаи маҳсулоти дохил шуда, маълумот оиди маҳсулоти хӯрокворӣ (номгӯ ва рамз, воҳиди ченак, миқдор, маблағ), вазифа, имзои шахси тартибдиҳанда ва тафтишкунандаи ҳуҷҷат нишон дода мешавад.

Замима барои додани хӯрока ва ему хошок дар давоми моҳ барои додани хӯрока ва ему хошок барои хӯронидани чорвои корӣ ва дигар ҳайвонот истифода бурда мешавад.

Ҳар як хӯрока ва ему хошоки додашуда бо имзои шахси қабулкунанда тасдиқ карда мешавад. Замима аз ҷониби роҳбари ташкилот тасдиқ карда шуда, барои аз эътибор соқит гардонидани хӯрока ва ему хошоки ба сарф кардан додашуда хизмат мекунад.

Замима барои додани масолеҳи қиматнок барои заруурати ташкилот – барои ба расмият даровардани молҳои қиматноки истифодабарӣ барои мақсадҳои хоҷагӣ, илмӣ ва таълимӣ додашуда истифода бурда мешавад.

Замима аз ҷониби роҳбари ташкилот тасдиқ карда шуда, барои аз эътибор соқит гардонидани молу масолеҳи қиматнок хизмат мекунад.

Санад оиди аз эътибор соқит гардонидани захираҳои моддӣ аз тавозуни захираҳои моддӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи миқдори сарфшудаи онҳо ва аз ҷониби роҳбари ташкилот тасдиқшуда истифода бурда мешавад. Санадро комиссияи бо фармони роҳбари ташкилот таъйиншуда тартиб медиҳад ва аз тарафи роҳбари корхона тасдиқ карда мешавад.

Дар санад дар ҳар сатр номгӯи масолеҳ, воҳиди ченак, меъёри сарфкунӣ, миқдор, нарх ва арзиши ҳақиқии маводҳои сарфшуда, рамзи ҳисобҳои дебет ва кредитонидашуда қайд кард мешавад.

Санад оиди аз эътибор соқит гардонидани инвентари мулоим ва хоҷагӣ барои аз эътибор соқит гардонидани

инвентарҳо новобаста аз арзишашон истифода бурда мешавад.

Санадро комиссия бо фармони роҳбари ташкилоти таъйиншуда тартиб медиҳад ва аз тарафи роҳбари ташкилот тасдиқ карда мешавад. Аз эътибор соқит гардонидан ҳангоми пурра кӯҳнашавии ашёҳо бо нишон додани сабабҳои аз эътибор соқитгардонӣ гузаронида мешавад. Санад дар ду нусха ба расмият дароварда мешавад, нусхаи якум ба бухгалтерия супорида шуда, нусхаи дуюм ба шахси аз ҷиҳати моддӣ масъул дода мешавад.

Варақаи сафари мошини сохтмонӣ дар ташкилотҳои махсусгардонидашуда барои баҳисобгирии кори мошини сохтмонӣ ҳангоми пардохти музди соатбайъ истифода бурда мешавад. Варақаи сафариро дар як нусха коргузор ё шахси таъйиншуда менависад.

Варақаи сафарӣ барои як баст, як рӯз ё даҳрӯза дода мешавад.

Натиҷаи кори мошини сохтмонӣ дар варақаи сафарӣ инъикос карда шуда, ҳаррӯза бо имзо ва штампи фармоишгар тасдиқ карда мешавад.

Дар варақаи сафарии ба расмият даровардашуда мошинист, прораб, сардори минтақавии идораи механизатсионӣ, шахсони барои меъёрмонӣ ва ҳисоббаробаркунӣ ҷавобгар имзо мегузоранд ва варақаи сафарӣ ба бухгалтерия супорида мешавад.

Варақаи сафарӣ мошини сабукрав ҳуҷҷати ибтидоӣ барои баҳисобгирии кори мошини сабукрав ва ҳисоб кардани музди меҳнати ронанда ба ҳисоб меравад.

Ин варақа дар як нусха аз тарафи диспетчер ё шахси таъйиншуда навишта шуда, барои як рӯз ё як баст дода мешавад.

Ба мӯҳлати дуру дароз танҳо дар вақти сафари хизматӣ, вақте ки ронанда вазифаро ба мӯҳлати зиёда аз як шабонарӯз иҷро мекунад, дода мешавад. Дар варақаи сафарӣ бояд рақами тартибӣ, санаи додан, штамп ва мӯҳри ташкилоте, ки мошин дар ихтиёри вай аст гузошта шавад.

Варақаи сафари мошини сабукрав ва мошини боркаш якҷоя бо борхати молӣ-нақлиётӣ, ҳуҷҷатҳои асосӣ барои баҳисобгирии ибтидоӣ ва ҳисоб кардани музди меҳнати ронанда ба ҳисоб меравад.

Варақаҳои сафарӣ дар ташкилот якҷоя бо ҳуҷҷатҳои молӣ-нақлиётӣ нигоҳ дошта мешавад.

Дафтари баҳисобгирии ҳаракати варақаҳои сафарӣ дар ташкилот барои назорат аз рӯйи ҳаракати варақаҳои сафарӣ ба ронанда додашуда ва супоридани онҳо ба муҳосибот истифода бурда мешавад.

### 3.4. Баҳисобгирии синтетикии захираҳои моддӣ

Барои бақайдгирии захираҳои моддӣ чунин ҳисобҳо пешбинӣ шудааст: 04 «Таҷҳизот», «Масолеҳи сохтмонӣ ва масолеҳи барои тадқиқотҳои илмӣ», 05 «Чорво ва ҳайвоноти дар парвариш буда», 06 «Масолеҳ ва махсулоти хӯрокворӣ».

Баҳисобгирии захираҳои моддӣ дар зерҳисобҳои зерини баҳисобгирии ташкилотҳои буҷетӣ бурда мешавад:

060 «Маводҳо барои таълим, тадқиқотҳои илмӣ ва дигар мақсадҳо»;

061 «Маҳсулотҳои хӯрокворӣ»;

062 «Доруворӣ ва лавозимоти ҷароҳатбандӣ»;

063 «Масолеҳи хоҷагӣ ва ашёҳои конселярӣ»;

064 «Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ»;

065 «Масолеҳи махсус»;

066 «Инвентари мулоим»;

067 «Дигар масолеҳҳои тайёр»;

068 «Масолеҳҳои дар роҳ буда»;

069 «Қисмҳои эҳтиётӣ барои мошинҳо ва таҷҳизотҳо».

Дар ҳисоби 062 «Доруворӣ ва лавозимоти ҷароҳатбандӣ» доруҳо, хунобаҳо, ваксинаҳо, хун, воситаҳои ҷароҳатбандӣ ва ғайра дар беморхонаҳо, муассисаҳои пешгирикунӣ-табобатӣ, бойторӣ-табобатӣ ва дигар муассисаҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар ҳисоби 061 «Маҳсулотҳои хӯрокворӣ» амалиётҳои вобаста ба маҳсулотҳои хӯрокворӣ: маҳсулотҳои ширӣ, озуқаворӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар ҳисоби 064 «Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ» ҳамаи намудҳои сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ: ҳезум, ангишт, бензин, керосин, мазут, автол ва ғайра ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар ҳисоби 065 «Масолеҳи махсус» ҳамаи намудҳои амалиётҳои вобаста ба сохтмонӣ ба ҳисоб гирифта мешавад:

маҳсулотҳои силикатӣ семент, қум, рег, оҳак, санг, хишт, масолеҳи ҷангал, масолеҳи аз оҳан тайёр кардашуда (мехҳо, гайкаҳо, болтҳо), масолеҳҳои санитарӣ-техникӣ (ҷумакҳо, грайникҳо), масолеҳи электронӣ-техникӣ (ноқилҳо, лампаҳо, изоляторҳо, маҳсулотҳои кимиёвӣ (рангҳо, алиф, тол ва ғайра) ва дигар масолеҳҳо.

Дар ҳисоби 072 «Инвентари мулоим» намудҳои зерини инвентари мулоим ба ҳисоб гирифта мешавад:

- либосҳо (курта, халат ва ғайра);
- ҷиҳози ҷои хоб (матрасҳо, болинҳо, рахти хоб);
- либосҳои махсус (костюмҳо, палто, куртаҳо, шимҳо ва ғайра);
- пойафзоли махсус (ботинка, муза ва ғайра);
- либос ва пойафзоли варзишӣ (костюм, ботинка);
- дигар инвентари мулоим.

Дар ҳисоби 067 «Дигар масолеҳ» захираҳои моддӣ:

- таҷҳизотҳои махсус барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ;
- насли ҳамаи намуди ҳайвонот ва ҳайвоноти дар парвариш буда, нонобаста аз арзиши онҳо, парранда, харгӯш, оилаи занбӯр);
- масолеҳи кӯчагӣ;
- масолеҳҳои хоҷагӣ (лампаҳои барқӣ, собун, щёткаҳо ва ғайра);
- зарфҳо;
- хӯрока ва ему хошок, тухмӣ, нуриҳо;
- қисмҳои эҳтиётӣ барои таъмир ва иваз намудани қисмҳои фарсудашудаи мошин ва таҷҳизотҳо, воситаҳои нақлиёт, объектҳои истеҳсолӣ ва инвентари нақлиёт, объектҳои истеҳсолӣ ва инвентари хоҷагӣ таъиншуда;
- масолеҳҳои таъйиноти махсусдошта;

дигар захираҳои моддӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисоби 080 «Маҳсулоти тайёр» барои баҳисобгирии маҳсулоти дар ташкилот дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар намуди фаъолият тайёр шуда таъин шудааст.

Амалиётҳо аз рӯйи баҳисобгирии захираҳои моддӣ бо қайдҳои бухгалтерии зерин ба расмият даровarda мешавад.

Ҳангоми харидан ва ё ба таври ройгон қабул кардани захираҳои моддӣ дар тарафи дебетии ҳисобҳои 062 «Зиёдшавии арзиши доруворӣ ва лавозимотҳои ҷароҳатбандӣ», 061 «Зиёд-

шавии арзиши маҳсулоти хӯрокворӣ», 064 «Зиёдшавии арзиши сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ», 065 «Зиёдшавии арзиши масолеҳи сохтмонӣ», 072 «Зиёдшавии арзиши инвентари мулоим», 067 «Зиёдшавии арзиши дигар захираҳои моддӣ» ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои 150 «Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён», 160 «Камшавии қарзҳои дебитории шахсони зерҳисоб оиди харидани масолеҳҳо», 068/1 «Ҳисоббаробаркунии дохилӣ байни маъмурияти асосӣ ва қабулкунандаи воситаҳо оиди харидани захираҳои моддӣ» 400 «Дигар даромадҳо» инъикос карда мешавад.

Ҳангоми даромадкунии захираҳои моддӣ дар вақти барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ ба ихтиёри ташкилот монда дар тарафи дебетии ҳисобҳои 062 «Зиёдшавии арзиши доруворӣ ва лавозимоти ҷароҳатбандӣ», 061 «Зиёдшавии арзиши маҳсулоти хӯрокворӣ», 064 «Зиёдшавии арзиши сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ», 065 «Зиёдшавии арзиши масолеҳи сохтмонӣ», 072 «Зиёдшавии арзиши инвентари мулоим», 067«Зиёдшавии арзиши дигар захираҳои моддӣ» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 400 «Давраи ҳисоботӣ» инъикос карда мешавад.

Дар вақти аз ҳисоб баровардани захираҳои моддӣ қайдҳои зерини бухғалтерӣ ба амал меояд:

Аз ҳисоб баровардани захираҳои моддии сарф кардашуда, инчунин ашёҳои инвентари мулоим ва зарфҳои корношоямшуда дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда дар тарафи дебетии ҳисобҳои 200 «Захираҳои моддии сарф карда шуда», 080 «Зиёдшавии арзиши, маҳсулоти тайёр (кор, хизмат) ва дар тарафи кредетии ҳисобҳои 062 «Камшавии арзиши дору ва воситаҳои ҷароҳатбандӣ», 061 «Камшавии арзиши маҳсулотҳои хӯрокворӣ», 064 «Камшавии арзиши сӯзишворӣ ва равғанҳои малиданӣ», 065 «Камшавии арзиши масолеҳи сохтмонӣ», 070-071 «Камшавии арзиши инвентари мулоим», 065-067 «Камшавии арзиши дигар захираҳои моддӣ» инъикос карда мешавад.

Дар вақти фурӯши захираҳои моддӣ онхо дар тарафи дебетии ҳисоби 400 «Даромад аз фурӯши активҳо» ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои 062 «Камшавии арзиши дору ва воситаҳои ҷароҳатбандӣ», 061 «Камшавии арзиши маҳсулотҳои хӯрокворӣ», 064 «Камшавии арзиши сӯзишворӣ ва равғанҳои

молиданӣ», 065 «Камшавии арзиши масолеҳи сохтмонӣ», 072 «Камшавии арзиши инвентари мулоим» 067 «Камшавии арзиши дигар захираҳои моддӣ» инъикос карда мешавад.

Маблағгузории объектҳои захираҳои моддӣ ба сармояи Оинномаи ташкилот бо андозаи арзиши тавозунии онҳо дар тарафи дебетии ҳисоби 211 «Зиёдшавии арзиши саҳмия ва дигар шакли саҳмдорӣ ба сармоя» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 04 «Захираҳои моддӣ» (062,061,064, 065, 072, 067) инъикос карда мешавад.

## 3.5. Баҳисобгирии аналитикӣ (ҷузъӣ)-и захираҳои моддӣ

Баҳисобгирии аналитикии захираҳои моддӣ ба ғайр аз зарфҳо, маҳсулотҳои хӯроквориӣ, насли чорво ва чорвои дар фарбеҳкунӣ буда дар варақаҳои маблағ–миқдории баҳисобгирии молҳои қиматнок бурда мешавад.

Дар қисми сарлавҳои варақаҳо номи ташкилот; қисмҳои воҳӯрии сохторӣ; ному насаби шахси аз ҷиҳати моддӣ масъул; рақами ҳисоби баҳисобгирии буҷетӣ; номгӯи маҳсулот (намуди таҷҳизот, деталҳо ва маводҳо) инъикос карда мешавад.

Дар қисми мундариҷаи варақаҳо сана ва рақами журнали амалиёт, мазмуни амалиёт, нарх, миқдор, маблағ аз рӯйи дебет ва кредит, бақия (миқдор, маблағ), дар қисми барасмиятдарорӣ бошад – вазифа, имзои шахси пуркунандаи варақа ва сана нишон дода мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии маҳсулоти хӯроквориӣ дар замимаи гардиши оиди активҳои ғайримолиявӣ бурда мешавад. Қайдҳо дар замимаи гардиши оиди активҳои ғайримолиявӣ дар асоси маъмумотҳои замимаи ғункунанда оиди даромад кардани маҳсулотҳои хӯроквориӣ ва замимаи ғункунанда оиди сарфи маҳсулотҳои хӯроквориӣ ба амал меояд.

Баҳисобгирии аналитикии насли чорво ва чорвои дар фарбеҳкунӣ буда, аз рӯйи намуд ва гурӯҳҳои синусолӣ (чорвои дар фарбеҳкунӣ буда, танҳо аз рӯйи намуд) дар китоби баҳисобгирии чорво бурда мешавад. Дар китоб намуди чорво, рамзи намуд, гурӯҳи синусолӣ, рамзи гурӯҳ, сана ва рақами журнали амалиёт, санаи дохилшавии чорво, маълу-

мот оиди чорво (аз кучо дохил шуд, ба кучо хориҷ карда шуд, вазнафзункунӣ ва ғайра); рақами инвентарӣ, миқдор, вазн, маблағ (аз рӯи дебет ва кредит) нишон дода мешавад.

Барои баҳисобгирии зарфҳои шикасташуда, китоби бақайдгирии зарфҳои шикасташуда истифода бурда мешавад. Дар он ному насаби шахси аз ҷиҳати моддӣ масъул, санаи кушодан ва маҳкамкунии китоб, номгӯи кушодан ва маҳкамкунии китоб, номгӯи ашё (зарфҳои шикасташуда), миқдор, вазифа, имзо ва рамзи имзои шахси ӯҳдадор, имзои сармуҳосиб нишон дода мешавад.

Китоб барои аз ҳисоб баровардани зарфҳои шикасташуда дар ташкилотҳое, ки дар ҳайати худ ошхона ва блоки хӯрокворӣ доранд, бурда мешавад. Комиссияи доимамалкунанда аз рӯйи дурустии бурдани китоб назорат мекунад.

Шахсони аз ҷиҳати моддӣ масъул баҳисобгирии захираҳои моддиро дар китоби баҳисобгирии молҳои қиматнок мебаранд. Дар китоб ному насаби шахси аз ҷиҳати моддӣ масъул ва рамзи он; рақами анбор; номгӯ ва рамзи воҳиди ченак; нарх; марка; навъ; андоза; меъёри захира, номгӯи ва рамзи молҳо; санаи қайд; сана ва рақами ҳуҷҷат; аз кӣ қабул карда шуд ва ба кӣ дода шуд; даромад; сарф; бақия; назорат (санаи додан ва имзо); натиҷаи тафтиш (санаи гузаронидани тафтиш) нишон дода мешавад.

Миқдори саҳифаҳо дар китоб аз тарафи сармуҳосиб тасдиқ карда мешавад. бухгалтерия аз рӯйи даромад ва сарфкунии молҳои қиматноки дар анбор буда назорат мебарад, инчунин маълумотҳои оиди баҳисобгирии молҳои қиматнок бо қайдҳои дар анбор бурдашуда муқоиса мекунад.

Баҳисобгирии амалиёт оиди сарф кардани захираҳои моддӣ ва аз эътибор соқит гардонидани онҳо аз истифодабарӣ, аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидан дар дохили ташкилот дар журнали амалиёт оиди аз эътибор соқитгардонӣ ва аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани активҳои ғайримолиявӣ бурда мешавад.

## 3.6. Баҳисобгирии маблағгузорӣ ба захираҳои моддӣ

Баҳисобгирии маблағгузорӣ ба захираҳои моддӣ дар ҳисоби 08 «Маҳсулоти тайёр» бурда мешавад. Амалиётҳо

оиди маблаггузорӣ ба тайёркунии масолеҳ ва маҳсулоти тайёр, корҳои иҷрошуда ва расонидани хизмат дар тарафи дебетии ҳисоби 08 «Зиёдшавии арзиши маҳсулоти тайёр (кор, хизмат) ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои 180 «Зиёдшавии қарзҳои кредиторӣ аз рӯйи музди меҳнат», 198 «Зиёдшавии қарзҳои кредиторӣ аз рӯйи андоз ва суғуртаи иҷтимоӣ», 150 «Зиёдшавии қарзҳои кредиторӣ аз рӯйи ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён», 062 «Камшавии арзиши дору ва воситаҳои ҷароҳатбандӣ», 061«Камшавии арзиши маҳсулоти хӯрокворӣ», 064 «Камшавии арзиши сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ», 065 «Камшавии арзиши масолеҳи сохтмонӣ», 072 «Камшавии арзиши инвентари мулоим», 067«Камшавии арзиши дигар захираҳои моддӣ» инъикос карда мешавад.

Тайёркунии масолеҳ дар асоси санад оиди қабули масолеҳҳо, талабнома-борхат дар тарафи дебетии ҳисобҳои 062 «Зиёдшавии арзиши дору ва воситаҳои ҷарохатбадӣ», 061«Зиёдшавии арзиши маҳсулоти хӯрокворӣ», 065 «Зиёдшавии арзиши масолеҳи сохтмонӣ», 072 «Зиёдшавии арзиши инвентари мулоим», 067 «Зиёдшавии арзиши дигар захираҳои моддӣ» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 080 «Камшавии арзиши тайёркунии масолеҳ, маҳсулоти тайёр (кор, хизмат) инъикос карда мешавад.

Корҳои иҷрошуда ва расонидани хизмат дар тарафи дебетии ҳисоби 400 «Даромад аз фурӯши бозории молҳо, корҳо ва хизмат» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 080 «Камшавии арзиши тайёркунии масолеҳ, маҳсулоти тайёр (кор, хизмат) инъикос карда мешавад.

## 3.7. Баҳисобгирии масолеҳҳо дар роҳ

Арзиши масолеҳҳо, ки то охири давраи ҳисоботӣ ба ташкилот дохил нашудааст, ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи аккредитив дар ҳисоби 068 «Масолеҳҳо дар роҳ» ба ҳисоб гирифта мешавад.

Арзиши масолеҳҳои ба ташкилот дохил нашуда дар тарафи дебетии ҳисоби 068 «Зиёдшавии арзиши масолеҳҳо дар роҳ» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 068/1 «Ҳисоббаробаркуниҳои дохили байни маъмурияти асосӣ ва

гирандаи воситаҳо аз рӯйи харидани масолеҳ» инъикос карда мешавад.

Ҳангоми гирифтани қабулкунии масолеҳҳо дар тарафи дебетии ҳисоби 062 «Зиёдшавии арзиши доруворӣ ва лавозимоти чароҳатбандӣ», 061 «Зиёдшавии арзиши маҳсулоти хӯрокворӣ», 064 «Зиёдшавии арзиши сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ», 065 «Зиёдшавии арзиши масолеҳи сохтмонӣ», 072 «Зиёдшавии арзиши инвентари мулоим», 067 «Зиёдшавии арзиши дигар захираҳои моддӣ» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 67/1 «Камшавии арзиши захираҳои моддӣ дар роҳ буда» инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии масолеҳҳои дар роҳ буда аз рӯйи таъминкунандаи алоҳида дар варақа, миқдор-маблағи баҳисобгирии молҳои қиматнок бурда мешавад.

## 3.8. Барӯйхатгирии захираҳои моддӣ

Захираҳои моддӣ дар рӯйхат аз рӯйи номгӯи бо нишондоди намуд, гурӯҳ, миқдор ва дигар нишондиҳандаҳои зарурӣ қайд карда мешаванд.

Захираҳои моддӣ ҳангоми гузаронидани барӯйхатгирӣ дохилшударо шахсони аз ҷиҳати моддӣ масъул дар назди аъзои комиссияи барӯйхатгиранда қабул мекунанд.

Ин молҳои қиматнокро дар рӯйхати алоҳида қайд мекунанд. Дар он санаи дохилшавӣ, номи таъминкунанда, сана ва рақами ҳуҷҷати даромадкунанда, номгӯи мол, миқдор, нарх ва маблағ нишон дода мешавад.

Дар ҳолати дуру дароз гузаронидани барӯйхатгирӣ бо иҷозати хаттии роҳбари ташкилот ва сармуҳосиб захираҳои моддиро дар раванди барӯйхатгирӣ шахсони аз ҷиҳати моддӣ масъул бо иштироки аъзои комиссияи барӯйхатгирӣ метавонанд барои кор иҷозат диҳанд.

Дар рӯйхати захираҳои моддӣ барои коркард ба дигар ташкилот додашуда, номи ташкилоти коркардкунанда, номгӯи мол, миқдор, арзиши ҳақиқӣ, санаи ба коркард додани молҳо, рақам ва санаи ҳуҷҷатҳо нишон дода мешавад.

Зарфҳоро дар рӯйхат аз рӯйи намуд, истифодаи мақсаднок ва ҳолати сифатӣ (нав, кӯҳна, таъмирталаб ва ғайра) ба қайд мегиранд.

Натиҷаи барӯйхатгирии гузаронидашудаи захираҳои моддиро дар варақаи муқоисавӣ оиди объектҳои активҳои ғайримолиявӣ инъикос мекунанд.

Зиёдатии захираҳои моддии дар вақти барӯйхатгирӣ ошкор карда шуда, дар тарафи дебетии ҳисобҳои 062 «Зиёдшавии арзиши дору ва воситаҳои ҷароҳатбандӣ», 061 «Зиёдшавии арзиши маҳсулоти хӯрокворӣ», 064 «Зиёдшавии арзиши сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ», 065 «Зиёдшавии арзиши масолеҳи сохтмонӣ», 072 «Зиёдшавии арзиши инвентари мулоим», 067 «Зиёдшавии арзиши дигар захираҳои моддӣ», 080 «Зиёдшавии арзиши маҳсулоти тайёр» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 400 «Дигар даромадҳо» инъикос карда мешавад.

Аз ҳисоб баровардани талафоти захираҳои моддӣ аз ҳисоби шахсони гунаҳкор бо қайдҳои зерини бухгалтерӣ ба расмият дароварда мешавад:

- ҳисоб кардани даромадҳо аз рӯйи пардохтҳо бо буҷети дар алоқамандӣ бо норасоӣ, рабудан, duздӣ) аз ҳисоби шахсони гунаҳкор аз рӯйи арзиши бозорӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 178 «Зиёдшавии қарзҳои дебиторӣ аз рӯйи норасоии захираҳои моддӣ», 060-069, 070,071 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи норасоии захираҳои моддӣ» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 400 «Даромад аз фурӯши активҳо»;
- аз ҳисоб баровардани арзиши захираҳои моддӣ аз баланс дар тарафи дебетии ҳисоби 140 «Даромад аз фурӯши активҳо» ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои захираҳои моддӣ» зуд инъикос карда мешавад.

## 3.9. Назорат аз рӯйи ҳолат ва сарфакорона истифодабарии захираҳои моддӣ, самтҳои асосӣ ва такмил додани баҳисобгирии онҳо

Захираҳои моддӣ қисми арзиши амволи ташкилот ва сарфи захираҳои моддӣ қисми зиёди хароҷоти ташкилотҳои буҷавиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, назорат аз рӯйи ҳолати захираҳои моддӣ ва дуруст истифодбарии онҳо ба ҳолати молиявии ташкилот таъсири калон мерасонад.

Самти асосии баландбардории самаранок истифодабарии захираҳои моддӣ ҷорӣ намудани технологияи пешқадам ба ҳисоб меравад.

Сарфакорона истифодабарии захираҳои моддӣ аз ҷамъоварии пурра, истифодабарии боқимондаҳо ва нархҳои асоснок кардашудаи онҳо вобастагӣ дорад.

Барои нигоҳдории захираҳои моддӣ анборҳои бо асбобҳои вазнченкунанда технологияи муосир таҷҳизонидашуда аҳамияти калон дорад.

Яке аз шароити сарфакорона истифодабарии захираҳои моддӣ – ба меъёрдарории захираҳои анбор ва хароҷотҳои моддӣ ба ҳисоб меравад.

## 3.10. Хусусиятҳои баҳисобгирии металҳои қиматнок, доруворӣ, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ, ашёҳои камарзиш

Баҳисобгирии металҳои қиматнок. Ба таркиби металҳои қиматнок тилло, нуқра, платина ва металҳои гурӯҳи платин (палладий, придий) дохил карда мешавад. Сангҳои қиматнок – ин алмоси табиӣ, зумурад, лаъл, марворид мебошанд.

Маълумот оиди миқдори металҳои қиматнок дар ҳуҷҷатҳои ибтидоии шакли байни варақавӣ инъикос карда мешавад.

Дар ҷойҳои нигоҳдории баҳисобгирии металҳои қиматнок дар ҳуҷҷатҳои дақиқи баҳисобгирӣ бурда мешавад, ки ба шахсони аз ҷиҳати моддӣ масъул баъди бақайдгирӣ дар бухгалерия бо забонхат дода мешавад. Дар ин ҳолат китобҳо, дафтарҳо ва дигар феҳристҳои баҳисобгирӣ рақамгузорӣ карда шуда, дӯхта мешаванд ва дар онҳо роҳбарият имзо гузошта, мӯҳр мегузорад.

Оиди металҳои қиматнок дар феҳристҳои баҳисобгирӣ номгӯи намуди метал, вазн ва дигар пайвастагиҳои дар таркиби металҳои қиматнок буда, нишон дода мешавад. Оиди сангҳои қиматнок дар феҳристҳои баҳисобгирӣ номгӯй, таъинот, марка, андоза ва рақами маҳсулот, гурӯҳ, сифат, тавсифи сангҳо, вазн бо карат қайд карда мешавад.

Барӯйхатгирии метал ва сангҳои қиматнок на камтар аз ду маротиба дар як сол аз рӯйи ҳолат дар 1-уми январ ва 1-уми июл дар ҳамаи ҷойҳои нигоҳдорӣ ва истеҳсолот гузаронида мешавад.

Маълумотҳои барӯйхатгирӣ дар санад оиди барӯйхатгирии металҳои қиматнок, санад оиди барӯйхатгирии сангҳои қиматнок ва рӯйхат оиди барӯйхатгирии металҳои қиматнок инъикос карда мешавад. Қайдҳо дар ҳуҷҷатҳо оиди ҷойи нигоҳдорӣ ва истифодабарии металҳо ва сангҳои қиматнок гузаронида мешавад. Ҳангоми ба охиррасии барӯйхатгирии ҳуҷҷатҳо ба бухалтерия барои инъикос намудани натиҷаи барӯйхаттгирӣ супорида мешавад. Натиҷаи барӯйхатгирӣ дар баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муддати 10 рӯз баъди ба охиррасии расмияти барӯйхатгирӣ инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии доруворӣ ва лавозимоти ҷароҳатбандӣ. Ба таркиби доруворӣ ва лавозимоти ҷароҳатбанди дохил мешавад.

- воситаҳои доруворӣ, ваксинаҳо;
- воситаҳои ҷароҳатбандӣ (дока, бинт ва пахта)
- маводҳои ёрирасон (резинаҳо, капсулаҳо).

Баҳисобгирии доруҳо аз рӯйи гурӯҳҳои зерин ба амал меояд:

- воситаҳои доруворихои заҳрдор;
- воситахои доруворихои наркотикӣ;
- спирти этил;
- доруҳои нав барои санҷишҳои химикӣ ва тадқиқотҳо.

Баҳисобгирии доруворӣ ва лавозимоти ҷароҳатбандӣ дар муассисаҳои тиббӣ ва дигар муассисаҳо бояд мувофиқи дастурамал оиди баҳисобгирии дору ва воситаҳои ҷароҳатбандӣ бурда мешавад.

Барӯйхаттгирии доруворӣ ва лавозимоти ҷароҳатбандӣ интихобан як маротиба дар як семоҳа гузаронида мешавад. Оиди доруҳои наркотикӣ ва заҳрдор тафтиши миқдори ҳақиқии онҳо ҳар моҳ дар санаи якум гузаронида мешавад. Дар ин ҳолат бақияи ҳақиқии доруҳои наркотикӣ дар рӯйхати алоҳидаи барӯйхатгирӣ қайд карда мешавад.

Баҳисобгирии сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ. Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ барои харочотҳои таш-

килот дар асоси меъёрҳои муқарраршуда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Меъёри харочоти сӯзишворӣ ва равганҳои молиданӣ мувофиқи талаботи техникии дар автомобил буда, муқаррар карда мешавад. Баҳисобгирии мавсим (дар вақти тобистон ва зимистон) иқлимӣ ва дигар омилҳои истифодабарӣ бо ёрии коэффисентҳои дар шакли фоиз ба тартиб оварда шуда бурда мешавад.

## 3.11. Мукотиботи ҳисобҳо аз рӯйи маблағгузории воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва ғайриистеҳсолӣ[1]

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Аз молтаъминкунандагон қабул намудани таҷҳизот ва масолеҳи сохтмонӣ барои сохтмон | 040, 041 | 150 |
| 2 | Ба ташкилоти пудратӣ интиқол додани таҷҳизот ва масолеҳҳои сохтмонӣ барои сохтмони асосӣ | 150 | 040, 041 |
| 3 | Аз эътибор соқит сохтани таҷҳизот ва масолеҳҳои сохтмонӣ, ки дар объекти сохтмони нави бо роҳи хоҷагидорӣ бунёдшуда харочот шудаанд | 203, 224 | 040. 041 |
| 4 | Аз анбор қабул намудани масолеҳҳои мӯҳдати истифодабариашон дароз барои иҷрои корҳои илмӣ - тадқиқотӣ, таъмир ва аз нав барқарор намудани асарҳои таърихӣ, муқаддасоти осорхонаҳо ва ёдгориҳои меъморӣ | 043 | 060 |
| 5 | Аз эътибор соқит намудани масолеҳҳои мӯҳлати истифодабариашон дарози харочотшуда | 200, 220, 221, 225 | 043 |
| 6 | Дар асоси шартнома барои иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ харидорӣ намудани таҷҳизоти махсус | 044 | 111, 178 |
| 7 | Аз анбор ба идораҳои илмӣ интиқол додани таҷҳизоти махсус барои иҷрои корҳои шартномавӣ. Ҳамзамон дар ҳисоби ғайритавозунии 02 инъикос карда мешавад | 220 | 044 |
| 8 | Даромад намудани таҷҳизоти махсус аз рӯйи нархи имконияти истифодабарӣ, ки баъди анҷоми корҳо ба супоришдиҳандагон баргардонида нашуда, ба сифати:<br>воситаҳои асосӣ<br>ашёҳои камарзиш ва<br>масолеҳҳо истифода бурда мешавад<br>**Эзоҳ:** Арзиши ин таҷҳизот аз ҳисоби ғайрибалансии 02 аз эътибор соқит гардонида мешавад | <br><br><br>013,016<br>071<br><br>060, 063 | <br><br><br>020, 250<br>260<br><br>241, 270 |

[1] Дастурамал оид ба пешбурди муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ, Душанбе. 2010. С.234-236.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 9 | Харидорӣ намудани ҳайвонот барои фарбеҳкунӣ | 050 | 111, 178 |
| 10 | Даромад намудани чорвои ҷавон ва дар парвариш-буда аз рӯйи нархи нақшавӣ | 050 | 220 |
| 11 | Аз эътибор соқит намудани ҳайвоноти ҳалокшудаи ҷавон ва дар парваришбуда аз ҳисоби муассиса | 220 | 050 |
| 12 | Аз рӯйи нархҳои нақшавӣ даромад намудани маҳсулоти гуштӣ ҳангоми куштани ҳайвонот | 080 | 050 |
| | Ҳамзамон ба фарқи ҳайвоноти кушташуда ва арзиши маҳсулоти гирифташуда чунин қайд гузаронида мешавад | 050, 220 | 220, 050 |
| 13 | Аз эътибор соқит намудани фарқи арзиши ҳақиқӣ ва нақшавии маҳсулоти чорвопарварӣ ва арзиши чорвои ҷавон ва дар парваришбуда, ҳангоми хароҷоти барзиёдатии нархҳои нақшавӣ сарфа намудани - «Сторно (Бақияи) сурх» аз рӯйи ҳисобҳои дар боло дарҷгардида | 050, 080 | 220, 400 |
| 14 | Харидорӣ намудани маҳсулоти хӯрокворӣ ва масолеҳҳо | 060 - 069 | 091, 101, 111, 131,160, 178 |
| 15 | Интиқол додани маҳсулоти хӯрокворӣ ва масолеҳҳо барои коркард | 222 | 061, 063, 067 |
| 16 | Даромад намудани масолеҳои аз ҳисоби коркард ва захира воридшуда | 061, 063, 067 | 222 |
| 17 | Даромад намудани захираҳои моддии барзиёдатие, ки дар натиҷаи барӯйхатгирӣ ошкор шудаанд, бо арзиши бозорӣ | 040, 041, 043, 060-067, 069 | 270, 400 |
| 18 | Аз эътибор соқит намудани захираҳои моддии хароҷотшуда дар асоси ҳуҷҷатҳои тасиққунанда | 200, 201, 210, 220, 223, 225, 227 | 043, 060 - 067, 069 |
| 19 | Фурӯши масолеҳҳои истифоданашаванда ва барзиёдатӣ аз рӯйи арзиши тавозунӣ | 110, 111, 120, 178 | 040, 041, 043, 060 - 067, 069 |
| | Ба маблағи аз арзиши тавозунӣ зиёдтар (бе андози арзиши иловашуда) | 178 | 400 |
| | Ба маблағи андози арзиши иловашудае, ки ба даромади буҷет бояд пардохта шавад | 178 | 173 |
| 20 | Аз ҳисоби муассиса аз эътибор соқит намудани камшавии таббии захираҳои моддӣ дар доираи меъёрҳои муқарраргардида, инчунин камомад ва вайрон шудани онҳо аз рӯйи арзиши тавозунӣ | 140, 141, 220, 241,270 | 060 - 067, 069 |
| 21 | Аз эътибор соқит намудани камомад ва вайрон шудани захираҳои моддие, ки ба ҳисоби шахсони гунаҳкор бурда шудаанд, аз рӯйи арзиши бозорӣ: ба маблағи арзиши тавозунӣ | 170 170 | 040, 041, 043, 044,060-067, 069 |
| | ба маблағи фарқи арзиши тавозунӣ ва бозорӣ | 170 | 401 |
| 22 | Аз рӯйи нархҳои харид даромад намудани наслҳои ҷавони аспҳои корӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ нигоҳдорӣ карда мешаванд | 067 | 140 |

### Саволнома

1. Ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи тартиби баҳисобгирии захираҳои моддиро номбар кунед.
2. Арзиши аввалаи (ибтидоӣ) захираҳои моддӣ-истеҳсолӣ чӣ тавр ташаккул меёбад?
3. Кадом усулҳои баҳодиҳии захираҳои моддӣ дар вақти ба истеҳсолот ҷудо кардан ё ин ки дигар шакли соқитшавӣ (хориҷшавӣ) мавҷуд аст?
4. Дар вақти дохилшавӣ ва хориҷшавии маводҳо кадом намуди ҳуҷҷатҳо тартиб дода мешавад.
5. Вазифаҳои баҳисобгирии захираҳои моддии дар анбор бударо шарҳ диҳед.
6. Баҳисобгирии аналитикӣ ва синтетикии захираҳои моддӣ чӣ тавр пеш бурда мешавад?
7. Кадом тарзҳои баҳодиҳии маҳсулоти тайёр дар вақти баҳисобгирӣ истифода карда мешавад?
8. Вариантҳои баҳисобгирии маҳсулоти тайёрро номбар кунед.

# БОБИ 4. ҲИСОБГИРИИ МЕҲНАТ ВА МУЗДИ ОН

## 4.1. Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар борaи баҳисобгирии бухгалтерӣ» аз 14 майи соли 1999, №750.
2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар таҳрири нав аз 3-юми майи соли 2002, №10.
3. Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пардохти хароҷотҳо вобаста ба сафарҳои хизматӣ» аз 28-уми феврали соли 2003, №73.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми июни соли 1996 «Оид ба тасдиқи Низомнома доир ба додани рухсатии меҳнатӣ»
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2010.
7. Кодекси буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар сол.
8. Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ (бо фармони Вазири молия аз 26 декабри соли 2000, №157 тасдиқ карда шудааст).

## 4.2. Намуд, шакл ва системаи музди меҳнат

Музди меҳнат - қонуни объективии иқтисодӣ буда, дар ҷамъият иштироки ҳар як шахсро муайян мекунад.

Ин қонун аз рӯйи ба ҳар як шахс мувофиқи миқдор ва сифати маҳсулоти истеҳсолшуда, кори ичро шуда ё вақти сарфшуда, маълумотнокии коргар, мураккабии иҷрои кор, шароити кор маошро муайян мекунад.

Музди меҳнат ин ченаки фаъолияти инсон дар ҷамъият бо ифодаи арзишӣ мебошад.

Бо ёрии музди меҳнат мо метавонем дараҷаи фаъолияти коргарро муайян намоем.

Барои дуруст ташкил намудани музди меҳнат бояд системаи он кор кунад.

Системаи музди меҳнат аз 3 қисм иборат аст:

1. Сеткаи тарифӣ
2. Ставкаи тарифӣ
3. Меъёрнома ва маълумотномаи тарифи тахассусӣ.

Сеткаи тарифӣ гуфта, вобастагии музди меҳнат аз қатори корӣ, шакли иҷроиш, музди он ва омилҳои дигари таъсиррасонанда муайян карда мешавад.

Ставкаи тарифӣ гуфта ҳаҷми музди меҳнатеро мегӯянд, ки ба 1 воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда, кори иҷрошуда, ё вақти сарфшуда баробар бошад.

Музди меҳнати коргарони соҳаи ёрирасон, мутахассисон, роҳбарон дар меъёрнома ва маълумотномаи тарифи тахассусӣ муайян шудааст, ки он шакли тавсияро дошта, ҳар як корхона метавонад, онро қабул кунад ё ҳаҷман дигар созад.

Асосан ду шакли музди меҳнат вуҷуд дорад:

- вақтбайъ;
- корбайъ.

Музди меҳнати вақтбайъ - аз рӯйи сарфи вақт барои иҷрои кор, хизмати расонидашуда муайян карда мешавад. Вай аз музди меҳнати:

- вақтбайъи оддӣ;
- вақтбайъи оддӣ –прогрессивӣ (иловапулӣ дорад);
- вақтбайъи мукофотӣ (мукофотпулӣ дорад) иборат аст.

Музди меҳнати корбайъ - аз рӯйи миқдори воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда, корҳои иҷрошуда ва ё хизмати иҷро кардашуда, муайян карда мешавад.

Вай аз рӯйи системаҳои зерин дода мешавад:

-корбайъи оддӣ;

-корбайъи оддӣ-прогрессивӣ;

-корбайъи оддӣ-мукофотӣ;

-корбайъи оддӣ-аккордӣ.

## 4.3.Ҳуҷҷатҳо оиди баҳисобгирии ҳайати шахсӣ, меҳнат ва музди он

Барои баҳисобгирии ҳайати шахсии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷатҳои зерин истифода бурда мешавад:

Фармон оиди қабул ба кор - ш. №Т-1;

Варақаи шахсӣ- ш.№ Т-2;

Фармон оиди аз як кор ба кори дигар гузаштан; -ш.№ Т-5;

Варақаи пешниҳод намудан ба рухсатии меҳнатӣ –ш. № Т-6;

Фармон оиди қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ – ш.№ Т-8 ва ғ.

Барои баҳисобгирии истифодабарии вақти корӣ бо коргар оиди музди меҳнат дар муассисаҳои буҷавӣ шаклҳои зерини ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ истифода бурда мешавад:

- Табели баҳисобгирии истифодабарии вақти корӣ;
- Табели баҳисобгири ҳамаи коргарони ташкилотро фарогиранда. Дар табел ба ҳар як коргар насаб, ном, номи падар, вазифа, миқдори соатҳои корӣ дар ҳар рӯзи корӣ, наомадан ба кор, миқдори умумии рӯзҳои корӣ, рақами табел, арзиши як рӯз, миқдори рӯзҳои корӣ дар моҳ ва ғайра нишон дода мешавад.

-Замимаҳои ҳисоббаробаркунию пардохтӣ;

Дар замимаи ҳисоббаробаркунию пардохтӣ(барои ҳар як коргар рақами табел, ӯҳдадорӣ, маблағи умумии музди меҳнат ҳисоб карда шуда, маблағи андоз аз даромади шахсони воқеӣ доштašуда, фонди нафақа, иттифоқи касаба, миқдори маблағ аз музди меҳнат дошта шуда, миқдори

маблағи додашаванда, имзо, насаб, ном ва номи падари коргар нишон дода мешавад.

## 4.4.Ҳисобгирии синтетикии ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи музди меҳнат ва идрорпулӣ

Ҳисобгирии синтетикии ҳисоббаробаркунӣ бо кормандон аз рӯйи музди меҳнати асосиву иловагӣ, мукофот, ёрдампулиҳо ҳангоми муваққатан гум кардани қобилияти корӣ, нафақа, идрорпулӣ дар ҳисобҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешавад:

180 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи музди меҳнат»;

178 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи дигар пардохтҳо»;

153 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо таъминкунандагон ва пудратчиён аз рӯйи хизмати комуналӣ»;

150 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо таъминкунандагон ва пудратчиён аз рӯйи пардохти иҷора барои истифодаи амвол»;

Маблағи ҳисобкардашудаи музди меҳнат дар тарафи кредитии ҳисоби 180 «Зиёдшавии қарзҳои кредитӣ аз рӯйи музди меҳнат» ва дар тарафи дебетии ҳисобҳои 200 «Хароҷотҳо аз рӯйи музди меҳнат», 080 «Зиёдшавии арзиши маҳсулоти тайёр (кор,хизмат)» инъикос карда мешавад.

Ҳисобкунии идрорпулӣ дар тарафи кредитии ҳисоби 181«Зиёдшавии қарзҳои кредиторӣ аз рӯйи дигар хароҷотҳо» ва дар тарафи дебетии ҳисоби 200 «Дигар хароҷотҳо» инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии ҳисоббаробаркунӣ дар журнали амалиётҳо аз рӯйи музди меҳнат, ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи пардохти нафақа ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ бурда мешавад.

Журнали амалиёти ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи музди меҳнат ва идрорпулӣ дар ташкилотҳо ва бухгалтерияҳои марказонидашуда дар асоси ҷамъбасти замимаи ҳисобию пардохтӣ бо заминаҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ: табели истифодабарии вақти корӣ, шартномаҳо ва санадҳо корҳои иҷрошуда тартиб дода мешавад.

Дар охири моҳ ҷамъи маблағи журнал-амалиёт ба китоби асосӣ гузаронида мешавад.

## 4.5.Ҳисобгирии нигоҳдорӣ аз музди меҳнат

Нигоҳдорӣ аз рӯйи музди меҳнати коргар танҳо дар ҳолатҳои дар Кодекси меҳнати ҶТ ва дигар қонунҳои ҶТ пешбинишуда амалӣ карда мешавад.

Бо ташаббуси ташкилот ба воситаи бухгалтерия аз музди меҳнати кормандон барои нигоҳдории кӯдак дар муассисаҳои томактабӣ, барои молҳои бо қарз гирифташуда, аъзоҳаққӣ барои иттифоқи касаба ва ғайра нигоҳ дошта мешавад.

Илова бар ин аз музди меҳнати кормандон чунин андозҳо нигоҳ дошта мешавад:

- андоз аз даромад;
- маблағи пешакии додашуда;
- нигоҳдорӣ барои фонди нафақа;
- маблағи зиёдатии пардохташудаи музди меҳнат дар моҳи гузашта (дар натиҷаи хато ҳисоб кардан);
- нигоҳдорӣ барои маҳсулоти ноқис;
- нигоҳдорӣ барои либоси кории ба коргар додашуда.
- нигоҳдорӣ барои пардохти ҳама намудҳои қарзҳои гирифтаи кормандон ва ғайра.

## 4.6.Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи ӯҳдадориҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Баҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи ӯҳдадориҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар ҳисобҳои зерини 198 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи пардохтҳои бо буҷет»; 198/1 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи андози ягонаи иҷтимоӣ ва пардохтҳои суғуртавӣ»; 198/2 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи ӯҳдадориҳои суғуртаи иҷтимоӣ» бурда мешавад.

Ҳисобкунии пардохтҳо дар тарафи дебетии ҳисобҳои 200 «Хароҷотҳои муассиса», ва ҳисоби 080 «Маҳсулоти тайёр (кор,хизмат)» ва кредити ҳисобҳои 198/1 «Зиёдшавии қарзҳои кредитӣ аз рӯйи андози ягонаи иҷтимоӣ ва пардохтҳои суғуртавӣ» ва 198/2 «Зиёдшавии қарзҳои кредиторӣ аз рӯйи ӯҳдадориҳои суғуртаи иҷтимоӣ» инъикос карда мешавад.

## 4.7.Мукотиботи ҳисобҳо оид ба ҳисобгирии меҳнат ва музди он[1]

| № | Амалиёт | Мукотиботи ҳисобҳо | |
|---|---|---|---|
| | | дебет | кредит |
| 1. | Музди меҳнат ҳисоб карда шуд | 200 | 180 |
| 2. | Идрорпулӣ ҳисоб карда шуд | 200 | 181 |
| 3. | Нафақа ва дигар пардохтҳо ҳисоб карда шуд | 198 | 180 |
| 4. | Андоз аз даромади шахсони воқеӣ нигоҳ дошта шуд | 173 | 180 |
| 5. | Аз хазинаи муассиса идрорпулӣ пардохта шуд | 173 | 120 |
| 6. | Пардохтҳо аз рӯйи ӯҳдадории суғуртавӣ инъикос карда шуд | 198 | 090 |
| 7. | Нигаҳдорӣ доштан аз музди меҳнат амалӣ карда шуд | 198/1 | 180 |
| 8. | Воситахои пулӣ аз хазина ба ҳисобҳои бонки муассиса, ҳисоби буҷетӣ гузаронида шуд | 090 | 120 |
| 9. | Ҳисоб намудани кӯмакпулиҳо ба корманд барои корношоямии муваққатӣ ва барои нигоҳубини кӯдакон то расидани онҳо ба синни 1,5-солагӣ аз ҳисоби маблағҳои Фонди суғуртаи иҷтимоии ҶТ | 193 | 180 |
| 10. | Пардохтхо аз хисоби Фонди суғуртаи ичтимоии ҶТ | 193 | 120, 160 |
| 11. | Ҳисоб намудани пардохтҳо барои нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ | 172 | 272 |
| 12. | Ҳисоб намудани пардохтҳо барои нигоҳубини Кӯдакон дар мактаб - интернатҳо | 172 | 173 |
| 13. | Ҳисоб намудани пардохтҳо барои нигоҳубини кӯдакон дар интернатҳои назди мактабӣ | 172 | 272 |
| 14. | Дохил шудани пардохтҳо барои нигоҳубини кӯда-кон: дар муассисахои кӯдакона дар мактаб - интернатҳо | 110, 120 091, 101, | 172 172 |
| 15. | Баргардонидани маблағи пардохтҳои нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ Ҳамзамон қайди зерини дуюм «сторно» («бақия») гузаронида мешавад | 172 170 | 120 272 |
| 16. | Ба даромади буҷет интиқол додани маблағи пардохти нигоҳубини тарбиятгирандагони мактаб - интернатҳо | 173 | 091, 101 |
| 17. | Ҳисоббаробаркунӣ бо кормандон аз рӯйи ҷои кор барои хӯрокпулиҳо мутобики қонунгузории амалкунанда | 172 | 061 |
| 18. | Ба хазинаи муассиса ворид шудани маблағи хӯрокпулӣ аз рӯйи ҷои кор | 120 | 172 |
| 19. | Ба хисоби депонента интиқол додани музди меҳнат ва идрорпулиҳои дар вақташ гирифтанашуда | 180,181 | 177 |
| 20. | Аз хазинаи муассиса пардохт намудани маблағҳои ба ҳисоби депонента гузошташуда | 177 | 120, 160 |
| 21. | Аз эътибор соқит намудани қарзҳои дебиторӣ ва кредитории мӯҳлати умумии даъвоиашон гузашта | 177, 178 | 240, 241,270 |

---

[1] Дастурамал оид ба пешбурди муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ, Душанбе. 2010. С.244-245.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 22. | Ба молтаъминкунандагон интиқол додани маблағ мутобики ҳисобномаи (шартномаҳои) пешниҳоднамудаи онҳо барои масолеҳи қиматнок, хизматрасониҳо | 178 | 091, 097, 101, 102, 110, 111, 118 |
| 23. | Ҳисоб намудани музди меҳнати кормандони тасвибӣ ва ғайритасвибӣ | 200, 201, 203, 210, 220, 221-225, 227 | 180 |
| 24. | Ҳисоб намудани ёрдампулиҳо ба хизматчиёни ҳарбӣ | 220 | 188 |
| 25. | Нигоҳдорӣ аз музди меҳнати кормандон | 180 | 173, 183-185, 187, 198 |
| 26. | Ҳисоб намудани идрорпулиҳо | 200, 223, 225 | 181 |
| 27. | Ҳисоб намудани ҳаққи таълифи (гонорар) оҳангсозон, санъаткорон ва муаллифон барои корҳои иҷрокардаи онҳо аз рӯйи шартномаҳо ва супориши якдафъаина | 200, 220, 223 | 189 |
| 28. | Нигоҳ доштани андозҳо аз ҳаққи ,таълиф | 189 | 173 |
| 29. | Пардохти музди меҳнат, идрорпулиҳо, ҳаққи таълиф ва қарзҳо | 180, 181, 187, 189 | 120, 160 |

## Саволнома

1. Кадом намуд, шакл ва системаҳои музди меҳнат дар ташкилотҳои (муассисаҳои) буҷетӣ истифода карда мешавад?
2. Кадом шакли ҳақдиҳӣ ба музди меҳнати асосӣ ва иловагӣ дохил мешавад?
3. Намудҳои аз музди меҳнати коргарон доштани андозҳоро номбар кунед.
4. Ташкили баҳисобгирии аналитикиро оид ба ҳисоббаробаркунӣ бо кормандон аз рӯйи музди меҳнат маълумот диҳед.
5. Кадом тарзи ҳисобкунии андоз дар вақти ҳисоб кардани андоз аз даромади шахсони воқеӣ истифода карда мешавад?
6. Кадом намуди ҳисоб кардани рухсатии меҳнатии навбатии ҳарсола мавҷуд аст?
7. Кадом ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ дар вақти ҳисоб кардан ва додани музди меҳнат дар ташкилот тартиб дода мешавад?
8. Кадом тартиби муайян кардани кӯмак дар вақти корношоямии муваққатӣ ва манбаи пардохти он мавҷуд аст?

# БОБИ 5. ҲИСОБГИРИИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ МОЛИЯВӢ

## 5.1. Ҳуҷҷатҳои асосӣ меъёрӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» аз 14-уми майи соли 1999, №750.
2. Кодекси шарвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Кодекси буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Дастурамал оид ба низоми тартиб додан ва пешниҳод кардани ҳисоботи солона ва даврии бухгалтерии ташкилотҳои буҷетӣ ҶТ фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми октябри соли 2006.
5. Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибот дар муассисаҳои буҷетӣ. Бо фармони Вазири молияи ҶТ аз 26-уми декабри соли 2000, №157 тасдиқ карда шудааст.
6. Низомнома доир ба ҳисоби бухгалтерӣ, ҳисоби моликият ва ӯҳдадориҳои корхонаҳо, ки бо валютаи хориҷӣ ифода шудаанд. Фармони Вазири молияи ҶТ аз 08.12.1999, №153.
7. Низомнома оид ба бурдани ҳисоби бухгалтерӣ ва ҳисобот дар ҶТ (фармони Вазири молияи ҶТ аз 30 декабри соли 1999, №163) ва ғайра.

## 5.2. Ҳисобгирии воситаҳои пулии муассиса дар ҳисоби дар бонк буда

Воситаҳои пулӣ- пули нақди хазинаро дар бар мегиранд. Воситаҳои пулии суратҳисоб, ҳисоби арзии корхона ва ҳисоби депозит, инчунин дар намуди аккредитивҳо, чекҳои имтиёзӣ вуҷуд доштаанд. Воситаҳои пулӣ барои ба даст овардани захираҳои истеҳсолӣ, музди меҳнат ва пардохт кардани хароҷотҳои муассиса нақши муҳимро мебозанд.

Вазифаҳои асосии ҳисобгирии воситаҳои пулӣ аз инҳо иборат аст:

1. Таъмини муҳофизати онҳо;

2. Назорати истифодаи дурусти воситаҳои пулӣ;
3. Қайди дурусти хароҷоти воситаҳои пулӣ дар ҳуҷҷатҳо;
4. Назорати хушсифат пур кардани ҳуҷҷатҳои ҳисобгирии воситаҳои пулӣ ва ғайра. Барои ҳисобгирии хароҷоти воситаҳои пулии муассиса дар ҳисобҳои бонкӣ, дар хазина, инчунин барои ҳисобгирии ҳаракати ҳуҷҷатҳои пулӣ ҳисоби 140 «Воситаҳои пулии муассиса» истифода карда мешавад.

Ҳисобгирии амалиётҳо аз рӯйи ҳаракати воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои зерин бурда мешаванд:

090 «Воситаҳои пулии муассиса дар ҳисобҳои дар бонк буда»;

114 «Воситаҳои пулии ба ихтиёри муассиса муваққатан вогузошта»;

133 «Воситаҳои пулии дар роҳ будаи муассиса»;

120 «Хазина»;

132 «Ҳуҷҷатҳои пулӣ»;

130 «Аккредитивҳо»;

118 «Воситаҳои пулии муассиса бо арзи хориҷӣ».

## 5.3. Ҳисобгирии воситаҳои пулии муассисаҳо дар вақти фармон додан ва дар роҳ будан

Ҳисобгирии воситаҳои пулии муассиса дар вақти фармон додан дар ҳисоби 090 «Воситаҳои пулии муассиса дар вақти фармони додан» бурда мешавад.

Дохилшавии воситаҳои пулии номбаршуда дар тарафи дебетии ҳисоби 114 «Дохилшавии воситаҳои пулӣ дар ихтиёри муассиса муваққатӣ буда» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 178 «Зиёдшавии қарзҳои кредиторӣ аз рӯйи маблағҳои дар ихтиёри муассиса муваққатӣ буда» инъикос карда мешавад.

Ҳисобгирии амалиётҳо аз рӯйи ҳаракати воситаҳои пулӣ дар журнали амалиётҳо ба воситаҳои пулии ғайринақдӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ заминаҳо ба нусхаи ҳисобҳо бурда мешавад.

Ба воситаҳои пулии дар роҳ буда воситаҳои пулии ҳисобкардашудаи ташкилот(муассиса), аммо онҳоро дар моҳи дигар мегирад, инчунин воситаҳои пулии дар бонк аз як ҳисоб ба ҳисоби дигар гузаронидашуда дохил мешавад.

Ҳисобгирии воситаҳои пулии дар роҳ буда дар ҳисоби 133 «Воситаҳои пулии муассисаи дар роҳ буда» инъикос карда мешавад.

Амалиётҳои аз рӯйи зиёдшавии воситаҳои пулии дар роҳ буда дар тарафи дебетии ҳисоби 133 «Дохилшавии воситаҳои пулии муассисаҳои дар роҳ буда» ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои 200 «Хориҷкунии воситаҳои пулии муассиса ва ҳисобҳои дар бонк буда», 118 «Хориҷкунии воситаҳои пулии муассиса» аз ҳисобҳои бо арзи хориҷӣ инъикос карда мешавад.

## 5.4.Ҳисобгирии амалиётҳои хазинавӣ

Амалиётҳои ба воситаи пули нақдии ташкилот (муассиса) алоқаманд бударо амалиёти хазинавӣ меноманд. Баҳисобгирии маблағи нақд ва ҳаракати воситаҳои пулӣ дар хазинаи ҷудогона, мутобиқи амалиётҳои даромаду харочот бурда мешавад. Амалиётҳои даромади пулӣ нақд аз шаклҳои зерин иборат аст:

- қабули пули нақд аз суратҳисоб ва ҳисоби арзии дар бонк буда;
- баргардонидани бақияи сарфнашудаи сафархарҷӣ;
- қабули маблағи нақдӣ аз фурӯши воситаҳои молию моддӣ;
- қабули воситаҳои пули нақд аз ҳисоби махсуси қарзӣ ва дигар қарзҳо;
- гирифтани даромад аз фарқияти қурби арзӣ ва ғайра.

Амалиётҳои қабули пули нақдӣ ҳатман бо «Ордери даромади хазина» ҳуҷҷатнок карда мешавад. Маблағи амалиёти дар ордерҳо ҳам бо рақам ва ҳам бо ҳарф навишта мешавад.

Дар ордери даромади хазинавӣ сармуҳосиб ва ё ҷонишини вай имзо мегузорад.

Амалиётҳои хароҷоти пули нақдӣ:

- пардохти ҳисоби молтаъминкунандагон барои мол иҷрои кор ва хадамот;
- арзиши молҳои харидашуда;
- хароҷоти почтаю телефон;
- додани музди меҳнат, мукофотпулӣ, ёрдампулиҳо;

- сафархарчӣ.
- қабул ба суратҳисоб;
- пардохти музди меҳнати депозитшуда (агар дар давоми се рӯз нагирифта бошад);
- додани қарз ба коркунон;

Ҳамаи амалиёти харочотҳои пулӣ ҳатман бо воситаи «Ордери харочоти хазинавӣ», ки дар он роҳбари ташкилот (муассиса) ва сармуҳосиб ва ё ҷонишинҳои онҳо имзо мегузоранд, ба расмият дароварда мешавад.

Ба ғайр аз он ордерҳои даромад ва харочоти хазинавӣ «Журнали бақайдгирии ордери даромад ва харочоти хазинавӣ» ва «Китоби хазина» истифода бурда мешавад.

Барои ҳисобгирии ҳаракати воситаҳои пули нақди ҳисоби 120 «Хазина» истифода карда мешавад.

Амалиётҳо аз рӯйи дохилшавии воситаҳои пули нақд ба хазина дар тарафи дебетии ҳисоби 120 «Дохилшавӣ ба хазина» ва кредити ҳисобҳои 090 «Хориҷкунии воситаҳои пулии муассиса аз ҳисобҳои бонкӣ», 160 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони зерҳисоб» инъикос карда мешавад.

Амалиётҳо аз рӯйи хориҷшавии воситаҳои пули нақд аз хазина дар тарафи кредитии ҳисоби 120 «Хориҷшавӣ аз хазина» ва дар тарафи дебетии ҳисобҳои 198 «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи пардохтҳои буҷавӣ», 178 «Зиёдшавии қарзҳои дебиторӣ аз рӯйи амалиётҳои воситаҳои пули нақд» инъикос карда мешавад.

## 5.5. Ҳисобгирии ҳуҷҷатҳои пулӣ

Ба ҳуҷҷататҳои пулӣ дохил мешаванд: тамғаҳои боҷи давлатӣ, маркаҳои почта, тамғаҳои васиқавӣ, чиптаҳои пардохтшудаи тайёрӣ, роҳхатҳои пардохтшуда барои осоишгоҳҳо ва хонаҳои истироҳатӣ, саҳмияҳои худии аз саҳҳомон харидашуда ва дигарҳо.

Ҳуҷҷатҳои пулӣ дар хазинаи ташкилот (муассиса) нигоҳ дошта мешаванд. Қабул кардан ба хазина ва аз хазина додани ҳуҷҷатҳои пулӣ бо «Ордери даромади хазинавӣ» ба расмият дароварда мешаванд. Ордерҳои даромад ва харочоти хазинавӣ дар журнали бақайдгирии ҳуҷҷатҳои да-

ромад ва харочоти хазинавӣ алоҳида аз рӯйи амалиётҳо аз рӯйи воситаҳои пулӣ ба қайд гирифта мешавад.

Барои ҳисобгирии ҳаракати ҳуҷҷатҳои пулӣ ҳисоби 132 «Ҳуҷҷатҳои пулӣ» истифода бурда мешавад.

Ҳангоми дохилшавии ҳуҷҷатҳои пулӣ ба хазина дар тарафи дебетии ҳисоби 090 «Дохилшавии ҳуҷҷатҳои пулӣ» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 150 «Ҳисоббаробаркуниҳо ба таъминкунандагон ва пудратчиён», ҳисобҳои 150, 153 инъикос карда мешавад.

Додани ҳуҷҷатҳои пулӣ аз хазина дар тарафи дебетии ҳисоби 160 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони зерҳисоб» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 120 «Хориҷкунии ҳуҷҷатҳои пулӣ» инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикии ҳуҷҷатҳои пулӣ аз рӯйи намудҳои онҳо дар варақаҳои ҳисобгирии воситаҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо бурда мешавад.

## 5.6. Ҳисобгирии аккредитивҳо

Шакли аккредитивии ҳисоббаробаркуниҳо дар ду ҳолати зерин истифода бурда мешавад:

1. Вақте ки ин шакли ҳисоббаробаркунӣ бо шартнома муқаррар карда шудааст;
2. Вақте ки таъминкунанда харидорро бо шакли аккредитивии ҳисоббаробаркунӣ мувофиқи низомномаи гардиши маҳсулоти таъйиноташон истеҳсоли техникӣ ва молҳои сермасраф гузаронидааст.

Моҳияти шакли аккредитивии ҳисоббаробаркуниҳо аз он иборат аст, ки пардохти ҳисобфактураҳо дар маҳалли ҷойгиршавии таъминкунанда ба амал меояд. Барои ин харидор пешакӣ ба воситаи шӯъбаи бонк, ки дар он рақами ҳисоббаробаркунӣ дорад, аккредитив мекушояд.

Аккредитив-ин фармони бонки харидор ба бонки таъминкунанда дар бораи пардохтани ҳисобфактураи таъминкунанда мувофиқи шарти супориши аккредитивии харидор мебошад.

Барои кушодани аккредитив харидор ба бонк ариза пешниҳод менамояд, ки дар асоси он аз рақами

ҳисоббаробаркунии маблағи аккредитив хориҷ карда шуда, ба бонки таъминкунанда фиристода мешавад.

Аккредитивҳоро аз ҳисоби воситаҳои корхона бо роҳи хориҷкунӣ аз рақами ҳисоббаробаркунӣ, ё аз ҳисоби қарзи бонк мекушоянд.

Таъминкунанда ба харидор молро бор карда, ба муассисаи бонк ҳуҷҷатҳои ҳисобиро пешниҳод менамоянд. Мувофиқи онҳо маблағи талабномаи қарзҳои аз ҳисоби аккредитив хориҷ карда шуда, ба рақами ҳисоббаробаркунии он дохил мегардад.

Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз рӯйи ҳисоббаробаркунии аккредитивӣ дар ҳисоби 130 «Аккредитивҳо» ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳангоми гузаронидани воситаҳои пулии ҳисоби аккредитивӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 130 «Дохилшавии воситаҳои пулӣ ба ҳисоби аккредитивӣ» ва дар тарафи кредитиви ҳисоби 090 «Хориҷкунии воситаҳои пулии муассиса (ташкилот) аз ҳисобҳои бонкӣ», ҳисоби 118 «Хориҷкунии воситаҳои пулии ташкилот (муассиса) аз ҳисобҳо бо арзи хориҷӣ» инъикос карда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикӣ аз рӯйи ҳисоби 130 «Аккредитивҳо» дар варақаҳои ҳисобгирии воситаҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо бурда мешавад.

## 5.7.Ҳисобгирии воситаҳои пулии муассисаҳо аз рӯйи арзи хориҷӣ

Барои баҳисобгирии амалиётҳо аз рӯйи ҳаракати воситаҳои пулии муассиса бо арзи хориҷӣ ҳисоби 118 «Воситаҳои пулии муассиса бо арзи хориҷӣ» истифода бурда мешавад.

Амалиётҳо аз рӯйи дохилшавии воситаҳои пулии муассиса бо арзи хориҷӣ дар дебети ҳисоби 118 «Дохилшавии воситаҳои пулии муассиса бо арзи хориҷӣ» ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои 133 «Дохилшавии воситаҳои пулии муассисаи дар роҳ буда», 178 «Камшавии қарзҳо аз рӯйи буҷет» инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии амалиётҳо аз рӯйи ҳаракати воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳо ва дар журнали амалиёт бо воситаҳои пу-

лии ғайринақдӣ дар асоси ҳуҷҷатҳо истифода бурда мешавад.

## 5.8.Ҳисобгирии маблағҳо дар ҳисобҳои буҷетӣ

Барои ҳисобгирии воситаҳо дар ҳисобҳои буҷетӣ ҳисоби 090 «Маблағҳо дар ҳисобҳои буҷетӣ» истифода бурда мешавад.

Барои ҳисобгирии амалиётҳо аз рӯйи ҳаракати маблағҳо дар ҳисобҳои буҷети ҳисобҳои зерин истифода карда мешавад: 140 «Маблағҳои ҳисобҳои ягонаи буҷетӣ»; 140/1 «Маблағҳои буҷетӣ дар роҳ»; 140/2 «Маблағҳои буҷетӣ бо арзи хориҷӣ».

Дар ҳисоби 140 «Маблағҳои ҳисобҳои ягонаи буҷетӣ» маблағҳои ҳисобҳои ягонаи буҷетии дар ҳисобҳо, ё ин ки дар ҳисобҳои ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро таъмин менамоянд, инъикос карда мешавад.

Дохилшавӣ ба ҳисоби яғонаи буҷетӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 140 «Дохилшавии маблағҳо ба ҳисоби ягонаи буҷетӣ» ва кредити ҳисоби 400 «Дохилшавӣ ба буҷет аз рӯйи даромад», 400/1 «Дохилшавӣ ба буҷет аз фурӯши активҳои ғайримолиявӣ» инъикос карда мешавад.

Ҳисоби 140/1 «Маблағҳои буҷетӣ дар роҳ буда» барои ҳисобгирии маблағҳои ҳисобкарда шудаи буҷетӣ аз дигар буҷет дар байни ташкилотҳои буҷетӣ истифода карда мешавад.

Дар ҳисоби 140/2 «Маблағҳои буҷетӣ бо арзи хориҷӣ» маблағҳои буҷетии дар ҳисобҳои бонк бо арзи хориҷӣ мавҷудбуда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дохилшавии маблағҳои буҷетӣ бо арзи хориҷӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 140/1 ва дар тарафи кредитии ҳисоби 400 «Дохилшавӣ ба буҷет аз рӯйи даромад», «Дохилшавӣ ба буҷет аз ҳисоби фурӯши активҳои молиявӣ» инъикос карда мешавад.

## 5.9.Ҳисобгири воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро таъмин мекунад

Барои ҳисобгирии воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавӣ иҷрои буҷетро

таъмин мекунад ҳисоби 140 «Воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро таъмин мекунад» истифода карда мешавад.

Барои ҳисобгирии амалиётҳо оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ дар хисобҳои ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавӣ иҷрои буҷетро таъмин мекунад, ҳисобҳои зерин истифода бурда мешавад.

140 «Воситаҳои пулӣ ҳисобҳои ягонаи буҷет дар ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро таъмин мекунанд».

140/1 «Воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро дар роҳ таъмин мекунад».

140/2 «Воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳо барои пардохти пули накд».

140/3 «Воситаҳои пулии ҳисоби ягонаи буҷет дар ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавӣ иҷрои буҷетро таъмин мекунад, бо арзи хориҷӣ».

## 5.10. Ҳисобгирии маблағгузории молиявӣ

Ҳисобгирии маблағгузориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, инчунин дигар активҳои молиявӣ дар ҳисоби 134 «Маблағгузориҳо» бурда мешавад.

Барои ҳисобгирии амалиётҳо аз рӯйи маблағгузориҳо хисобҳои зерин истифода бурда мешавад:

134/1 «Депозитҳо»;

134/2 «Саҳмияҳо ва дигар шаклҳои саҳм ва сармоя»;

134/3 «Облигатсия, васиқа»

Дар ҳисоби 134/1 «Депозитҳо» воситаҳои пулии буҷет дар ҳисобҳои депозити бонкӣ мавҷуд буда, баҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисобгирии воситаҳои пулӣ ба ҳисоби депозити дар тарафи дебетии ҳисоби 134/1 «Дохилшавии воситаҳои пулӣ ба ҳисоби депозитӣ» ва кредити ҳисобҳои 090 «Хориҷкунии воситаҳои пулии ташкилот аз ҳисобҳои бонкӣ»; 118 «Хориҷкунии воситаҳои пулии ташкилот аз ҳисобҳои бо арзи хориҷӣ» инъикос карда мешавад

Дар ҳисоби 134/2 «Саҳмияҳо ва дигар шаклҳои саҳм ба сармоя» гузоштани воситаҳои пули буҷет ба саҳмияҳо, дигар шаклҳои саҳм ба сармояи ҷамъиятҳои рафиқона ва хоҷагидорӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисобгирии аналитикии аз рӯйи намудҳои маблағгузории молиявӣ ва субъектҳо дар реестри баҳисобгирии қоғазҳои қиматнок бурда машавад.

Дар феҳрист рақами тартибӣ, таърихи рӯз ва номгӯи амалиётҳо; рақам ва силсилаи қоғази қимматнок; маблағи дохилшуда аз рӯйи арзиши аввала ва номиналӣ ва ғайра нишон дода мешавад.

Воситаҳои пулии гузошташударо дар тарафи дебетии ҳисоби 134/2 «Зиёдшавии арзиши саҳмия ва дигар шакли саҳм ва сармоя» ва кредити ҳисобҳои 140 «Ҳисоббаробаркуниҳо оиди пардохтҳо аз буҷет бо ташкилотҳо аз рӯйи бадастории саҳмияҳо ва дигар шакли саҳм ба сармоя»; 090 «Хориҷкунии воситаҳои пулии ташкилот аз ҳисобҳои бонкӣ»; 118 «Хориҷкунии воситаҳои пулии ташкилот аз ҳисобҳо бо арзи хориҷӣ» инъикос карда мешавад.

Дар ҳисоби 134/2 «Облигатсия, воситаҳо» гузоштани воситаҳои пули буҷет ба облигатсия, воситаҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок ба ғайр аз саҳмияҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисобгирии аналитикӣ аз рӯйи ҳисоби 132/1 аз рӯйи объектҳо дар феҳрист баҳисобгирии қоғазҳои қиматнок бурда мешавад.

Қабули маблағгузорӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 400 «Зиёдшавии арзиши қоғазҳои қиматнок ба ғайр аз саҳмияҳо» ва кредити ҳисоби 132/1 «Зиёдшавии қарзи кредитӣ аз рӯйи бадастории қоғазҳои қиматнок ба ғайр аз саҳмияҳо инъикос карда мешавад. Ҳисобгирии амалиётҳо аз рӯйи ҳаракати маблағгузории молиявӣ журнал – амалиёт бо воситаҳои пули ғайринақдӣ бурда мешавад.

## 5.11. Барӯйхатгирии воситаҳои пулӣ ва маблағгузории молиявӣ

Барӯйхатгирии хазина мувофиқи тартиби бурдани амалиётҳои хазинавӣ дар ҶТ гузаронида мешавад.

Ҳангоми ҳисобу китоби миқдори пули хазина ҳисобгирии пули нақд, қоғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пулӣ (тамғаҳои боҷи давлатӣ, марказҳои почта, тамғаҳои васиқавӣ, чиптаҳои пардохташудаи тайёра, роҳхатҳои пардохташуда барои осоишгоҳҳо ва хонаҳои истироҳатӣ ва дигарҳо) бурда мешавад.

Натиҷаи барӯйхатгирии гузаронидашудаи воситаҳои пули нақд дар ташкилот дар рӯйхати воситаҳои пули нақд ба расмият дароварда мешавад.

Дар рӯйхат маълумот оиди миқдори пули нақд, қоғазҳои қиматнок, ҳуҷҷатҳои пулӣ; маълумот аз рӯи натиҷаи маҳосибот оиди камомад ва зиёдатӣ, рақами охирон ордери даромад ва хароҷоти хазинавӣ; хулосаи комиссия ва қарори роҳбари ташкилот инъикос карда мешавад.

Барӯйхатгирии воситаҳои пулӣ дар рақами ҳисоббаробаркунии ҳисобҳои арзӣ ва махсус буда, бо роҳи муқоиса кардани бақияи маблағҳои дар ҳисобҳои ҳисобкардашуда аз рӯйи маълумотҳои муҳосиботи ташкилот бо маълумотҳои нусхаҳои бонк гузаронида мешавад.

Ҳангоми барӯйхатгирии маблағгузории молиявӣ хароҷотҳои ҳақиқӣ барои қоғазҳои қиматнок ва сармояи ойинномаи дигар ташкилотҳо тафтиш карда мешавад.

Дар вақти тафтиши миқдори ҳақиқии қоғазҳои қиматнок: дуруст ба расмият даровардани қоғазҳои қиматнок; ҳифзнамоии қоғазҳои қиматнок; саривақт ва пурра дар ҳисобгирии муҳосиботӣ инъикос кардани даромади гирифташуда аз рӯйи қоғазҳои қиматнок ба тартиб даровардa мешавад.

Ҳангоми нигоҳдории қоғазҳои қиматнок дар ташкилот барӯйхатгирии онҳо дар як вақт бо барӯйхатгирии воситаҳои пулӣ гузаронида мешавад.

Барӯйхатгирии қоғазҳои қиматнок аз рӯйи элементҳои алоҳида бо нишондод дар акт: номгӯй силсилаи, рақам, арзиши номиналии ҳақиқӣ ва дигарҳо гузаронида мешавад.

Натиҷаи барӯйхатгирии қоғазҳои қиматнок, инчунин маблағгузории молиявии ташкилот дар рӯйхати қоғазҳои қиматнок барасмият даровардa мешавад.

Дар рӯйхат номгӯи коғазҳои қиматнок ва эмитенти он, инчунин рақам ва силсила арзиши номиналӣ ва арзиши тавозунии коғазҳои қиматнок, камомад ва зиёдатӣ, хулосаи комиссия, забонхати шахси аз ҷиҳати моддӣ масъул нишон дода мешавад.

## 5.12. Мукотибботи ҳисобҳо оиди баҳисобгирии воситаҳои пулӣ ва маблағгузории молиявӣ[1]

| № | Амалиёт | Алоқамандии ҳисобҳо | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| 1. | Ба ҳисоби ташкилот воситаҳои пулӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар намуди фаъолият дохил шуд | 111 | 176 |
| 2. | Воситаҳои пулӣ дохил карда шуд:<br>- пардохти қарздории дебиторӣ аз рӯйи суғуртаи иҷтимоӣ | 111 | 198 |
| 3. | -пардохти қарздорӣ аз рӯйи маблағи пешакӣ додашуда | 111 | 180 |
| 4. | -бақияи аккредитиви истифоданамуда | 111 | 130 |
| 5. | Зиёдшавии ҳаҷми маблағгузории молиявии ташкилот инъикос карда шуда | 140 | 090 |
| 6. | Даромад аз маблағгузории молиявӣ ҳисоб карда шуда | 090 | 400 |
| 7. | Дар асоси ҳуҷҷатҳои асоснокварда воситаҳои пулӣ аз ҳисобҳои буҷет, ҳисоби бонк хориҷ карда шуда<br>-пардохти маблағи андозҳо ва пардохтҳо ба буҷет, аз он ҷумла аз рӯйи суғуртаи иҷтимоӣ | 198,173,198/1 | 090 |
| 8. | -аз рӯйи нигоҳдорӣ аз музди меҳнат | 198 | 090 |
| 9. | -барои дохилкунии пули нақд ба хазина | 120 | 176/1 |
| 10. | -пардохти ҳисобҳои таъминкунанда | 150 | 090 |
| 11. | Даромад намудани маҳсулоти тайёр ва маҳсулотҳои тайёркарадаи муассиса ва сохторҳои зертобеъи онҳо аз рӯйи арзиши ҳақиқии онҳо (аз он ҷумла, маҳсулоти кишоварзӣ бо нархи нақшавӣ) | 080 | 220 |
| 12. | Интиқол додани маҳсулоти хӯрока ба истеҳсолот ва интиқоли молҳо ба фурӯш | 080 | 061,067 |
| | Ҳамзамон ба маблағи нархи иловагӣ | 080 | 401 |
| 13. | Ба маблағи аз фурӯши маҳсулот ва молҳо бадастомада: аз рӯйи нархи фурӯш | 111, 120 | 080 |
| | Ҳамзамон қайди дуюм гузаронида мешавад:<br>аз рӯйи нархи харид (бе маблағи нархи иловагӣ) | 280 | 400 |
| | ба маблағи нархи иловагӣ | 401 | 400 |

[1] Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. Душанбе, 2010.С. 239-241.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 14. | Инъикос намудани маҳсулоти ба супоридиҳандагон супоридашуда (аз он ҷумла, маҳсулоти аз рӯйи нархи нақшавӣ) | 280 | 080 |
| 15. | Интиқол додани маҳсулоти тайёркардашудаи хоҷагии ёрирасони кишоварзӣ барои эҳтиёҷоти муассиса | 061,067, 071, 073 | 080 |
| 16. | Аз эътибор соқит кардани фарқияти арзиши нақшавӣ ва ҳақиқии маҳсулоти кишоварзӣ дар охири сол хароҷоти барзиёдатӣ (сарфашуда - қайдҳои муҳосибӣ бо ададҳои манфӣ): маҳсулот фурӯхтанашудаи дар анбор ҷойгирбуда маҳсулоти фурӯхташуда | 080 ,280 | 220 ,220 |
| 17. | Ба тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ расонидани ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳо (хароҷотҳои ҷорӣ, хароҷотҳои асосӣ) аз тарафи Вазорати молияи ҶТ | 090,097 | 230 |
| 18. | Аз тарафи Вазорати молияи ҶТ расонидани сарчашмаҳои иловагии маблағгузории муасси-саҳо дар доираи иҷроиши буҷети ҷумҳуриявӣ | 090 | 231 |
| 19. | Ба қабулкунандагон расонидани ҳаҷми маблағгузории тақсимотшуда аз тарафи тақсимочии асосӣ, тақсимотчӣ | 140, 141 | 090, 097 |
| 20. | Дохил намудани ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳо ба ҳисобҳои шахсии қабулкунандагон | 091, 097 | 140, 143 |
| 21. | Ба ҳисоби муассиса дохил намудани сарчашмаҳои иловагии маблағгузории муассисаҳо дар доираи иҷроиши буҷети ҷумҳуриявӣ | 091 | 141 |
| 22. | Бозхонд намудани ҳаҷми маблағгузории хароҷотҳо муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии тақсимотчии асосӣ қарор доранд: аз тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ аз қабулкунанда | 090, 097 140, 141, 143 | 140, 141 091, 097 |
| 23. | Пардохтани маблағ барои барқарор намудани хароҷотҳои хазинавии соли ҷории буҷетӣ | 091, 097 | 120. 130,131, 150, 160,170, 178 |
| 24. | Пардохт намудани ҳисоби молтаъминкунандагон барои масолеҳи қиматнок, таҷҳизот, масолеҳи сохтмонӣ, иҷроиши корҳо, хизматҳои расонидашуда, инчунин гузаронидани маблағҳои бунакӣ (пешпардохтҳо) | 150, 156, 157, 178 | 091,097, 101, 102, 110, 111, |
| 25. | Ба буҷет гузаронидани маблағҳои аз ҳисоби андозҳо ва ғайра нигоҳдорикардашуда | 173 | 091, 101, 110. 111 |
| 26. | Гузаронидани маблағҳо аз ҳисобҳо ба мақомотҳои хазинадорӣ (муассисаҳои кредита): ба пасандозҳои кормандон аз рӯйи варақаҳои иҷроишӣ, мақомотҳои суғуртавӣ аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи ихтиёрӣ ва ташкилотҳои иттифоқи касаба ба фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ | 183-189 | 091, 101, 110, 111 |
| | | 193, 194, 198,199 | 091, 101, 110, 111 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 27. | Ба ҳисоби тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ, ки дар буҷети маҳаллӣ қарор доранд, дохил шудани маблағгузорӣ аз буҷет:<br>барои маблағгузорӣ намудани муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчӣ қарор доранд | 100 | 230 |
| 28. | Маблағгузории муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ қарор доранд | 140 | 100 |
| 29. | Қабул намудани маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории илоравӣ аз тарафи тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ ва қабулкунандагон аз рӯйи харҷномаи даромаду хароҷот | 101 | 140, 143 |
| 30. | Аз супоришдиҳандагон ворид шудани маблағҳо барои маҳсулоти тайёркардашуда, корҳои иҷрошуда, хизматҳои расонидашуда аз рӯйи нархи шартномавӣ, бо назардошти андози арзиши иловашуда, инчунин маблағи пешпардохтҳо | 110, 111, 118 | 153, 155 |
| 31. | Ба мӯҳлати зиёда аз 1 сол гузоштани маблағҳо дар шакли коғазҳои қиматнок ва облигатсияҳои фоизноки вомбарғҳои давлатӣ ба фонди оинномавии ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ва ширкатҳои ба боварӣ асосёфта | 030 | 111, 118 |
| 32. | Ба мӯҳлати то 1 сол гузоштани маблағхо дар шакли депозити ташкилотҳои кредитӣ, коғазҳои қиматнок | 134 | 111,118 |
| 33. | Фурӯш ва пардохти облигатсияҳо ва дигар коғазҳои қиматнок:<br>аз рӯйи арзиши баҳисобгирӣ<br>ба маблағи аз арзиши баҳисобгирӣ зиёдтар<br>ба маблағи аз арзиши баҳисобгирӣ камтар | 111, 118 ,410 | 030,134, 410 |
| 34. | Аз мақомотҳои ҳокимияти давлатии ҶТ, мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ, корхонаю муассисаҳо ва шахсони воқеъӣ даромад шудани маблағҳо; даромадҳои бебозгашт аз ташкилотҳои хориҷӣ | 110,118 | 270 |
| 35. | Аз ҳисоби падару модарон даромад шудани маблағҳо барои нигоҳдории кӯдакон дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ, мактабҳои мусиқӣ, барои хӯрокаи интернатҳои наздимактабӣ | 110 | 172 |
| 36. | Даромад шудани маблағҳо аз расонидани хизматрасонии муассиса аз фаъолияти асосии он, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда ба даромадҳои фаъолият аз соҳибкорӣ дохил намешаванд | 110,118 | 175 |
| 37. | Даромад шудани маблағхое, ки муваққатан дар ихтиёри муассиса қарор доранд | 114 | 174 |
| 38. | Баргардонидани маблағҳои муваққатан дар ихтиёри корхона қарор дошта, ба соҳиби он ё ин ки мутобиқи тартиби муқаррагардида интиқол додани онҳо аз рӯйи таъинот | 174 | 114 |
| 39. | Харидорӣ намудани асъори хориҷӣ аз ҳисоби маблағҳое, ки аз сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ ворид шудаанд | 118 | 110, 111 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 40. | Азнавнархгузорӣ аз рӯйи ҳисоби асъорӣ: маблағҳои фарқияти мусбии қурби асъории: маблағҳои буҷетӣ | 097. 102 | 140, 230 |
| | маблағҳои аз хисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ воридшаванда | 118 | 270, 400, 401 |
| | маблағҳои фарқияти манфии қурби асъории: маблағҳои буҷетӣ | 140, 230 | 140, 230 270, |
| | маблағҳои аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ воридшаванда | 270, 400, 401 | 400,401 |
| 41. | Даромад шудани маблағ ба хазина аз рӯйи ордери даромади хазинавӣ (аз рӯйи чекҳо) | 120 | 091,097, 101. 102,110.111, 118, 160, 170. 172, 174, 175. 178,270 |
| 42. | Аз хазина пардохтани маблағҳо дар асоси ордери харочоти хазинавӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои ивазкунандаи онҳо | 160, 172, 174, 177, 180, 181, 193, 195 | 120 |
| 43. | Гузоштани ваколатнома, эътиборнома (аккредитив) барои ҳисоббаробаркунӣ бо молтаъминкунандагон | 130 | 091. 101,110. 111 |
| 44. | Даромадшудани масолеҳи қиматнок аз молтаъминкунандагон аз ҳисоби ваколатномаҳои нишондодшуда<br>Эзоҳ: Ҳангоми даромад намудани воситаҳои асосӣ, ашёҳои камарзиш, либос лавозимоти рахти хоб ва пойафзол қайди дуюм аз рӯйи дебети ҳисобҳои 20,21,22 ва кредити зерҳисобҳои 250 ва 260 гузаронида мешавад | 013-019 040,041,060 067,069, 070,072 | 130 |
| 45. | Баргардонидани бақияи истифоданашудаи ваколатнома | 091,101,110,111 | 130 |
| 46. | Гирифтани дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ аз бонк | 131 | 091,101,110,111 |
| 47. | Пардохт намудани маблағи маҳсулоти хӯрокворӣ ва масолеҳҳо ба воситаи дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ | 060-067 | 131 |
| 48. | Баргардонидани бақияи истифоданашуда аз рӯйи дафтарчаҳои маҳдудкардашудаи чекӣ | 091,101,110,111 | 131 |
| 49. | Харидорӣ намудани талонҳои хӯрока тамғаҳои почтавӣ | 132 | 091,101,110,111,178 |
| 50. | Супоридани талонҳо варақаҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва замимаҳои он ба шахсони ҳисоботӣ | 160 | 132 |
| 51. | Фурӯши варақаҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва замимаҳои он | 120 | 132 |

## Саволнома

1. Кадом ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи тартиби кори ташкилотҳо (муассисаҳо) бо воситаҳои пули нақдӣ ва тартиби баҳисобгирии онҳо мавҷуд аст?
2. Ҳуҷҷатҳои асосии вобаста ба амалиёти хазинавӣ буда-ро шарҳ диҳед.
3. Кадом тартиби ҷорӣ намудани китоби хазина дар ташкилотҳо мавҷуд аст?
4. Меъёри бақияи воситаҳои пулӣ дар хазина ва тартиби муайян кардани он чӣ тавр аст?
5. Барои чӣ ва дар кадом ҳолатҳо фарқият дар қурби пул пайдо мегардад?
6. Кадом ҳуҷҷатҳоро зарур аст, ки ташкилот (муассиса) барои кушодани ҳисоб ба бонк бояд пешниҳод намояд?
7. Шакли ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро шарҳ диҳед.

# БОБИ 6. ҲИСОБГИРИИ ҲИСОББАРОБАРКУНӢ БО ДЕБИТОРҲО

## 6.1. Ҳуҷҷатҳои асосӣ - меъёрӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳури Тоҷикистон», ҳарсола.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» аз 14 май 1999, № 750.
3. Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Дастури методӣ оид ба инвентаризатсияи моликият ва ӯҳдадории молиявӣ. Фармони Вазири молияи ҶТ аз 22.05.1997.
5. Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ (бо фармони Вазири молия аз 26 декабри соли 2000, №157 тасдиқ карда шудааст.
6. Дастурамал оид ба тартиби тартиб додан ва пешниҳод кардани ҳисоботи солона ва давраи бухгалтерии корхонаҳои буҷавии ҶТ фармони №84 Вазорати молия аз 2-юми октябри соли 2006.

## 6.2. Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи даромад

Моҳияти қарздории дебиторӣ. Қарздории дебиторӣ-ин талаботест, ки ба харидорон, супоришдиҳандагон ва дигар шахсон барои гирифтани захираҳои иқтисодӣ пешниҳод мегарданд. Қарздории дебиторӣ ба намудҳои ҷорӣ ва дарозмуддат тақсим карда мешавад.

Қарздории дебиторие, ки дар давоми 12 моҳ ё як давраи амалиёт пардохт мегардад, қарздории дебитории ҷорӣ номида мешавад. Ҳамаи қарздори дебитории боқимонда ҳамчун дарозмуддат шинохта мешаванд.

Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи даромад дар ҳисоби 178 «Ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи даромад» бурда мешавад.

Ин ҳисоб ба ҳисобҳои зерин алоқаманд аст:

173/1«Ҳисоббаробаркуниҳо бо дебиторҳо аз рӯйи андоз аз даромад»;

063-070«Ҳисоббаробаркуниҳо бо дебиторҳо аз рӯйи даромад аз молу мулк, фурӯши активҳо»;

080 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо дебиторҳо аз рӯйи даромад аз фурӯши бозории маҳсулоти тайёр ва кор»;

400 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо дебиторҳо аз рӯйи дигар даромадҳо».

Ҳисобгирии аналитикӣ ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи даромад дар журнал-амалиёти ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи даромад, ё ин ки дар варақаи ҳисобгирии воситаҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо бурда мешавад.

Ҳисоб кардани даромад дар тарафи дебитии ҳисоби 178 «Ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи даромад ва кредити ҳисоби 400 «Даромадҳои муассиса» инъикос карда мешавад.

## 6.3. Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пешпардохт

Барои ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пешпардохти додашуда ҳисобҳои зерин истифода карда мешавад:

176 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пешпардохти додашуда барои дигар пардохтҳо»;

180 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пешпардохти додашуда барои пардохти музди меҳнат»;

176/2 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пешпардохти додашуда барои хизматрасониҳои алоқа»;

173/1 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пешпардохти додашуда барои хизматрасониҳои нақлиёт»;

176/3 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пешпардохти додашуда барои хизматрасониҳои комуналӣ»;

176/4 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пешпардохти додашуда барои пардохти иҷора»;

176/5 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пешпардохти додашуда барои хизматрасонии нигаҳдории амвол»;

176/6 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пешпардохти додашуда барои дигар пардохтҳо».

Ба маблағи пешпардохт шуда дебети ҳисоби 180/1 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пешпардохти додашуда» ва дар ҳисобҳои 090 «Хориҷкунии воситаҳои пули муассиса аз ҳисобҳои дар бонк буда», 130 «Хориҷкунии воситаҳои пулӣ аз ҳисоби акредитивӣ» кредит карда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикии ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон аз рӯйи пешпардохти додашуда дар журнал – аз рӯйи ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён, ё ин ки дар варақаи ҳисобгирии воситаҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо бурда мешавад.

Журнали ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён барои ҳисобгирии аналитикии ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён нигаронида шудааст ва дар асоси талабномаи пардохти борхатҳои молинақлиётӣ барои гирифтани молҳои қиматнок, ҳисобҳои барои пардохти корҳои иҷрошуда, хизматҳои расонидашуда тартиб дода мешавад.

Дар журнал таърихи рӯз, рақам ва номгӯи ҳуҷҷат, номгӯи нишондиҳандаҳо (таъминкунанда, пудратчӣ), рақами ҳисоби ҳисобгирии буҷетӣ аз рӯйи дебет ва кредит нишон дода мешавад.

Дар охири моҳ дар журнали ҳисоббаробаркуниҳо бо таъминкунандагон маблағҳо аз рӯйи дебет ва кредити

ҳисобҳо ҷамъбаст карда шуда, ба китоби асосӣ гузаронида мешавад.

## 6.4. Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи қарзи буҷет

Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи қарзи буҷет дар ҳисоби 173 «Ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи қарзи буҷет» бурда мешавад.

Дар ин ҳисоб маблаги қарздорӣ аз рӯйи қарзи асосӣ, фоизҳои ҳисобкардашуда, қарзҳои давлатӣ инъикос карда мешавад.

Барои ҳисобгирии қарздорӣ аз рӯйи қарзи буҷет, қарзи давлатӣ ҳисобҳои зерин истифода карда мешавад: 090 «Ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи қарзи буҷет, ба дигар системаҳои буҷет пешниҳодшуда»; 140 «Ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи қарзи давлатӣ ба ташкилотҳои байналхалқӣ пешниҳодшуда».

Маблағи пешниҳодшуда аз буҷет – қарзи буҷетӣ, қарзи давлатиро дар тарафи дебетии ҳисоби 173 «Ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи қарзи буҷет» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 090 «Хориҷкунии воситаҳои пулии муассиса аз ҳисобҳои дар бонк буда» инъикос карда мешавад.

Ҳисобкунии фоизҳо, ҷаримаҳо аз рӯйи қарзи буҷет, қарзи давлатӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 140 «Ҳисоббаробакунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи қарзи буҷет ва дар тарафи кредитии ҳисоби 400 «Даромадҳо аз молу мулк» инъикос карда мешавад.

Баҳисобгирии аналитикӣ аз рӯйи ҳисоби 140 дар варақаи ҳисобгирии қарзҳои додашуда бурда мешавад.

Дар варақа ҳаракат ва қарздорӣ аз рӯйи қарзҳои ба ҳар як қарздор додашуда инчунин, фоизҳои барои қарз ва ҷарима баҳисоб гирифта мешавад.

Дар боби «Нишондиҳандаҳо аз рӯйи қарзи додашуда ва пардохтшуда» мақсади истифодабарии қарз, таърихи рӯз ва рақами ҳуҷҷати асосии барои додани қарз, мӯҳлати пардохти қарз бақия дар аввали моҳ, бақия дар охири моҳ нишон дода мешавад. Дар боби «Нишондиҳандаҳо аз рӯйи

фоизи қарз» таърихи рӯз ва рақами ҳуҷҷати асосии барои додани қарз, рақами ҳисоб, фоизҳои гузошташуда барои истифодаи қарз, бақия дар аввали моҳ, (аз рӯи дебет ва кредит), маблағи ҳисобкардашудаи фоизҳо ва мӯҳлати пардохт, маблағи фоизҳои пардохташуда, бақия дар охири моҳ (аз рӯйи дебет ва кредит) нишон дода мешавад.

## 6.5. Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисобдиҳанда

Маблағҳои ҳисобдиҳанда пулҳои пешпардохтшуда аз хазинаи ташкилот ба кормандон барои хароҷотҳои хурди хоҷагидорӣ ва хароҷотҳо барои сафари хизматӣ додашударо номонанд. Тартиби додани пули ба ҳисоботдиҳанда, андозаи пешпардохт ва мӯҳлати додани онҳо мувофиқи қоидаҳои амалиётҳои хазинавӣ бурда мешавад.

Пешпардохтҳои ҳисобдиҳанда бо фармони роҳбари муассиса дар асоси аризаи хаттӣ бо нишон додани мӯҳлат ва истифодаи пешпардохт дода мешавад.

Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисобдиҳанда дар ҳисобҳои зерин бурда мешавад.

160 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисобботдиҳанда»;

173/1 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисоботдиҳанда аз рӯйи пардохти хизматрасонии нақлиётӣ»;

176 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисобботдиҳанда аз рӯйи дигар пардохтҳо»;

176/2 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисоботдиҳанда аз рӯйи хизматрасонии алоқа»;

176/3 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисоботдиҳанда аз рӯйи пардохти хизматрасонии комуналӣ»;

176/4 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони хисобдиҳанда аз рӯйи пардохти иҷора»;

176/5 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисобдиҳанда аз рӯйи пардохти нигоҳдории амвол»;

176/6 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисоботдиҳанда аз рӯйи дигар хизматрасонӣ»;

180 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисобдиҳанда аз рӯйи музди меҳнат».

Додани пул ба шахсони ҳисобдиҳанда дар тарафи дебетии ҳисоби 160 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисобдиҳанда» ва дар тарафи кредитии ҳисобҳои 120 «Хориҷкунӣ аз хазина», 120/1 «Хориҷкунии ҳуҷҷатҳои пулӣ» инъикос карда мешавад. Ҳангоми бозгардонии бақияи маблағи ҳисобдиҳанда дар тарафи кредитии ҳисоби 160 «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисобдиҳанда» ва дар тарафи дебетии ҳисобҳои 120 «Дохилшавӣ ба хазина», 120 «Дохилшавии ҳуҷҷатҳои пулӣ» инъикос карда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикии ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисобдиҳанда дар журнал аз рӯйи ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисобдиҳанда, ё ин ки дар варақаи воситаҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо бурда мешавад.

Қайдҳо дар журнал аз рӯйи ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисобдиҳанда дар асоси ҳисоботи пешпардохтӣ, ордери даромад ва хароҷоти хазинавӣ бурда мешавад. Дар ҳар як сатри графаҳои «Номгӯи нишондиҳандаҳо» насаби шахси ҳисобботдиҳанда, маблағи додашуда, хароҷотҳои бавуҷудомада, бақияи истифодашудаи пешпардохт, рақами ҳисоби ҳисобгирӣ аз рӯйи дебет ва кредит навишта мешавад. Дар охири моҳ дар журнали ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисобдиҳанда маблағҳо аз рӯйи дебет ва кредит ҷамъбаст карда мешавад.

## 6.6. Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи камомад

Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ маблағи камомад ва дуздидашуда дар ҳисобҳои зерин бурда мешавад:

170 «Ҳисобгирии аз рӯйи камомадӣ»;

170/1 «Ҳисобгирии аз рӯйи камомади воситаҳои асосӣ»;

170/2 «Ҳисобгирии аз рӯйи камомади активҳои ғайримоддӣ»;

170/3 «Ҳисобгирии аз рӯйи камомади активҳои ғайриистеҳсолӣ»;

170/4 «Ҳисобгирии аз рӯйи камомади захираҳои моддӣ»;

170/5 «Ҳисобгирии аз рӯйи камомади активҳои молиявӣ».

Ҳангоми ошкорнамоии маблағи камомад, рабурдашуда, гумшуда ва ғайра аз рӯйи арзиши бозорӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 170 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи камомад» ва

дар тарафи кредитии ҳисоби 400/1 «Даромад аз фурӯши активҳо» инъикос карда мешавад.

Маблағҳои аз товони зарар даромад карда шуда дар тарафи кредити ҳисоби 170 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи камомад» ва дар дебети ҳисобҳои 090 «Дохилшавии воситаҳои пулии муассиса дар ҳисобҳои дар бонк буда», 120 «Дохилшавии воситаҳои пулӣ ба хазина» инъикос карда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикӣ аз рӯйи ҳисоби 170 дар варақаи баҳисобгирии воситаҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи ҳар як шахси гунаҳкор бо нишон додани ном, насаб ва номи падар, вазифа санаи бавуҷудоии қарздорӣ ва маблағи камомад бурда мешавад.

## 6.7. Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо дигар дебиторҳо

Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо дигар дебиторҳо дар ҳисобҳои зерин бурда мешавад:

171 «Ҳисоббаробаркунӣ бо андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) аз рӯйи ба дастории молҳои қиматнок, кор ва хизматрасонӣ»;

176/1«Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи дохилшавӣ ба буҷет аз ташкилотҳои иҷрои буҷетӣ»;

120 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи амалиётҳо бо воситаҳои пулии накдигирандаи воситаҳои буҷетӣ»;

Маблағи андози нишондодашудаи муассисаи таъминкунандагон аз рӯйи ба дастории активҳои ғайримолиявӣ, корҳои иҷрошуда, хизматҳои расонидашуда дар тарафи дебетии ҳисоби 171 «Зиёдшавии қарздории дебиторӣ аз рӯйи андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) барои бадастории молҳои қиматнок, кор ва хизматрасонӣ» ва кредити ҳисоби 160 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони ҳисоботдиҳанда», 150 «Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён» бурда мешавад.

Даромадҳои ба буҷет дохилшударо дар тарафи дебетии ҳисоби 090 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи дохилшавӣ ба буҷет аз корхонаҳо ва кредити ҳисоби 400 «Ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи даромад» инъикос карда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикии ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи ҳисоби 171 дар варақаи ҳисобгирии воситаҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо бурда мешавад.

## 6.8 Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунии дохилӣ аз рӯйи дохилшавии маблағҳо ба буҷет ва хориҷшавӣ аз буҷет

Ҳисоббаробаркунӣ байни ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро таъмин мекунанд, инчунин байни ташкилотҳо иҷроиши буҷет дар ҳисоби 090 «Пулгузаронӣ аз маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба муассисаҳое, ки дар тобеияти тақсимотчии асосӣ қарор доранд ва дигар чорабиниҳо» ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳангоми ҳисоб кардан, гузаронидани пардохти андоз ва дигар пардохтҳо аз як ташкилоте, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро таъмин мекунад ба дигар ташкилот дар тарафи дебетии ҳисоби 176 «Зиёдшавии қарздории дебиторӣ аз рӯйи ҳисоббаробаркунии дохилӣ оиди дохилшавии маблағҳо ба буҷет» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 090 «Хориҷкунии воситаҳои пулӣ аз ҳисоби ягонаи буҷет дар ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро таъмин менамоянд», ҳисоби 090/1 «Хориҷкунии воситаҳои пули буҷети дар роҳ буда» инъикос карда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикии амалиётҳо аз рӯйи ҳисоби 090 «Ҳисоббаробаркунӣ оид ба маблағгузории буҷет барои хароҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо» дар замимаи ҳисобгирии ҳисоббаробаркунии дохилӣ бурда мешавад.

Дар замима санаи амалиёт, рақам ва санаи ҳуҷҷати пардохти аз рӯйи воситаҳои пулӣ додашуда ва гирифташудаи буҷет, мазмуни амалиёт, маблағ аз рӯйи ҳуҷҷат рақами ҳисоб аз рӯйи дебет ва кредит инъикос карда мешавад.

Дар ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунии дохилӣ аз рӯйи хориҷкунии воситаҳои пулӣ аз буҷет» ҳисоббаробаркунӣ байни ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро таъмин менамоянд, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисоб кардани воситаҳои пулии ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро таъмин менамоянд, дар тарафи дебетии ҳисоби 176 «Зиёдшавии қарздории дебиторӣ аз рӯйи ҳисоббаробаркунии дохилӣ оиди

хоричкунии воситаҳои пулӣ аз буҷет» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 090 «Хориҷкунии маблағҳо аз ҳисоби ягонаи буҷет дар ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро таъмин менамояд» инъикос карда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикии амалиётҳо аз рӯйи ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунӣ оид ба маблағгузории буҷет барои хароҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо» дар замимаи баҳисобгирии ҳисоббаробаркунии дохилӣ бурда мешавад.

## 6.9. Мукотиботи ҳисобҳо оиди баҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо[1]

| № | Амалиётхо | Мукотиботи ҳисобҳо | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| 1. | Аз хазинаи ташкилот ба шахсони ҳисобдиҳанда маблағ дода шуд | 160 | 120 |
| 2. | Ҳисоботи пешпардохтӣ оиди харҷ кардани маблағҳои ҳисобдиҳанда пешниҳод карда шуд (аз рӯйи намуд) | 200 | 160 |
| 3. | Бақияи истифоданашудаи маблағҳои ҳисобдиҳанда баргардонида шуд | 120 | 160 |
| 4. | Дар асоси ҳуҷҷатҳои асоснокшуда ба ҳисобҳои буҷет ва ҳисобҳои дар бонк буда маблағ даромад карда шуд | 090 | 160 |
| 5. | Воситаҳои пулӣ аз ҳисоби товони зарар даромад карда шуд | 120 | 170 |
| 6. | Маблағи андоз аз арзиши иловашуда инъикос карда шуд | 178 | 171 |
| 7. | Аз тарафи қабулкунанда дар рӯзи охирини кори моҳи декабр аз эътибор соқит намудани маблағҳои буҷетие, ки дар давоми сол хароҷот карда шудаанд | 140,141,143 | 200,201,203 |
| 8. | Аз эътибор соқит намудани маблағи хароҷотҳое, ки аз тарафи тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ барои муассисаҳои дар тобеъияти онҳо қарор дошта гузаронида шудаанд | 200,201,203 | 140,141,143 |

[1] Дастурамал оид ба пешбурди муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ, Душанбе. 2010. С.241-242.

## Саволнома

1. Ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ-меъёрии танзимкунандаи амалиётҳои ҳисоббаробаркуниро бо дебиторҳо номбар кунед.
2. Дар зери мафҳуми қарздории дебиторӣ чиро мефаҳмед?
3. Ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо аз рӯйи даромадҳо чӣ маъно дорад ва дар кадом ҳолат гузаронида мешавад?
4. Баҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи пешпар-дохт дар кадом ҳолатҳо ва дар асоси кадом ҳуч-чатҳои ибтидоии ҳуқуқӣ-меъёрӣ гузаронида мешавад.
5. Ҳуҷҷатҳои асосии баҳисобгирии ҳисоббаробарку-ниро бо шахсони ҳисоботдиҳанда номбар кунед.
6. Дар бораи баҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи камомад маълумот диҳед.
7. Хусусияти баҳисобгирии ҳисоббаробаркунии дохилиро аз рӯйи дохилшавии маблағҳо ба буҷет ва хориҷшавии онҳо аз буҷет дар соҳаи маориф шарҳ диҳед.

# БОБИ 7. ҲИСОБГИРИИ ӮҲДАДОРӢ

## 7.1.Ҳуҷҷатҳои асосии ҳуқуқӣ-меъёрӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳури Тоҷикистон», ҳарсола.
2. Кодекси шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» аз 1 майи соли 1999, №750.
4. Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. Бо фармони Вазири молия аз 26 декабри соли 2009, №157 тасдик карда шудааст.
5. Дастурамал оид ба тартиби тартиб додан ва пешниҳод кардани ҳисоботи солона ва даврии бухгалтерии корхонаҳои буҷавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Вазири молия аз 2 октябри соли 2006, №84.

## 7.2. Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторҳо аз рӯйи ӯҳдадории қарзӣ

Барои баҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторҳо аз рӯйи ӯҳдадории қарзӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ ҳисобҳои зерин истифода карда мешаванд:

176 «Ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторҳо аз рӯйи ӯҳдадории қарзӣ»;

176/1 «Ҳисоббаробаркунӣ бо кредитрҳо аз рӯйи ӯҳдадории қарзи дохилӣ»;

176/2 «Ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторҳо аз рӯйи ӯҳдадории қарзии беруна».

Ҳангоми ба вуҷудоии ӯҳдадории қарзӣ дар тарафи кредити ҳисоби 176 «Ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторҳо аз рӯйи ӯҳдадории қарзӣ ва дар тарафи дебети ҳисоби 090 «Дохилшавии воситаҳои пулии муассиса ба ҳисоби дар бонк буда» инъикос карда мешавад.

Пардохти қарздорӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 176 «Ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторҳо аз рӯйи ӯҳдадории қарзӣ ва дар тарафи кредити ҳисоби 090 «Хориҷкунии воситаҳои пулии муассиса аз ҳисобҳои дар бонк буда», ҳисоби 097 «Хориҷкунии воситаҳои пулии муассиса аз ҳисобҳои бо арзи хориҷӣ» инъикос карда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикӣ аз рӯйи ҳисоби 176 дар варақаи ҳисобгирии қарзи давлатӣ бурда мешавад.

Дар боби «Нишондиҳандаҳо аз рӯйи қарзи давлатӣ»: сана, мазмуни амалиёт, номгӯи ҳуҷҷат ва рақами он, бақия дар аввали давра, пардохт бо сомонӣ ва арзи хориҷӣ, маблағ аз рӯйи дигар амалиётҳо бо сомонӣ ва арзи хориҷӣ, бақия дар охири давра бо сомонӣ ва арзи хориҷӣ нишон дода мешавад.

Дар боби «Хароҷотҳо аз рӯйи хизматрасонии қарзи давлатӣ» сана, мазмуни амалиёт, номгӯи ҳуҷҷат, рақами ҳисоб, бақия дар аввали давра ва бақия дар охири давра (бо сомонӣ ва арзи хориҷӣ ) инъикос карда мешавад.

## 7.3. Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён

Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунии муассиса бо таъминкунандагон барои таъмини молҳои қиматнок ва хизматҳои расонидашуда бо пудратчиён барои корҳои иҷрошуда, инчунин пардохти музди меҳнат, пардохти нафақа, идрорпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ дар ҳисобҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешавад;

150 «Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён»;

171/1 «Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён аз рӯйи хизматрасонии нақлиётӣ»;

171/3 «Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён аз рӯйи хизматрасонии коммуналӣ»;

171/5 «Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён аз рӯйи хизматрасонӣ барои нигоҳдории амвол»;

171/6 «Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён аз рӯйи дигар хизматрасониҳо»;

176 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи дигар пардохтҳо»;

176/2 «Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён аз рӯйи хизматрасонии алоқа»;

180 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи музди меҳнат».

Маблағи барои таъминкунии молҳои қиматнок ва хизматҳои расонидашудаи таъминкунандагон дар тарафи кредитии ҳисоби 150 «Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён ва дар тарафи дебетии ҳисоби 04 «Захираҳои моддӣ», ҳисоби 201 «Хароҷотҳои муассиса» инъикос карда мешавад.

Ҳисоб кардани воситаҳои пулӣ барои пардохти амволи харидашуда ва хизматҳои расонидашуда дар тарафи дебетии ҳисоби 150 «Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 090 «Хориҷкунии воситаҳои пулии муассиса аз ҳисоби дар бонк буда», ҳисоби 130 «Хориҷкунии воситаҳои пулӣ аз ҳисоби аккредитивӣ»; ҳисобҳои 102,118 «Хориҷкунии воситаҳои пулии муассиса аз ҳисобҳо бо арзи хориҷӣ» инъикос карда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикии ҳисоббаробаркунӣ бо

таъминкунандагон барои таъмини молҳои қиматнок ва хизматҳои расонидашуда дар журнал-амалиёт аз рӯйи ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён, ё ин ки дар варақаи ҳисобгирии воситаҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо бурда мешавад.

## 7.4.Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ оид ба ҳақдиҳӣ ба буҷет

Андозҳо ва пардохтҳое, ки муассисаҳои буҷетӣ пардохт мекунанд, аз андозҳои зерин иборат мебошанд: андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фоида, андози замин, андози ягонаи иҷтимоӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ барои нафақа, барои ҳолатҳои фавқулодда дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ, андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андоз аз амволи ташкилот, андоз аз воситаҳои нақлиёт.

Андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) - шакли ба буҷет гирифтани қисми арзиши дар ҷараёни истеҳсол ва муомилоти мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қаламрави ҶТ иловашуда, инчунин қисми арзиши тамоми молҳои андозбандишаванда ба қаламрави ҶТ воридшаванда мебошад. Ҳамчун андози ғайримустақим бояд дар тамоми марҳилаҳои истеҳсолот, муомилоти молҳо, иҷрои кор ва хизматрасонӣ пардохта шавад.

Объекти андозбандӣ, амалиёт ва воридоти андозбандишаванда мебошад.

Маблағ бо роҳи зарби воридоти андозбандишаванда ба меъёри муайян карда мешавад.

Андозсупоранда шахсе (ташкилоте) мебошад, ки ба сифати супорандаи андоз ба қайд гирифта шудааст. Яъне шахсе (ташкилоте), ки ҳаҷми амалиёти андозбандишавандааш дар давраи на зиёда аз 12 моҳи тақвимӣ аз 48 ҳазор сомонӣ бештар мебошад. Меъёри 20% (мувофиқи тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози ҶТ 18%-ро ташкил медиҳад.

Давраи андоз (ҳисобот) моҳи тақвимӣ мебошад.

**Андоз аз фоида.**

Супорандагони андоз аз фоида корхонаҳои резидентӣ ва корхоноҳои хориҷӣ мебошад. Объекти андозбандӣ фоида

мебошад. Фоида фарқи мусбии байни даромади умумии андозсупоранда ва маблағҳои тарҳшаванда мебошад.

Меъёри андоз 15%-ро ташкил медиҳад.

Давраи андоз соли тақвимӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи андоз ва ҳақдиҳӣ ба буҷет дар ҳисоботҳои зерин бурда мешавад, 198 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи ҳақдиҳӣ ба буҷет», 173 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи андоз аз даромади шахсони воқеӣ», 198 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи андози ягонаи иҷтимоӣ ва партохтҳои иҷтимоӣ», 410 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи андоз аз фоида», 171 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи андоз аз арзиши иловашуда», 176 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи дигар пардохтҳо (ҳақдиҳӣ) ба буҷет»;

Маблаги андозҳои ҳисобкардашуда ва ҳақдиҳӣ ба буҷет дар тарафи кредитии ҳисоби 090 дар варақаи бисёрграфа, ё ин ки дар варақаи ҳисобгирии воситаҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо бо инъикос намудани он дар журнал аз рӯйи дигар амалиётҳо бурда мешавад.

Варақаи бисёрграфа барои ҳисобгирии ҳисоббароркунии аз рӯйи даромад, ҳақдиҳӣ ба буҷет, пардохти пулӣ, намуд маблағгузорӣ ба активҳои ғайримолиявӣ истифода мешавад.

Қайдҳо дар варақа дар асоси журнали амалиёт гузаронида мешавад.

## 7.5. Ҳисобгирии дигар ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторҳо

Ҳисобгирии дигар хароҷотҳо бо кредиторҳо дар ҳисобҳои зерин бурда мешавад:

178 «Дигар ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторҳо»;

176 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи маблағҳое, ки ба ихтиёри муваққатии муассиса дохил шуданд»;

177 «Ҳисоббаробаркунӣ бо депонентҳо»;

173 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи нигоҳ доштани аз музди меҳнат»; 160 «Ҳисоббаробаркунии дохилӣ байни маъмурияти асосӣ ва гирандагони воситаҳо».

Дар ҳисоби 176 «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи маблағҳое, ки ба ихтиёри муваққатии муассиса дохил шудаанд» ё ин ки аз рӯйи истифодабарӣ гузаронидашуда ба ҳисоб

гирифта мешаванд. Маблағҳои ба ихтиёри муваққатии муассиса дохилшуда дар тарафи кредитии ҳисоби 178 «Зиёдшавии қаздории кредиторӣ аз рӯйи маблағҳои ба ихтиёри муввақатии муассиса дохилшуда» ва дар тарафи дебетии ҳисобҳои 090 «Дохилшавии воситаҳои пулӣ ба ихтиёри муваққатии муассиса», 120 «Дохилшавии воситаҳои пулӣ ба хазина» инъикос карда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикии маблағҳои ба ихтиёри муваққатии муассиса дохилшуда дар варақаи бисёрграфа бурда мешавад.

Дар ҳисоби 160 «Ҳисоббаробаркунии дохилӣ байни маъмурияти асосӣ ва гирандагони маблағҳо», ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунии дохилӣ байни маъмури асосӣ ва гирандагони маблағҳо аз рӯйи хориҷкунӣ ва дохилкунии активҳои молиявӣ ва ғайримолиявии буҷетӣ» ба ҳисоб гирифта мешавад.

## 7.6. Барӯйхатгирии ӯҳдадориҳо ва ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторҳо

Барӯйхатгирии ҳисоббаробаркунӣ бо бонкҳо ва дигар муассисаҳои қарздиҳӣ бо буҷет, харидорон, таъминкунандагон, шахсони ҳисобдиҳанда, кормандон, депонентҳо ва дигар дебиторҳо ва кредиторҳо бо тафтиш кардани маблағҳои асоснокшудаи дар ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ гузаронидашуда анҷом меёбад.

Ҳангоми тафтиши ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон ва пудратчиён диққати махсус барои тафтиши ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи молҳои пардохшуда, вале дар роҳ буда дода мешаванд.

Ҳангоми барӯйхатгирии маблағҳои ҳисоботдиҳанда ҳисоботҳои шахсони ҳисобдиҳандаро аз рӯйи пешпардохти додашуда, инчунин маблағи додашуда пешпардохт ба ҳар як шахси ҳисобдиҳанда санҷида мешавад.

Комиссияи барӯйхатгирӣ бо роҳҳои тафтиши ҳуҷҷатҳо:

- дурустии ҳисоббаробаркуниҳоро бо бонкҳо, ташкилоти андоз, молиявӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ дигар ташкилотҳо;

- дуруст қайд намудани маблағи қарздорӣ аз рӯйи камомад ва дуздидан;
- дурустии маблағи дебиториро мувофиқ намоянд.

Натиҷаи барӯйхатгирии қарздории дебиторӣ ва ӯҳдадориҳо дар рӯйхати ҳисоббаробаркунӣ бо харидорон,таъминкунандагон ва дигар дебиторҳо ва кредиторҳо инъикос карда мешавад.

Дар рӯйхат маълумот аз рӯйи қарздории дебиторӣ (кредиторӣ), номгӯи ҳисоб ва дебитор (кредитор), рақами ҳисоб, маблағи қарздорӣ аз рӯйи тавозун, хулосаи комиссия нишон дода мешавад.

Рӯйхати қарздорӣ аз рӯйи қарзи буҷет барои инъикоснамоии натиҷаҳои барӯйхатгирӣ, қарздорӣ аз рӯйи қарзи буҷет дар ташкилотҳо истифода бурда мешавад.

Дар рӯйхат санаи гузаронидани барӯйхатгирӣ, сана ва рақами шартномаи қарзии басташуда, рақами ҳисобе, ки дар он қарздорӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, маблағи қарздорӣ, фоизҳои пардохтнашуда, хулосаи комиссия нишон дода мешавад.

Рӯйхати ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи даромадҳо ба инъикоснамоии натиҷаҳои барӯйхатгирии гузаронидашуда аз рӯйи даромад ва пардохтҳои давлатӣ истифода бурда мешавад.

Дар рӯйхат номгӯи объекти барӯйхатгирӣ, маълумот аз рӯйи нишондоди ҳисобгирии буҷетӣ, рақами ҳисоб, маблағи қарздорӣ- ҳамагӣ, хулосаи комиссия нишон дода мешавад.

## 7.7. Мукотиботи зерҳисобҳо оиди баҳисобгирии ӯҳдадориҳо[1]

| Амалиёт | | Мукотиботи ҳисобҳо | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| 0 | | 1 | 2 |
| 1. | Ба ҳисобҳои дар бонк бурдаи муассисаи қаздории дебиторӣ дохил карда мешавад | 090 | 178 |
| 2. | Ӯҳдадории қарзӣ пардохтшуда | 090 | 176 |
| 3. | Маблағҳои ба ихтиёри муваққатии ташкилот дохилкарда шуд | 090 | 176/2 |
| 4. | Ҳуҷҷатҳои пулии харида шуд | 132 | 176 |
| 5. | Аз андозсупорандагон маблағи андоз ва ҳақдиҳӣ ба буҷет ҳисоб карда шуда аз он ҷумла: | 198 | 173 |

[1] Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. Душанбе, 2010. Саҳ.241-245.

| | | | |
|---|---|---|---|
| | - андоз аз фоида, ААИ<br>-дигар андозҳо ва пардохтҳо ба буҷет | | |
| 6. | Маблағҳо аз фурӯши активҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ даромад карда шуд | 120 | 080 |
| 7. | Маблағҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоби муассиса ва хазинаи муассиса дохил карда шуд | 120 | 111 |
| 8. | Ба пудратчиён гузаронидани маблағ барои иҷрои корҳои сохтмонию васлкунӣ, интиқол додани (супоридани) масолеҳу қисмҳо ва конструксияҳо ба онҳо | 150 | 040,041,091, 101,110,111 |
| 9. | Ба пудрачиёни хориҷӣ интиқол додани маблағ аз рӯйи шартномаҳои иҷроиши корҳои сохтмонию васлкунӣ | 150 | 097,102,118 |
| 10. | Аз молтаъминкунандагон қабул намудани масолеҳи қиматнок | 040,041,043 | 150,178 |
| 11. | Аз тарафи пудратчиён иҷро намудани корҳои васлкунию сохтмонӣ | 203, 224 | 150 |
| 12. | Ба супоришчиён аз рӯйи нархҳои шартномавӣ пешниҳод намудани ҳисобнома оиди маҳсулоти тайёркардашуда, иҷроиши корҳо ва хизматрасониҳо, бо назардошти андози арзиши иловашуда | 153 | 401 |
| | Аз пудратчиён ворид намудани (қабул намудани) пардохтҳо барои маҳсулоти тайёркардашуда, иҷроиши корҳо ва хизматрасониҳо, аз рӯйи арзиши шартномавӣ | 111, 118, 120, 155 | 153 |
| 13. | Ҳамзамон кайдҳои зерини дуюм гузаронида мешаванд: ба маблағи андози арзиши иловашуда, ки ба буҷет бояд пардохт карда шавад | 401 | 173 |
| | ба даромадҳои давраи ҳисоботӣ аз рӯйи арзиши шартномавӣ | 401 | 400 |
| | ба даромади давраҳои ҳисоботӣ соқит намудани хароҷотҳои ҳақиқии маҳсулоти тайёркардашуда, иҷроиши корҳо ва хизматрасониҳои ба супоришчиён додашуда ва пардохтгардида, бо арзиши шартномавӣ | 400 | 280 |
| 14. | Аз супоришдиҳандагон ворид шудани пешпардохтҳо | 111 | 155 |
| 15. | Ба хисоб гирифтани маблағи пешпардохт ҳангоми ҳисоббаробаркунии ниҳоӣ бо супоришдиҳандагон | 155 | 153 |
| 16. | Ба иҷрокунандагон, Зериҷрокунандагон ва дигар иҷрокунандагони барои иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию амалӣ ҷалб кардашуда интиқол додани маблағҳои пешпардохтӣ | 156,157 | 091, 101,111 |
| 17. | Ба ҳисоб гирифтани маблағи пешпардохт ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо иҷрокунандагон барои корҳои иҷрокардашуда | 156 | 157 |
| 18. | Аз иҷрокунандагон қабул намудани корҳои иҷрошуда | 200, 220 | 156 |
| 19. | Ҳисоб намудани пардохтҳо барои хизматҳои расонидаи муассиса аз фаъолияти асосии он, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда ба даромадҳои фаъолият аз соҳибкорӣ дохил намешаванд | 175 | 270 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 20. | Ворид шудани маблағҳо аз хизматҳои расонидаи муассиса аз рӯйи фаъолияти асосии он | 110, 120 | 175 |
| 21. | Ҳисоб намудани мабағҳои иҷоравӣ оиди истифодабарии амволи ғайриманқули ҷумҳуриявӣ, ки ба ташкилотҳои илмӣ, муассисаҳои таълимоти тиббӣ, осорхонаҳои давлатӣ, муассисаҳои маданият ва санъат таалуқ дошта (бе арзиши ААИ) | 175 | 173 |
| 22. | Ба воситаи мақомотҳои хазинадорӣ ба муассисаи буҷетӣ расонидани ҳаҷми маблағгузорие, ки аз ҳисоби пардохтҳои иҷорави барои истифодаи амволи ҷумҳуриявӣ ба буҷет ворид мешаванд Ҳамзамон қайди дуюм гузаронида мешавад | 091 173 | 141 175 |
| 23. | Ҳисоб намудани пардохтҳо оиди истиқомати хонандагон, донишҷӯён ва аспирантон дар хобгоҳҳо | 175 | 140 |
| 24. | Ворид шудани маблағҳои пардохт аз рӯи истиқомати хонандагон, донишҷӯён ва аспирантон дар хобгоҳҳо | 091, 101, 120 | 175 |
| 25. | Инъикос намудани андози арзиши иловашудае, ки аз тарафи молтаъминкунанда барои молу масолеҳи қиматноки харидоришуда, хизматҳои расонидашудаи муассиса, ки арзиши онҳо ба хароҷотҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ бурда шудаанд, пардохт карда шудааст | 171 | 151, 178 |
| 26. | Ҳисоб намудани андози арзиши иловашудаи аз харидорон барои маҳсулоти фурӯхташуда, иҷрои кору хизматрасониҳо ба даст омада аз маблағҳои гирифташудаи пешпардохтҳо | 401, 155 | 173 |
| 27. | Маблағи андози арзиши иловашудае, ки бояд аз буҷет ҳисоб карда шавад | 173 | 171 |
| 28. | Интиқол додани андози арзиши иловашуда ва дигар андозҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба даромади буҷет | 173 | 091, 101,110, 111 |
| 29. | Ҳисоб намудани ҷубронпулиҳои иҷтимоӣ, кумакпулиҳо, ёрдампулиҳои бебозгашт ва дигар пардохтҳо ба аҳолии аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маҳаллӣ | 200 | 195 |
| 30. | Пардохт намудани ҷубронпулиҳои иҷтимоӣ, кӯмакпулиҳо, ёрдампулиҳои бебозгашт ва дигар пардохтҳо ба аҳолӣ | 195 | 101, 120 |
| 31. | Даромад намудани маблағҳо аз мақомотҳои иҷрокунандаи буҷетҳои маҳаллӣ, барои пардохт намудани ҷубронпулиҳо ба аҳолӣ | 101 | 140 |
| 32. | Ҳисоб намудани аъзоҳаққиҳо ба фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ | 200, 201,203, 210, 220, 221 - 225, 227 | 193, 194, 198, 199 |
| 33. | Интиқол додани маблағҳо ба фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ | 193, 194, 198, 199 | 091, 101, 110, 111 |
| 34. | Аз хазинаи муассиса додани маблағҳои таҳтиҳисоботӣ | 160 | 120 |
| 35. | Аз бонк ба воситаи чек гирифтани маблағҳои нақдии тахти ҳисоботӣ | 160 | 091,097, 101, 102, 110, 111, |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | 118 |
| 36. | Пешниход намудани ҳисоботи пешпардохтҳо оиди харочоти маблағҳои тахти ҳисоботӣ | 060 - 067, 069, 070, 072, 200, 201, 203, 210,220, 223 - 225, 227 | 160 |
| 37. | Ба хазинаи муассиса ё бевосита ба бонк баргардонидани бақияи маблағи пешпардохт аз тарафи шахсони тахти ҳисоботӣ | 091, 097, 101, 102, 110, 111, 118, 120 | 160 |
| 38. | Ба ҳисоби шахсони гунаҳкор бурдани (гузаронидани) маблағи камомад ва талафёбии: маҳсулоти хӯрокворӣ ва масолеҳҳо, камомади маблағҳои пулӣ дар хазинаи муассиса | 170 | 040, 041, 043, 044, 060 - 067,069,120, 401 |
| | объектҳои воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ, ашёҳои камарзиш | 170 | 173, 270, 401 |
| 39. | Ҳангоми муқаррар нагардидани шахсони гунаҳкор ё ки аз тарафи суд рад кардани рӯёнидани зарар аз шахсони гунаҳкор | 140, 141, 270, 401 | 170 |
| 40. | Ворид шудани маблағ ба хазина ё ки ба ҳисоби муассиса барои пардохтани камомад | 091, 092, 101, 102, 110, 111, 118, 120 | 170 |
| 41. | Ҳисоб намудани кӯмакпулиҳо ба корманд барои корношоямии муваққатӣ ва барои нигоҳубини кӯдакон то расидани онҳо ба синни 1- 5 солагӣ аз ҳисоби маблағҳои Фонди суғуртаи иҷтимоии ҶТ | 193 | 180 |
| 42. | Пардохтҳо аз ҳисоби Фонди суғуртаи иҷтимоии ҶТ | 193 | 120, 160 |
| 43. | Ҳисоб намудани пардохтҳо барои нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ | 172 | 272 |
| 44. | Ҳисоб намудани пардохтҳо барои нигоҳубини Кӯдакон дар мактаб - интернатҳо | 172 | 173 |
| 45. | Ҳисоб намудани пардохтҳо барои нигоҳубини кӯдакон дар интернатҳои назди мактабӣ | 172 | 272 |
| 46. | Дохил шудани пардохтҳо барои нигоҳубини кӯдакон: дар муассисаҳои кӯдакона дар мактаб - интернатҳо | 110, 120 , 091, 101, 120 | 172 |
| 47. | Баргардонидани маблағи пардохтҳои нигоҳубини кӯдакон дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ Ҳамзамон қайди зерини дуюм «сторно» («бақия») гузаронида мешавад | 172, 170 | 120, 272 |
| 48. | Ба даромади буҷет интиқол додани маблағи пардохти нигоҳубини тарбияттирандагони мактаб - интернатҳо | 173 | 091, 101 |
| 49. | Ҳисоббаробаркунӣ бо кормандон аз рӯйи ҷои кор барои хӯрокпулиҳо мутобиқи қонунгузории амалкунанда | 172 | 061 |
| 50. | Ба хазинаи муассиса ворид шудани маблағи хӯрокпулӣ аз рӯйи ҷои кор | 120 | 172 |
| 51. | Ба ҳисоби депонента интиқол додани музди мех- | 180,181 | 177 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | нат ва идрорпулихои дар вакташ гирифтанашула | | |
| 52. | Аз хазинаи муассиса пардохт намудани маблағҳои ба ҳисоби депонента гузошташуда | 177 | 120, 160 |
| 53. | Аз эътибор соқит намудани қарзҳои дебиторӣ ва кредитории мӯҳлати умумии даъвоашон гузашта | 177, 178 | 240, 241,270 |
| 54. | Ба молтаъминкунандагон интиқол додани маблағ мутобиқи ҳисобномаи (шартномаҳои) пешниҳод-намудаи онҳо барои масолеҳи қиматнок, хизматрасониҳо | 178 | 091, 097, 101, 102, 110, 111, 118 |
| 55. | Ҳисоб намудани музди меҳнати кормандони штатӣ ва ғайриштатӣ | 200, 201, 203, 210, 220, 221225, 227 | 180 |
| 56. | Ҳисоб намудани ёрдампулиҳо ба хизматчиёни ҳарбӣ | 220 | 188 |
| 57. | Нигоҳдорӣ аз музди меҳнати кормандон | 180 | 173, 183- 185, 187, 198 |
| 58. | Ҳисоб намудани идрорпулиҳо | 200, 223, 225 | 181 |
| 59. | Ҳисоб намудани ҳаққи таълифи (гонорар) оҳанг-созон, санъаткорон ва муаллифон барои корҳои иҷрокардаи онҳо аз рӯйи шартномаҳо ва супориши якдафъаина | 200, 220, 223 | 189 |
| 60. | Нигоҳ доштани андозҳо аз ҳаққи таълиф | 189 | 173 |
| 61. | Пардохти музди меҳнат, идрорпулиҳо, ҳаққи таълиф ва қарзҳо | 189 180, 181,187, 189 | 173 120, 160 |
| 62. | Ҳисоб намудани андозҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ | 155, 178, 200, 220, 225, 401, 410 | 173 |
| 63. | Азнавнархгузории қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ бо асъори хориҷӣ фарқияти мусбии қурб | 153, 155, 160, 175, 178 | 140, 270, 400, 401 |
| | фарқияти манфии қурб | 140, 270, 401 | 153, 155, 160, 175, 178 |

## Саволнома

1. Дар бораи системаи асосии амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ маълумот диҳед.
2. Қарздории кредитиро чӣ нишон медиҳад?
3. Зери мафҳуми қарздории шӯбҳаомез чиро мефаҳмед ва кадом тартиби эътироф кардани он мавҷуд аст?
4. Вазифаҳо ва тартиби баҳисобгирии ҳисоббаро-баркунии амалиётҳоро шарҳ диҳед.
5. Дар кадом ҳолат ва ба кӣ пули нақд ҳамчун ҳисоботдиҳанда дода мешавад?
6. Баҳисобгирии аналитикӣ ва синтетикии чӣ тавр сурат мегирад?

7. Тартиби ташкили баҳисобгирии аналитикиро аз рӯйи ҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ маълумот диҳед.
8. Ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи тартиби баҳисобгирии вомбаргҳо ва қарзҳоро номбар кунед.

# БОБИ 8. ҲИСОБГИРИИ НАТИҶАИ МОЛИЯВӢ

## 8.1.Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳарсола.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» аз 14 майи соли 1999, №750.
3. Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳури Тоҷикистон
4. Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибавӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. Фармони Вазири молияи ҶТ аз 26 декабри соли 2000, №157 тасдиқ шудааст.
5. Дастурамал оид ба низоми тартиб додан ва пешниҳод кардани ҳисоботи солонаи ва даврии бухгалтерии муассисаҳои буҷетӣ.

## 8.2.Ҳисобгирии натиҷаи молиявӣ

Ҳисобгирии натиҷаи молиявии муассиса дар ҳисоби 41 ва зерҳисоби 410 «Фоида ва зарар» бурда мешавад.

Ин ҳисобҳо барои инъикоснамоии натиҷаи молиявии муассиса ва ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро таъмин мекунад, истифода карда мешавад.

Барои ҳисобгирии натиҷаи молиявӣ ҳисобҳои зерин истифода карда мешавад:

410 «Фоида ва зарар»;

120 «Хазина»;

111 «Маблағҳои аз ҳисоби соҳибкорӣ ба даст омада»;

410/1 «Даромади фонди захиравӣ»;

400/2 «Даромади давраи ҳисоботӣ»;

401 «Даромади давраи оянда».

Ҳангоми фурӯхтани воситаҳои асосӣ, активҳои ғайриистеҳсолӣ ва ғайримоддӣ дар тарафи кредитии ҳисоби

400/3 «Даромад аз фурӯши активҳо» ва дар тарафи дебетии ҳисоби 178 «Зиёдшавии қарздории дебиторӣ аз рӯйи даромад аз фурӯши активҳо» инъикос карда мешавад.

Хароҷотҳо аз рӯйи фурӯши активҳо дар тарафи дебетии ҳисоби 400/3 «Даромад аз фурӯши активҳо» ва кредити ҳисоби 200 «Хароҷотҳои муассиса» инъикос карда мешавад.

Ҳангоми фурӯши маҳсулоти тайёр, корҳои иҷрошуда ва хизматҳои расондашуда дар тарафи дебетии ҳисоби 178 «Зиёдшавии қарздории дебиторӣ аз рӯйи даромад аз фурӯши бозории маҳсулоти тайёр, кор ва хизмат» ва тарафи кредитиии ҳисоби 400 «Даромад аз фурӯши бозории маҳсулоти тайёр кор ва хизмат»инъикос карда мешавад.

Маблағи ААИ аз рӯйи молҳо, корҳо ва хизматрасонии дароз дар тарафи дебетии ҳисоби 171 ва кредити ҳисоби !78 «Зиёдшавии қарздории кредиторӣ аз ААИ» инъикос меёбад.

Амалиётҳо аз рӯйи ҳисобҳо 410/1 «Натиҷаи молиявӣ аз рӯйи фонди захиравӣ» дар ҳисоби 111 «Маблағҳои аз ҳисоби соҳибкорӣ бадастомада» гузаронида мешавад».

Ҳисоби 410/2 «Натиҷаи молиявии давраҳои ҳисоботии гузашта» барои ҳисобгирии натиҷаҳои молиявии давраҳои гузашта нигаронида шудааст.

## 8.3.Ҳисобгирии натиҷаҳо аз рӯйи хазинаи иҷрои буҷет

Ҳисоботи 120 «Натиҷаҳо аз рӯйи хазинаҳои иҷрои буҷет» дар ташкилотҳое, ки иҷроиши буҷетро таъмин мекунанд, барои барасмиятдарории натиҷаҳои хазинаҳои иҷрои буҷет истифода бурда мешавад.

Натиҷаи охири сол аз рӯйи хазинаҳои иҷрои буҷет аз рӯйи гардишҳои дебетӣ ва кредитии ин ҳисобҳо муайян карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳо аз рӯйи дохилшавии маблағҳо ба буҷет ва хориҷшавии маблағҳо аз буҷет ҳар рӯз дар феҳристи дохилшавӣ ва хориҷшавии маблағҳои буҷетӣ инъикос карда мешавад.

Дохилшавии воситаҳои пулӣ ба буҷет дар тарафи кредитии ҳисоби 120 «Натиҷаҳо аз рӯйи хазинаҳои иҷрои буҷет» ва дар тарафи дебети ҳисоби 090 «Дохилшавии маблағҳо ба ҳисоби ягонаи буҷетӣ» инъикос карда мешавад.

Пардохти маблағҳо аз буҷет дар тарафи дебетии ҳисоби 090 «Натиҷаҳо аз рӯйи хазинаҳои иҷрои буҷет» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 140 «Хориҷкунии маблағҳо аз ҳисоби ягонаи буҷетӣ» инъикос карда мешавад.

## 8.4.Мукотиботи ҳисобҳо оид ба ҳисобгирии натиҷаи молиявӣ[1]

| № | Амалиёт | Мукотиботи ҳисобҳо | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| 1. | Зиёдатии воситаҳои асосактивҳои ғайримоддӣ ва ғайриистеҳсолӣ ҳангоми барӯйхатгирии ошкоршуда аз рӯйи арзиши бозорӣ даромад карда шуд | 120 | 170 |
| 2. | Объектҳои воситаи асосӣ активҳои ғайримоддӣ ва ғайриистеҳсолӣ фурӯхта шуд | 178 | 015 |
| 3. | Воситаҳои асосӣ активҳои ғайримоддӣ ва ғайриистеҳсолӣ корношоям шуда хориҷ карда шуд | 250 | 015 |
| 4. | Захираҳои моддӣ аз рӯйи шартномаи таъминкунандагон даромад карда шуд | 090 | |
| 5. | Фурӯши маҳсулоти тайёр, корҳои иҷрошуда аз рӯйи арзиши ҳақиқӣ инъикос карда шуд | 153 | 401 |
| 6. | Ҳисоб карда шуд:<br>-Музди меҳнат<br>-идорпулӣ<br>-нафақа ва дигар пардохтҳо | 200 | 181<br>198<br>180 |
| 7. | Маблағи андоз ва дигар пардохтҳо ба буҷет даромад карда шуд. | 090 | 198 |
| 8. | Ҳисоб намудани пардохтҳо барои иҷроиш ва ба фармоишгарон супоридани махсулот, кору хизматрасонӣ, бо назардошти андози арзиши иловашуда | 153 | 401 |
| 9. | Дар даромадҳои давраи хисоботӣ инъикос намудани маблағҳои аз фармоишгарон воридшуда барои иҷроиш ва ба онҳо супоридани маҳсулот кору хизматрасонӣ | 401 | 400 |
| 10. | Дар даромадҳои давраи хисоботӣ инъикос намудани молҳо ва махсулоти хӯрокаи фурӯхташуда:<br>аз рӯйи нархи харид (бе илованархҳо)<br>ба маблағи иловаи нарх | <br>280<br>401 | <br>400<br>400 |
| 11. | Ба кам намудани даромадҳои давраи хисоботӣ соқит намудани арзиши ҳақиқии махсулоти фурӯхташуда, кору хизматрасонӣ (қайдҳо хангоми аз фармоишгар ворид шудани пардохтҳо гузаронида мешаванд | 400 | 280 |

[1] Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ, Душанбе. 2010. С.247.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 12. | Муайян намудани натиҷаҳо аз фурӯши маҳсулоти хизматрасонӣ:<br>фоида<br>зарар | <br><br>400<br>410 | <br><br>410<br>400 |
| 13. | Ҳисоб намудани андозҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба даромади буҷет аз ҳисоби фоида ворид-шаванда | 410 | 173 |
| 14. | Дар даромадҳои давраи ҳисоботӣ инъикос намудани даромадҳои ғайриасосӣ | 111,<br>118,<br>178,<br>401 | 400 |

## Саволнома

1. Ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи тартиби баҳисобгирии даромад ва хароҷотҳоро номбар кунед.
2. Кадом шакли даромадҳо ва хароҷотҳои ташкилотҳоро эътироф мекунед?
3. Таркиби даромад ва хароҷотҳои ташкилотро шарҳ диҳед.
4. Тартиб ва вазифаҳои баҳисобгирии натиҷаҳои молиявиро номбар кунед.
5. Кадом намуди ташаккулёбӣ ва баҳисобгирии натиҷаҳои молиявӣ аз рӯйи шакли муқаррарии фаъолият мавҷуд аст?
6. Чӣ тавр натиҷаҳои молиявӣ ташаккул меёбад? Баҳисобгирии даромад ва хароҷотҳо чӣ тавр ҷорӣ карда мешавад?
7. Дар зери мафҳуми ислоҳоти мувозинат чиро мефаҳмед?
8. Тартиби баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниро бо буҷет аз рӯйи андоз ва фоида шарҳ диҳед.

# БОБИ 9. ҲИСОБГИРИИ СОҲИБКОРӢ ВА ДИГАР ФАЪОЛИЯТҲОЕ, КИ ДАРОМАД МЕОРАД

## 9.1. Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» аз 14.05 соли 1999, №750.
2. Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳарсола.
4. Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибавӣ дар муассисаҳои буҷавӣ (бо фармони Вазири молия аз 26 декабри соли 2000, №157 тасдиқ карда шудааст).
5. Дастурамал оид ба тартиби тартиб додан ва пешниҳод кардани ҳисоботи солона ва даврии бухгалтерии муассисаҳои буҷавии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
6. Дастури методӣ оид ба инветаризатсияи моликият ва ӯҳдадории молиявӣ. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.05.1997.

## 9.2. Ҳисобгирии хароҷотҳо оид ба истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ

Муассисаҳои буҷетӣ ҳуқуқ доранд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ дар Оинномаашон пешбинишуда машғул шаванд.

Ба фаъолияти соҳибкории муассисаҳои буҷетӣ инҳо дохил мешаванд:

- хариду фурӯш ва иҷора додани захираҳои асосӣ ва амволи муассисаҳои буҷетӣ;
- савдои молҳо ва таҷҳизоти харидашуда;
- расонидани хизмати миёнаравӣ;
- ба даст овардани саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок, гирифтани даромад аз онҳо (ба сифати ҳаққи саҳм ба фоиз);
- машғул шудан ба дигар фаъолиятҳои фоидаовари дар Оиннома зикршуда (кор ва хизматрасонӣ), ки ба истеҳсоли маҳсулот алоқаманд нестанд.

Барои ҳисобгирии хароҷотҳо оид ба барориш маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонии ҳисоби 220 тайёркунии масолеҳҳо, маҳсулоти тайёр, иҷрои кор ва хизматрасонӣ истифода бурда мешавад.

Дар ин ҳисоб хароҷотҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:

- хароҷотҳо барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти тайёр;
- хароҷотҳо барои иҷрои кор ва хизматрасонӣ, хароҷотҳо дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ.

Ҳисобгирии хароҷот ва комуникатсияи арзиши аслии маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар бисёр мавридҳо аз хосияти соҳавии муассисаҳои буҷетӣ вобастагӣ дорад. Барои ҳамин ҳангоми ташкили ҳисобгирии хароҷот камуникатсияи арзиши аслии маҳсулоти тайёр, кор ва хизматрасонӣ аз рӯйи ҳисоби 200 ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳавӣ мақсаднок истифода бурда мешавад.

Дар доираи фаъолияти соҳибкорие, ки даромад меорад, қайдҳои зерини муҳосибавӣ инъикос карда мешавад.

Дар тарафи дебети ҳисоби 080 «Зиёдшавии арзиши тайёркунии масолеҳҳо, маҳсулоти тайёр (кор ва хизматрасонӣ)», ҳамаи хароҷотҳо барои тайёркунии маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ; арзиши масолеҳи сарфшуда,маблағи ҳисобкардашудаи хӯрдашавии воситаҳои асосӣ ва обективҳои ғайримоддӣ, маблағи ҳисобкардашудаи музди меҳнати кормандони ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, ҳиссаҷудокунӣ аз рӯйи фонди музди меҳнат ва ғайра дар тарафи кредитии ҳисобҳои 080, 176, 067, 020,176/1, 180 нишон дода мешавад.

Баъзе хароҷотҳо аз рӯйи фаъолиятҳое, ки даромад меорад, дар ҳисоби 200 «Хароҷотҳои муассиса нишон дода мешавад».

Дар тарафи дебетии ҳисоби 250 «Хароҷотҳо барои хӯрдашавии воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ» маблағҳои ҳисобкардашудаи хӯрдашавии воситаҳои асосӣ бо алоқамандии ҳисобҳои (кредитӣ) 020, 019, 020/1 инъикос карда мешавад.

Дар ҳисоби 200/1 хароҷоти захираҳои моддӣ, захираҳои моддӣ дар фаъолияти асосӣ ва соҳибкорӣ истифода шуда, (дар тарафи кредитии захираҳои моддӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар охири моҳ арзиши захираҳои модии

харчшуда аз кредити ҳисоби 200/1 ба дебети ҳисобии 080 гузаронида мешавад.

Дар ҳисоби 200/1 «Дигар хароҷотҳо» хароҷотҳо барои пардохтҳо ба фаъолияти соҳибкор тааллуқдошта ба ҳисоб гирифта мешавад:

- андозҳо ба буҷет;
- боҷи давлатӣ;
- ҷаримаҳо;
- дигар пардохтҳо.

Ҳангоми супориши (истеҳсолоти) маҳсулоти тайёр ва аз рӯйи арзиши ҳақиқӣ ба анбор супоридан дар тарафи кредитии ҳисоби 178 «Камшавии арзиши маҳсулоти тайёр, иҷрои кор ва хизматрасонӣ» ва дар тарафи дебетии ҳисоби 080 «Зиёдшавии арзиши маҳсулоти тайёр» инъикос карда мешавад.

## 9.3. Маҳсулоти тайёр ва баҳодиҳӣ ба он. Ҳисобгирии дохилшавиии маҳсулоти тайёр

Вазифаҳои асосии баҳисобгирии маҳсулоти тайёр аз инҳо ибоат аст:

- дуруст ва саривақт ба ҳисобгирии миқдор ва ҳаракати маҳсулоти тайёр дар анборҳо, яхдонҳо ва дигар ҷойҳои нигоҳдории маҳсулот;
- назорат аз рӯйи иҷроиши нақшаҳо ҳаҷм, навъ, сифати маҳсулоти истеҳсолшуда;
- назорат аз рӯйи ҳифзнамоии маҳсулоти тайёр ва ғайра.

Маҳсулоти тайёр чун қоида бояд ба анбор ба шахси ҳисобдиҳанда супорида шавад.

Маҳсулоти тайёр дар ҳисобгирӣ аз рӯйи арзиши ҳақиқӣ дар асоси талабнома- борхат ба ҳисоб гирифта мешавад ва дар тарафи дебетии ҳисоби 400 «Зиёдашавии арзиши маҳсулоти тайёр» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 178 «Камшавии арзиши маҳсулоти тайёр (иҷро, кор ва хизматрасонӣ) инъикос карда мешавад.

Аз ҳисоби баровардани маҳсулоти тайёр дар вақти фурӯши он дар тарафи кредити ҳисоби 400 «Камшавии арзиши маҳсулоти тайёр» ва дебетии ҳисоби 080 «Даромад аз фурӯши маҳсулоти тайёр (кор аз хизмат)» инъикос карда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикии маҳсулоти тайёр дар варақаҳо маблағ, миқдори маводҳои арзишнок қайд карда мешавад. Шахсони аз ҷиҳати моддӣ масъул ҳисобгирии маҳсулоти тайёрро дар китоби баҳисобгирии маводҳои арзишнок аз рӯйи номгӯй, навъ ва миқдор мебаранд.

Маҳсулоти тайёр аз рӯйи арзиши аслии ҳақиқӣ (аз рӯйи ҳароҷотҳои барои истеҳсоли маҳулоти тайёр муайян шуда) баҳо дода мешавад.

## 9.4. Ҳисобгирии фурӯши маҳсулот, кори иҷрошуда ва хизматрасонӣ

Фурӯши маҳсулот дар асоси шартномаҳои басташуда, ё ин ки бо роҳи савдои озод ва ба таври чакана амалӣ мегардад.

Дар шартномаҳои барои таъмини маҳсулоти тайёр таъминкунанда ва харидор, нишондиҳандаҳоро оиди маҳсулот, нарх, тартиби ҳисоббаробаркунӣ, маблағи ААИ ва дигар мушаххасот нишон дода мешавад.

Дар асоси талабнома – борхати молӣ – нақлиётӣ, борхати роҳи оҳан ва дигар ҳуҷҷатҳо барои баровардани маҳсулот ба дигар тарафҳо дар бухгалтерия якчанд нусха талабномаи пардохтӣ барои ҳисоббаробаркунии ба харидорон ба воситаи бонк тартиб дода мешавад.

Дар талабномаи пардохтӣ номгӯй ва ҷойи таъминкунанда ва харидор, рақами шартномаи таъминкунӣ, маблағи пардохт аз рӯйи шартнома, тарифҳои нақлиётӣ, маблағи ААИ нишон дода мешавад.

Ҳисобкунии маблағҳои супоришдиҳандагон дар асоси шартнома ва ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ барои маҳсулоти тайёр, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар тарафти дебетии ҳисоби 178 «Зиёдшавии қарздории дебитиро аз рӯйи даромад аз фурӯши маҳсулоти тайёр, дар бозор иҷрои кор ва хизмат» ва дар тарафи кредитии ҳисоби 400 «Даромади давраи ҳисоботӣ» бурда мешавад.

Дохилшавии воситаҳои пулӣ аз фурӯши маҳсулоти тайёр, кор ва хизмат дар тарафи дебетии ҳисоби 090 «Дохилшавии воситаҳои пулии муассиса» ва ҳисоби дар бонк буда ва дар тарафи кредитии ҳисоби 178 «Камшавии қарздории дебиторӣ аз рӯйи даромад аз фурӯши маҳсулоти тайёр, иҷрои кор ва хизматрасонӣ» инъикос карда мешавад.

Ҳисобкунии андоз аз фоида дар тарафи дебетии ҳисоби 173 «Даромад аз фурӯши маҳсулоти тайёр, дар бозор кор ва хизматрасонӣ» ва кредити ҳисоби 178 «Зиёдшавии қарздории дебиторӣ аз рӯйи андоз аз фоида» инъикос карда мешавад.

Пардохти андоз аз фоида дар тарафи дебетии ҳисоби 173 «Камшавии қарздории кредиторӣ аз рӯйи андоз аз фоида» ва кредити ҳисоби 090 «Хоричкунии воситаҳои пулии муассиса аз ҳисобҳои дар бонк буда» ба ҳисоб гирифта мешавад».

## 9.5. Мукотиботи ҳисобҳо оид ба фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар корҳо, ки даромад меорад[1]

| № | Амалиёт | Мукотиботи ҳисобҳо | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| 1. | Музди меҳнати кормандон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда ҳисоб карда шуд | 200 | 180 |
| 2. | Маҳсулоти тайёр қабул карда шуд | 063 | 178 |
| 3. | Маҳсулоти тайёр ҳангоми фурӯш аз ҳисоб бароварда шуд | 178 | 063 |
| 4. | Воситаҳои пулӣ аз маҳсулоти тайёр, кор ва хизматрасонӣ даромад карда шуд | 120 | 080 |
| 5. | Андоз аз фоида ба буҷет гузаронида шуд | 400 | 173 |
| 6. | Маблағи андоз аз фоида ба буҷет гузаронида шуд | 173 | 090 |
| 7. | Маблағи ААИ ба буҷет гузаронида шуд | 090 | 171 |
| 8. | Аз эътибор соқит намудани хароҷотҳо вобаста ба тақсим намудани онҳо ба зерҳисобҳои дахлдори хароҷотҳо | 200, 201, 220, 221, 225 | 210 |
| 9. | Сармоякунонии хароҷот дар давоми давраи ҳисоботӣ барои таъмини эҳтиёҷот ва рушди фаъолияти асосии муассисаҳои таълимӣ | 225 | 200 |
| 10. | Дар асоси ҳисоботи солонаи муассисаҳое, ки дар тобеъияти тақсимотчии асосӣ, тақсимотчӣ қарор доранд, аз эътибор соқит намудани маблағи хароҷотҳо дар охири сол | 230, 231 | 200, 201,203 |
| 11. | Таъсис додани маблағҳо аз ҳисоби фоида: | | |
| | барои ҳавасмандгардонии моддӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ | 410 | 240 |
| | барои нигоҳдорӣ ва рушди базаи моддию техникӣ | 410 | 241 |
| 12. | Ворид шудани маблағҳо барои мақсадҳое, ки мутобиқи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба иҷроиши фаъолияти асосӣ алоқаманданд | 110 | 270 |
| 13. | Дар охири рӯзи моҳи декабр соқит намудани хароҷотҳои ҳақиқие, ки аз ҳисоби маблағҳои аз фоида таъсисдодашуда, гузаронида шудаанд | 240, 241 | 223 |

[1] Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. Душанбе, 2010.С.245-246.

## Саволнома

1. Ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи қоидаи баҳисобгирӣ ва тартиби ҳисобгирии хароҷотро барои истеҳсоли маҳсулот истифодашавандаро номбар кунед.
2. Таснифоти асосии хароҷотҳоро шарҳ диҳед.
3. Вазифаҳои асосии баҳисобгирии хароҷот, истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва хизматро номбар кунед.
4. Гурӯҳбандии хароҷотҳо аз рӯйи моддаҳои калкулятсия барои чӣ зарур аст?
5. Усулҳои баҳисобгирии хароҷотро барои истеҳсолот номбар кунед.
6. Асосҳои ташкилии баҳисобгирии аналитикии хароҷотҳои умумиистеҳсолӣ ва умумихоҷагиро шарҳ диҳед.
7. Барои баҳисобгирии хароҷотҳои истеҳсолӣ кадом ҳисобҳо истифода карда мешаванд?
8. Кадом тарзҳои тақсимоти хароҷотҳои бавосита дар ташкилотҳо истифода карда мешавад?
9. Тартиби чараёни танзими меъёри фурӯши маҳсулотҳоро (молҳо, кор ва хизматро) шарҳ диҳед.
10. Шакли асосии алоҳидаи созишномаро (шартномаи хариду фурӯши маҳсулот, фиристодани маҳсулот, кор ва хизматрасониро) фаҳмонед.
11. Аломатҳои воридшавии мадохилотро аз фурӯши маҳсулот (кор ва хизмат дар ҳисобгирии бухгалтериро) номбар кунед.
12. Хусусияти баҳисобгирии фурӯши маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ (молҳо, иҷрои кор, хизматрасонӣ) дар соҳаи маориф, илм, тандурустӣ дар чӣ зоҳир мегардад?

# БОБИ 10. ҲИСОБГИРИИ ХАРОҶОТҲОИ ИҶОЗАТДОДАШУДА

## 10.1. Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳарсола.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ», 14 майи соли 1999, №750.
3. Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибавӣ дар муассисаҳои буҷетӣ ( бо фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2000, №157 тасдиқ шудааст).

## 10.2 Ҳисобгирии меъёрии ӯҳдадории буҷетӣ

Ҳисобгирии хароҷотҳои иҷозатдодашуда дар ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунӣ оид ба маблағгузории буҷет барои хароҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо» бурда мешавад. Ҳисобгирии ӯҳдадории буҷетии қабулшуда дар ҳисоби 140/1 «Ӯҳдадории буҷетии қабулшудаи соли ҷорӣ» бурда мешавад. Ташкилотҳое, ки иҷроиши буҷетро таъмин мекунанд, ҳисобгирии маблағҳои ӯҳдадории буҷетиро дар давоми соли ҷорӣ, ҳисобгирии меъёриҳои ӯҳдадории буҷетии дар роҳ бударо дар ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунӣ оид ба маблағгузории буҷет барои хароҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо» ба ҳисоб мегиранд. Ин ҳисоб аз зерҳисобҳои зерин иборат аст:

140/1 «Меъёрҳои додашудаи ӯҳдадории буҷети соли ҷорӣ».

140/2 «Меъёрҳои қабулшудаи ӯҳдадории буҷетӣ».

140/3 «Меъёрҳои ӯҳдадории буҷети дар роҳ буда».

Амалиётҳо аз рӯйи ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунӣ оид ба маблағгузории буҷет барои хароҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо» дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ инъикос карда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикӣ аз рӯйи ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунӣ оид ба маблағгузории буҷет барои

хароҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо»дар варақаи ҳисобгирии натиҷаҳои ӯҳдадории буҷетӣ бурда мешавад.

Варақа аз мушаххасот ва нишондиҳандаҳои зерин иборат аст:

- дар қисми сарлавҳа таърихи санаи варақа, номгӯи ташкилоте, ки иҷроиши хазинавии буҷетро таъмин мекунад, намуди маблағ фиристонандаи меъёрҳо номгӯи буҷет, воҳиди ченак нишон дода мешавад.
- дар қисми барасмиятдарории имзои сармуҳосиб, сардори шӯъба, сана нишон дода мешавад.

Ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунӣ оид ба маблаггузории буҷет барои хароҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо» барои ҳисобгирии маблағҳои меъёрҳои ӯҳдадории буҷетии тасдиқшудаи тақсимоти асосии маблағҳои буҷетӣ, ташкилотҳое, ки иҷроиши буҷетро таъмин мекунанд, нигаронида шудааст.

Дар тарафи кредитии ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунӣ оид ба маблағгузории буҷет барои хароҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо» дар алоқамандӣ бо дебети ҳисоби 140/1 ҷудошудаи буҷет инъикос карда мешавад.

Дар тарафи дебетии ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунӣ оид ба маблағгузории буҷет барои хароҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо» дар алоқамандӣ бо кредити ҳисоби 140/1 «Меъёрҳои ӯҳдадории буҷетии додашуда» инъикос карда мешавад.

Ҳисоби 140/3 «Меъёрҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ дар роҳ буда» барои ҳисобгирии маблағи лимитҳои ӯҳдадории буҷетӣ дар давраи ҳисоботӣ, вале дар давраи ҳисоботи оянда қабул кардашаванда нигаронида шудааст.

## 10.3. Ҳисобгирии ӯҳдадориҳои қабулшудаи буҷетӣ дар соли ҷорӣ ва маблағи ҷудошуди буҷет

Гирандагони маблағҳои буҷетӣ, ташкилотҳои қабулшудаи буҷетиро дар ҳисоби 090 «Пулгузаронӣ аз маблагҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба муассисаҳое, ки дар тобеияти тақсимотчии асосӣ қарор доранд ва дигар чораббиниҳо» бурда мешавад.

Маблағи ӯҳдадориҳои қабулшудаи буҷетӣ дар тарафи кредитии ҳисоби 090 дар алоқамандии бо дебети ҳисоби 140/1 «Меъёри додашудаи ӯҳдадории буҷетӣ» инъикос карда мешавад. Дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ӯҳдадориҳои қабулшуда: шартнома ё дигар ҳуҷҷатҳои ивазкунандаи он – ҳисобҳо, чеки хазинавӣ, борхатҳои молӣ–нақлиётӣ, замимаи пардохтию ҳисоббаробаркунӣ ба расмият дароварда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикӣ ӯҳдадориҳои қабулшудаи буҷетӣ дар журнали бақайдгирии ӯҳдадориҳои қабулшудаи буҷетӣ бурда мешавад. Дар журнал –номгӯ,сана ва рақами ҳуҷҷат,рақами ҳисоб, маблағ нишон дода мешавад.

Ҳисоби 140/1 «Меъёри додашудаи ӯҳдадории буҷетӣ» барои ҳисобгирии тақсимотчии асосии маблағҳои буҷетӣ, ташкилотҳое, ки иҷроиши буҷетро таъмин мекунанд, маблағҳои ҷудошудаи буҷетии тасдиқшуда нигаронида шудааст.

Дар тарафи дебетии ин ҳисоб маблағҳои тасдиқшудаи –маблағи ҷудошудаи буҷет дар алоқамандӣ бо кредити ҳисоби 140 «Ҳисоббаробаркунӣ оид ба маблағгузории буҷет барои хароҷотҳои муассиса ва дигар чорабиниҳо» инъикос карда мешавад.

## 10.4.Мукотиботи ҳисоб оиди баҳисобгирии хароҷотҳои иҷозатшудаи буҷет

| № | Амалиёт | Кореспонденсияи ҳисобҳо | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| 1. | Маблағи лимитҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ ва маблағи ҷудошудаи буҷетӣ инъикос карда шуд | 090 | 140 |
| 2. | Маблағи лимитҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ дар роҳ буда инъикос карда шуд | 090 | 140/3 |
| 3. | Маблағи лимитҳои ӯҳдадориҳои буҷетӣ ба тақсимотчиён дода шуда инъикос карда шуд | 090 | 140/1 |
| 4. | Маблағҳои қабулшудаи ӯҳдадориҳои буҷетӣ инъикос карда шуд | 090/1 | 140 |

### Саволнома

1. Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии харачотҳои иҷозат дода шударо номбар кунед.
2. Меъёри ӯҳдадории буҷетӣ чӣ маъно дорад?

3. Бахисобгирии ӯҳдадориҳои буҷетӣ дар асоси кадом ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ташкил карда мешавад?
4. Асоси баҳисобгирии ӯҳдадориҳои қабулшудаи бу-ҷетӣ дар соли ҷорӣ аз маблағҳои ҷудошудаи буҷет чӣ фарқ дорад?
5. Барои бахисобгирии харачотҳои иҷозат дода шуда кадом ҳуҷҷатҳои бухгалтерӣ истифода карда мешавад?
6. Тартиби санчиши ҷараёни баҳисобгирии харачотҳои иҷозат дода шударо шарҳ диҳед.
7. Дар бораи мукотиботи ҳисоби бухгалтерӣ дар бораи баҳисобгирии харочотҳои иҷозат дода шудаи буҷет маълумот диҳед.

# БОБИ 11. ҲИСОБГИРИИ АМАЛИЁТҲО ОИД БА ТАВРИ МАРКАЗОНИДАШУДА ТАЪМИН НАМУДАНИ МУАССИСАҲОИ БУҶЕТӢ БО МАВОДҲОИ АРЗИШНОК

## 11.1 Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисобгирии бухгалтерӣ» аз 14 майи соли 1999, №750.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Точикистон», ҳарсола.
3. Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Точикистон.
4. Дастурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибавӣ дар муассисаҳои буҷетӣ (бо фармони Вазири молия аз 26 декабри соли 2000, №175 тасдиқ карда шудааст).
5. Дастури методӣ оид ба инвентаризатсияи (баруйхатгирии) моликият ва ӯҳдадории молиявӣ. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.05 соли 1997, №45.

## 11.2. Ҳисобгирии амалиётҳо оид ба таври марказонидашуда таъмин кардани муассисаҳои супоришдиҳаида

Ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандагон аз рӯйи шакли марказонидашуда таъмин кардани муассиса бо маводҳои арзишнок аз тарафи муассисаи болоӣ (супоришдиҳанда) гузаронида мешавад. Дар ин ҳолат супоришдиҳанда чунин қайдҳои бухгалтериро оид ба ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунандаи маводҳои арзишнок бо таври марказонидашуда таъминкунии муассисаҳо мегузаронад.

Бо маблағи пешпардохти гузаронидашуда ҳисоби аналитикии 150 «Ҳисоббаробаркунӣ бо молтаъминкунандагон ва пудратчиён» дебет ва ҳисоби 101 «Хориҷшавии воситаҳои пулии муассиса аз ҳисоби дар бонк буда» кредит мешавад.

Муассисаҳои супоришдиҳанда ба муассиса борқабулкунанда хабарнома мефиристад.

Муассисаи борқабулкунанда хабарномаро дар ду нусха қабул мекунад ва ҳангоми қабул кардани маводҳои моддии арзишнок ба муассисаи болоии супоришдиҳанда нусхаи дуюми хабарномаро бармегардонад.

Муассисаи супоришдиҳанда ҳангоми қабул кардани аз муассиса хабарнома инчунин санади камомади маводҳои моддии арзишноки ошкоршуда қайдҳои зерини бухгалтериро мегузаронанд.

Аз рӯйи ҳисоббароборкунии бо молтаъминкунандагон дар дебети зерҳисоби 150 маблағҳои барои масолеҳи сохтмонӣ, конструксия ва қисмҳои пардохтшуда нависонда шуда, ва дар зерҳисобҳои 091, 097, 101, 102, 111, 118 кредит карда мешавад. Ба арзиши масолеҳи қиматноке, ки аз молистеҳсолкунандагон ба анбор ворид шудааст, зерҳисобҳои 040, 041 ё 150 дебет карда шуда, зерҳисоби 150 кредит карда мешавад, агар масолеҳи қиматнок дар анбор нигоҳдошта нашуда ба пудратчиён доро шавад.

Дар зерҳисоби 153 «Ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон ва супоришдиҳандагон барои корҳои иҷро шуда ва хизматҳои расонида шуда» ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон ва супоришдиҳандагон аз рӯйи корҳои иҷрошуда, хизматҳои расонидашуда ва маҳсулотҳои тайёр намудаи муассиса ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар дебети зерҳисоби 153 арзиши ба харидорон ва супоришдиҳандагон пешниҳод намудаи муассиса аз рӯйи

маҳсулотҳои баровардашуда, кори хизматрасониҳои иҷрошуда ва супоридашуда ба назардошти андози арзиши иловашуда нависонда мешавад ва дар ин сурат зерҳисоби 401 кредит карда мешавад.

Дар кредити зерҳисоби 153 маблағи аз харидорон ва супоришдиҳандагон дохил шуда нависонда мешавад, дар ин ҳолат зерҳисобҳои 111,118,120,155 кредит карда мешаванд.

Пардохти ҳисоби таъминкунанда дар тарафи дебети ҳисобҳои 153 камшавии қарздории кредиторӣ аз рӯйи бадастории захираҳои моддӣ ва кредити ҳисоби 401 «Даромади давраи оянда» инъикос карда мешавад.

Барои баҳисобгирии маводҳои моддии арзишнок оид ба таври марказонидашуда таъмин намудани муассисаҳои буҷетӣ, китобии баҳисобгирии материалҳои арзишнокро истифода мебаранд. Дар китоб: сана ва рақами хабарнома, номи таъминкунанда, номгӯйи маводҳои арзишнок, рамз, сана ва рақами ҳисоби таъминкунанда, маблағ ва ғайра навишта мешавад.

## 11.3. Ҳисобгирии амалиётҳо оид ба таври марказонидашуда таъмин кардани муассисаҳо бо маводҳои арзишнок

Қабули маводҳои арзишнок оид ба таври марказонидашуда таъмин кардан бо тартиби зерин амалӣ гардонида мешавад.

Объектҳои воситаҳои асосӣ ва актҳои ғайримоддӣ ба муассисаи борқабулкунанда дохилшуда дар тарафи дебетии ҳисоби 250 «Фондҳои воситаҳои асосӣ» дар тарафи дебетии ҳисоби 251 «Фондҳои активҳои ғайримоддӣ».

Ҳисобгирии объектҳои воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва захираҳои моддӣ дар тарафи дебетии ҳисоби 250 «Воситаҳои асосӣ», 251 «Активҳои ғайримоддӣ», 040 «Захираҳои моддӣ» ва кредити ҳисоби 030 «Камшавии маблағгузорӣ ба воситаҳои асосӣ», 031 «Камшавии маблағгузорӣ ба активҳои ғайримоддӣ», 080 «Камшавии арзиши тайёркунии материалҳо, маҳсулоти тайёр» (кор, хизматрасонӣ) инъикос карда мешавад.

## 11.4. Мукотиботи ҳисобҳо оид ба ҳисобгирии амалиётҳои ба таври марказонида таъмин намудани муассисаҳои буҷетӣ бо маводҳои арзишнок[1]

| № | Амалиётҳои бухгалтерӣ | Дт | Кт |
|---|---|---|---|
| 1 | Ба пудратчиён гузаронидани маблағ барои иҷрои корҳои сохтмонию васлкунӣ, интиқолдодани масолеҳу қисмҳо ва конструксияҳо ба онҳо | 150 | 040,041,091, 101,110,111 |
| 2 | Ба пудратчиёни хориҷӣ интиқол додани маблағ аз рӯйи шартномаҳои иҷроиши корҳои сохтмонию васлкунӣ | 150 | 097,102,118 |
| 3 | Аз молтаъминкунандагон қабул намудани масолеҳи қиматнок | 040,041,043 | 150,178 |
| 4 | Аз тарафи пудратчиён ичро намудани корҳои васлкунию сохтмонӣ | 203, 224 | 150 |
| 5 | Ба супоришчиён аз рӯйи нархҳои шартномавӣ пешниҳод намудани ҳисобнома оиди маҳсулоти тайёркардашуда, иҷроиши корҳо ва хизматрасониҳо, бо назардошти андози арзиши иловашуда | 153 | 401 |
| 6 | Аз пудратчиён ворид намудани (қабул намудани) пардохтҳо барои маҳсулоти тайёркардашуда, иҷроиши корҳо ва хизматрасониҳо, аз рӯйи арзиши шартномавӣ | 111, 118, 120, 155 | 153 |
| | Ҳамзамон қайдҳои зерини дуюм гузаронида мешаванд: ба маблағи андози арзиши иловашуда, ки ба буҷет бояд пардохт карда шавад | 401 | 173 |
| | ба даромадҳои давраи ҳисоботӣ аз рӯйи арзиши шартномавӣ | 401 | 400 |
| | ба даромади даврахои ҳисоботӣ соқит намудани хароҷотҳои ҳақиқии маҳсулоти тайёркардашуда, иҷроиши корҳо ва хизматрасониҳои ба супоришчиён додашуда ва пардохтгардида, бо арзиши шартномавӣ | 400 | 280 |

## Саволнома

1. Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии амалиётӣ оид ба таври марказонидашуда таъмин намудани ташкилотҳои буҷетӣ бо маводҳои арзишнокро номбар кунед.

---

[1] Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. Душанбе. 2010.С.241-242.

2. Мафҳумҳои таъминкунанда, пудратчӣ, харидор ва супоришдиҳандаро шарҳ диҳед.
3. Баҳисобгирии амалиётҳои ба таври марказонидашуда таъмин намудани ташкилотҳои буҷетӣ бо ин маводҳо ба таври ғайри мақсаднок чӣ фарқ дорад?
4. Ҳуҷҷатҳои асосии даромад кардани маводҳои арзишнок ва аз анбор ба истеҳсолот ҷудо кардани онҳоро номбар кунед.
5. Тартиби ҳисоббаробаркуниро оид ба барнагардонидани зарари моддиро шарҳ диҳед.
6. Қарздории дарозмуддат чист? Сабабҳои пайдо шудани онро номбар кунед.
7. Тартиби баҳисобгирии аналитикӣ ва синтетикии ҷараёни таъминкунии муассисаҳо бо маводҳои арзишнокро шарҳ диҳед.
8. Қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ аз рӯйи ба таври марказонидашуда таъминкунии муассисаҳо бо маводҳои арзишнокро фаҳмонед.
9. Таъсири ҳисобҳоро дар бораи баҳисобгирии амалиётҳои ба таври марказонидашуда таъмин намудани муассисаҳои буҷетӣ бо маводҳои арзишнокро шарҳ диҳед.

# БОБИ 12. ҲИСОБГИРИИ МАВОДҲОИ АРЗИШНОКЕ, КИ БА ТАШКИЛОТ ТААЛЛУҚ НАДОРАНД

## 12.1.Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ». 14-уми майи 1999, №750.
2. Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Дасртурамал оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ (бо фармони Вазири молия аз 26 декабри соли 2000, №157 тасдиқ карда шудааст).
4. Дастури методӣ оид ба рӯйхатгирии амвол ва ӯҳдадории молиявӣ. Фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.05 соли 1997, №45 тасдиқ карда шудааст.

## 12.2. Ҳолати умумӣ

Маводҳои арзишнок, ки муваққатан дар ташкилот мавҷуд аст ва бо ташкилот тааллуқ надорад (воситаҳои асосии ба иҷора додашуда) маводҳои арзишнок, ки барои нигоҳдории махсус қабул карда шудааст, дар ҳисобҳои ғайритавозунӣ, инчунин тавозунҳои ҳисоботҳои ҷиддӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳамаи молу масолеҳи қиматнок, инчунин воситаҳои асосии ба иҷора додашудаи дар ҳисобҳои ғайритавозунӣ ба ҳисоб гирифта шуда, аз рӯйи тартиб мӯҳлати барои маводҳои арзишнок муқарраршуда ба рӯйхат гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии дар ҳисоби ғайритавозунӣ аз рӯйи системаи оддӣ, яъне бе навишти дутарафаи амалиётҳои аз рӯйи ҳаракати маводҳои арзишнок бурда мешавад.

## 12.3. Ҳисобгирии воситаҳои асосии ба иҷора додашуда

Иҷорадиҳанда воситаҳои асосии ба иҷора додашударо дар ҳисоби ғайритавозунӣ 01 «Воситаҳои асосии ба иҷора додашуда» аз рӯйи арзиши аввалаи дар шартномаи иҷора нишондодашуда ба ҳисоб мегирад, ҳисобгирии аналитикӣ аз рӯйи ин ҳисоб оиди ҳар як объекти воситаҳои асосӣ аз рӯйи рақами инвентарӣ дар варақа аз рӯйи маблағ ва миқдори баҳисобгирии маводҳои арзишнок бурда мешавад.

## 12.4. Ҳисобгири маводҳои арзишнок, ки барои нигоҳдории махсус қабул карда шудааст

Барои ҷамъоварии маълумот оид ба миқдор ва ҳаракати «Маводҳои арзишнок, ки барои нигоҳдории махсус қабул карда шудааст» истифода бурда мешавад. Дар ин ҳисоб инчунин ашё ва маводҳои барои коркард қабул шуда аз рӯйи нархи дар шартномаи маводҳои арзишнок, нишон дода шуда, ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳисобгирии аналитикии маводҳои арзишнок, ки барои нигоҳдории махсус қабул карда шудааст, аз рӯйи намуд, навъ, ҷойи нигоҳдорӣ ва аз рӯйи нархҳои шартномавӣ ё нархи харид бурда мешавад. Ҳисобгирии аналитикии ашё ва маводҳои барои кор-

кард қабулшуда аз рӯйи намуд, навъи маводҳо, ҷойи нигоҳдории онҳо дар варақа аз рӯйи маблағ-миқдори маводҳои арзишнок бурда мешавад.

## 12.5. Ҳисобгирии тавозунии ҳисоботҳои қатъӣ

Тавозунҳои ҳисоботҳои катъӣ (дафтари хати расидҳо, сарбарг, шаҳодатнома ва ғайра) дар ҳисоби ғайритавозунии 04 варақаҳои ҳисоботҳои қатъӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Аз эътибор соқит намудани сарбаргҳои ҳисоботҳои қатъии сарфшуда, инчунин вайроншуда дар санади оиди аз эътибор соқит намудани сарбаргҳои ҳисоботҳои ҷиддӣ ба расмият дароварда мешавад.

Ҳисобгирии аналитикӣ оиди ин ҳисоб аз рӯйи ҳар як намуди варақаҳои ба ҷойи нигоҳдории онҳо дар «Китоб оиди ҳисобгирии варақаҳои ҳисоботҳои махсус» бурда мешавад.

Дар ин китоб ҳисобгирии сарбаргҳои ҳисоботҳои катъӣ, дафтарчаи меҳнатӣ, аз рӯйи намуд, силсила ва рақам, инчунин ҷойи нигоҳдорӣ бо нишон додани санаи додани сарбаргҳои ҳисоботҳои қатъӣ, миқдор ва арзиши онҳо бурда мешавад. Китоб бояд бо ресмон баста шуда бо сурғоч мӯҳр зада шуда бошад. Миқдори варақҳо бояд аз тарафи роҳбари ташкилот тасдиқ шуда бошад.

## 12.6.Ҳисобгирии соқит намудани қарзҳои дебиторҳое, ки қобилияти баргардонии қарзро надоранд

Барои ҷамъоварии маълумот оид ба ҳисобгирии соқит намудани қарзҳои дебиторҳое, ки қибилияти баргардонии қарзҳоро надоранд дар ҳисоби 05 «Аз эътибор соқит гардонидани қарзи дебиторони ба адои қарз ноқобил» ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисобгирии аналитикӣ аз рӯйи ин ҳисоб варақаи ҳисобгирии маблағҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо бо нишондоди насаб, ном ва номи моддаи қарздор ё ин ки мушаххасоти шахсони ҳуқуқӣ бурда мешавад.

## 12.7. Ҳисобгирии маводҳои арзишноке, ки аз рӯйи таълими марказонидашуда ҳаққаш дода шудааст

Маводҳои арзишнок, ки бо ташкилотҳои болои ҳаққаш дода шуда ва бо таври таъминотӣ ба ташкилот (борқабулкунанда) фиристода шудааст, дар ҳисоби ғайритавозунии 06 «Масолеҳи қиматноки бо таъминоти марказонидашуда пардохтшаванда» бурда мешавад. Ҳисобгирии аналитикӣ аз рӯйи ин ҳисоб дар китоби баҳисобгирии маводҳои арзишноке, ки ба таври марказонида ҳаққаш дода шудааст, аз рӯйи ҳар як муассиса (борқабулкунанда) бурда мешавад.

## 12.8. Ҳисобгирии қарздории хонандагон ва донишҷӯён барои баргардонидани арзиши маводҳои арзишнок

Барои ҳисобгирии қарздории хонандагон ва донишҷӯён барои баргардонидани арзиши маводҳои арзишнок ҳисоби 07 қарздории хонандагон ва донишҷӯён барои баргардонии арзиши маводҳо истифода бурда мешавад. Ҳисобгирии аналитикӣ оиди ҳисоби 07 аз рӯйи ҳар як хонанда ва донишҷӯй дар варақаи баҳисобгирии маблағҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо бурда мешавад.

## 12.9. Ҳисобғирии дигар маводҳои арзишнок дар ҳисобҳои ғайритавозунӣ

Барои ҳисобгирии дигар маводҳои арзишнок, ки ба ташкилот тааллуқ надошта, ҳисобҳои 08 «Тӯҳфа ва ҷомҳои гузорандаи варзишӣ, мукофотҳо, кубокҳо ва дигар тӯҳфаҳои арзишнок;

09. Роҳхатҳои пардохнашаванда;

10.Пардохти зиёдатии нафақа ва ёрдампулиҳо дар натиҷаи нодуруст истифода бурдани қонунгузорӣ дар бораи нафақаву ёрдампулиҳо, хотоиҳо дар вақти баҳисобгирӣ бааламаломада;

11. Ашёҳои таълимӣ-техникии ҳарбӣ;

12. Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт, ки бар ивази қисмҳои фарсудашуда дода шудааст;

13. Кафолатҳои мунисипиалӣ ва давлатӣ;

14.Таҷҳизоти махсус барои иҷроиши корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз рӯйи шартнома бо супоришдиҳанда;

15. Таҷҳизотҳои экспериментали̇;

16. Ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ;

17. Ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи набудани маблағ дар вақташ пардохт нашуда;

18. Дохилшавии воситаҳои пулӣ ба ҳисоби дар бонк будаи ташкилот (муассиса);

19.Хориҷшавии воситахои пулӣ аз ҳисоби дар бонк будаи ташкилот(муассиса).

## Саволнома

1. Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии маводҳои арзишнок, ки ба ташкилот тааллуқ надорад, номбар кунед.
2. Манбаъҳои ташаккулёбии маводҳои арзишноке, ки ба ташкилот тааллуқ надорад, номбар кунед.
3. Тартиби баҳисобгирии аналитикӣ ва ҳуҷҷатҳои ибтидоиро оид ба ҳисобгирии маводҳои арзишноке, ки ба ташкилот тааллуқ надоранд, шарҳ диҳед.
4. Дар бораи воситаҳои асосии ба иҷора дода шуда, тартиби ҳисоб кардани хӯрдашавии аз рӯйи воситаҳои асосии ба иҷро расида, маълумот диҳед.
5. Дар бораи хусусияти баҳисобгирии маводҳои арзишноки барои нигоҳдории махсус қабул карда шуда, маълумот диҳед.
6. Дар бораи баҳисобгирии бонкии ҳисоботҳои ҷиддӣ маълумот диҳед.
7. Тартиби баҳисобгирии соқит кардани қарзҳои дебиториро, ки муассисаҳо қобилияти баргардонидани қарзро надоранд, фаҳмонед.
8. Ҳуҷҷатҳои ибтидоиро дар бораи баҳисобгирии қарздории хонандагон ва донишҷӯён барои баргардонидани арзиши маводҳо ва ё арзиши таҳсилро ба ҷойи кори таъминшуда ҳозир намударо, номбар кунед.
9. Дар бораи ҳисобҳои паситавозунӣ маълумот диҳед.
10. Дар бораи рӯйхатгирии маводҳои арзишноке, ки ба ташкилот тааллуқ надорад, маълумот диҳед.

11. Аз рӯйи маводҳои дар рафти рӯйхатгирӣ барзиёд (ё камомад) муайян карда шуда, маълумот диҳед.

# БОБИ 13. ҲИСОБОТИ МУАССИСАҲОИ БУҶЕТӢ

## 13.1. Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрӣ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ». 14 майи соли 1999, №750.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳамасола.
3. Кодекси шарвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2010.
5. Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар муассисаҳои буҷетӣ. (бо фармони Вазири молия аз 26 декабри соли 2000, №157 тасдиқ карда шудааст).
6. Дастурамал оид ба барӯйхатгирии амвол ва ӯҳдадории молиявӣ. Фармони Вазири молияи ҶТ аз 22.05 соли 1997, №45.
7. Дастурамал оид ба тартиб додан ва пешниҳод кардани ҳисоботҳои солона ва даврии бухгалтерии корхонаҳои буҷавии ҶТ. Фармони Вазири молия аз 2 октябри соли 2006.

## 13.2. Ҳолати умумӣ

Ҳисобот системаи нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманду пайваста буда,омили баҳо додан ба натиҷаи ниҳоӣ ва сифати кор, оид ба иҷрои нақша, инчунин дуруст истифода бурдани захираҳои меҳнатию воситаҳои истеҳсолӣ ва ба фаъолияти молиявию хоҷагии корхона, дар давраи ҳисобот мебошад.

Нишондиҳандаҳои ҳисобот бо роҳи давра ба давра хулоса баровардан ва ҷамъбаст намудани маълумотҳои ҳисобдории бухгалтерӣ ҳосил мегардад.

Муҳимтарин масъалаи ташкили ҳисобот ва тавозун соддаю мухтасар гардонидани он мебошад.

Дар баёноти зикрёфтаи ҳисобот талаб карда мешавад, ки ҳисобот бояд хушсифат тартиб дода шуда, эътимоднок, аниқ, равшан, дастрас ва обективӣ бошад.

Қоидаҳо оид ба ҳисоби бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фармони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст ва он, тартиби ҳисоби молиявии муассисаҳову ташкилотҳоро муайян мекунад.

Ҳангоми тартиб додани ҳисоботи бухгалтерӣ бояд шартҳои зерин таъмин карда шавад:

- пурра будани инъикоси ҳамаи амалиётҳо ва натиҷаҳои барӯйхатгирии воситаҳои пулӣ, воситаҳои асосӣ, маводҳои камарзиш дар соли ҷорӣ;
- мувофиқ будани маълумотҳои дар ҳисоботҳои аналитикӣ қайд ёфта, бо бақияи ҳисобҳои синтетикӣ ва ададҳои дар дигар ҳисоботҳо инъикос ёфта.

Ҳисоботҳои буҷетӣ дар намуди дастур ба ҳар саҳифа рақам гузошта шуда, дар барандагони қоғазӣ ва электронии ахбор тартиб дода мешавад. Ҳисоботи буҷетӣ бо имзои роҳбар ва сармуҳосиби тақсимкунандаи асосӣ, гирандагони маблағҳои буҷетии ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро таъмин мекунанд, дода мешавад.

## 13.3. Намуд ва шаклҳои ҳисоботҳои буҷетӣ

Ҳисоботҳои муассисаҳои буҷетӣ ба солона, семоҳа ва моҳона ҷудо карда мешаванд.

Ҳисоботҳои солона ва семоҳа шаклҳои зеринро дар бар мегирад:

- тавозуни иҷрои буҷетӣ тақсимкунандаҳои асосӣ, гирандагони маблағҳои буҷетӣ;
- тавозуни оид ба амалиётҳои хазинавии иҷрои буҷет;
- тавозуни иҷрои буҷет;
- варақаи шарҳдиҳӣ, маълумотнома;
- ҳисобот оид ба натиҷаи фаъолияти молиявӣ;
- ҳисобот дар бораи иҷрои буҷетӣ ташкилкунандаи асосӣ, гирандагони маблағҳои буҷетӣ;
- ҳисобот дар бораи иҷрои буҷет;
- маълумотнома дар бораи бақияи воситаҳои пулӣ дар банк будаи гирандагони маблағҳои буҷетӣ.

Ҳисоби моҳона, ҳармоҳа аз шаклҳои зерин иборат аст:
- ҳисобот оид ба даромад ва хароҷоти хазина;
- маълумотнома оид ба ҳисоббаробаркунии дохилӣ;
- маълумотнома оид ба бақияи воситаҳои пулӣ дар ҳисоби дар банк будаи гирандагони маблағҳои буҷетӣ;
- ҳисоботи иҷрои буҷети тақсимкунандаҳои асосӣ, гирандагони маблағҳои буҷетӣ;
- ҳисоботи ҳармоҳа оид ба иҷрои буҷет;
- маълумотнома оиди амалиётҳои ғайрихазинавии иҷрои буҷет.

## 13.4. Тартиби сохтаии тавозуни иҷрои буҷет оид ба дохилшавӣ ва хориҷшудани маблағҳои буҷетӣ

Тавозуни иҷрои буҷети тақсимкунандаи асосӣ, гирандагони маблағҳои буҷетӣ дар ҳар семоҳа тартиб дода мешавад. Тавозун аз ду боби актив ва ду боби пасив иборат аст, ки дар он бақияи маблағҳои буҷетӣ (сутунҳои 3, 6), маблағҳои ғайрибуҷетӣ нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ (сутунҳои 5, 8) дар аввали сол ва охири давраи ҳисоботӣ инъикос карда мешавад.

Сутунҳои 3, 4, 5 «Дар аввали сол» барои инъикоснамоии арзиши активҳо, ӯҳдадориҳо натиҷаи молиявӣ дар аввали сол нигаронида шудааст.

Арзиши активҳо, ӯҳдадориҳо ва натиҷаи молиявӣ дар охири соли ҳисоботи дар графаҳои 6, 7, 8 «Дар охири соли ҳисоботӣ» инъикос карда мешавад.

## 13.5. Тартиби сохтани ҳисоботҳо оид ба иҷрои буҷет

Ҳисобот оид ба иҷрои буҷети тақсимкунандаи асосӣ, гирандагони маблағҳои буҷетӣ аз тарафи гирандагони маблағҳои буҷетӣ тартиб дода мешавад ва аз тарафи ташкилотҳое, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро амалӣ мегардонанд, тасдиқ карда мешавад.

Ҳисобот аз рӯйи фаъолияти буҷетӣ ва аз рӯйи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолият, ки даромад меорад, алоҳида тартиб дода мешавад.

Дар ҳисобот дар графҳои 1-5 нишондиҳандаҳои зерин нишон дода мешаванд:

Дар графаи 1 номгӯи нишондиҳандаҳо бо сохтори зерин:

1) даромади буҷет;
2) хароҷоти буҷет;
3) сарчашмаҳои маблағгузории дохили ва берунии касри буҷет.

Дар сутуни 2 рамзи сатрҳои номгӯи нишондиҳандаҳои ҳисобот нишон дода мешавад.

Дар сутуни 3 рамзи таснифоти буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи бобҳои ҳисобот:

Таснифоти даромад, таснифоти хароҷот, таснифоти сарчашмаҳои маблағгузории касри буҷет, нишон дода мешавад.

Дар сутуни 4-уми ҳисобот аз рӯйи фаъолияти буҷет мувофиқи бобҳои ҳисобот ҳаҷми лимитҳои тасдиқшудаи аз рӯйи даромади буҷет, хароҷотҳои иҷозат додашуда нишон дода мешавад.

Дар сутуни 4-уми ҳисобот аз рӯйи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияте, ки даромад меорад – мувофиқи бобҳои ҳисобот ҳаҷми маблағи даромад ва хароҷоти сарчашмаҳои маблағгузории касрии буҷет дар мувофиқа бо харҷномаи тасдиқшудаи даромад ва хароҷот аз рӯйи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияте, ки даромад меорад нишон дода мешавад.

Дар сутуни 5 «Хароҷотҳои буҷет» ҳисобот аз рӯйи фаъолияти буҷетӣ – ҳаҷми меъёрии тасдиқшудаи ӯҳдадории буҷетӣ аз рӯйи хароҷотҳои буҷет нишон дода мешавад.

## 13.6. Тартиби сохтани ҳисобот оид ба натиҷаи фаъолияти молиявӣ

Ҳисобот оид ба натиҷаи фаъолияти молиявӣ аз тарафи гирандагони маблағҳои буҷетӣ тартиб дода мешавад.

Сутунҳои ин ҳисобот ба таври зерин амалӣ гардонида мешаванд:

дар сутуни 1 номгӯи нишондиҳандаҳо;

дар сутуни 2 рамзи сатрҳои ҳисобот;

дар сутуни 3 рамзи амалиётҳои таснифшудаи сектори идоракунии давлатӣ;

дар сутуни 4 «Фаъолияти буҷетӣ» нишондиҳандаҳои натиҷаи молиявӣ аз рӯйи амалиётҳои иҷрои буҷет;

дар сутуни 5 «Фаъолияти ғайрибуҷетӣ» нишондиҳандаҳои натиҷаи молиявӣ дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолият, ки даромад меорад;

дар сутуни 6 «Ҳамагӣ» оид ба ҳамаи сатрҳо маблағгузории нишондиҳандаҳо аз рӯйи сутунҳои 4 ва 5 нишон дода мешавад.

## 13.7. Тартиби сохтани ҳисобот оид ба хазина дохил шудан ва хориҷ шудани воситаҳои пулӣ

Ҳисобот оид ба хазина дохил шудан ва хориҷ шудани воситаҳои пулӣ аз маълумотҳо оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои буҷетӣ, дар ҳисоби ягонаи буҷетии ташкилотҳое, ки хизмати хазинавии иҷрои буҷетро таъмин мекунанд, иборат аст.

Ҳисобот ҳар моҳ дар асоси нишондиҳандаҳои китоби асосӣ оид ба дохил шудан ва хориҷ шудани воситаҳои пулӣ аз рӯйи ҳисобҳои буҷетӣ, ҳисоби ягонаи буҷетии ташкилотҳое, ки хизмати хазинавии иҷрои буҷетро таъмин мекунанд, тартиб дода мешавад.

Дар сутунҳои 1- 4 –уми ҳисоботи ташкилотҳое, ки иҷроиши буҷетро таъмин мекунанд ва ташкилотҳое, ки хизмати хазинавии иҷрои буҷетро таъмин мекунанд, нишондиҳандаҳои зерин қайд мешавад:

дар сутуни 1 номгӯи нишондиҳандаҳо бо тартиби зерин:

- дохил шудани воситаҳои пулӣ (аз рӯйи амалиёти молиявӣ, инвеститсионӣ, ҷорӣ);
- хориҷшавии воситаҳои пулӣ (аз рӯйи амалиётҳои молиявӣ, инвеститсионӣ, ҷорӣ);

дар сутуни 2 рамзи сатрҳои номгӯи нишондиҳандаҳои ҳисобот;

дар сутуни 3 рамзи таснифоти буҷети ҶТ, таснифоти даромад, таснифоти хароҷот, таснифоти сарчашмаҳои маблағгузории касри буҷет;

дар сутуни 4 боби 1 «Дохилшавӣ», дар сутуни 5, 6 боби 2 «Хориҷшавӣ» ва боби 3 «Тағйирёбии бақияи маблағҳо» ба ҳисоб гирифта мешавад.

## 13.8. Тартиби сохтани ҳисоботи ҳармоҳаи буҷет

Ҳисоботи буҷетӣ маълумотҳоро оид ба бақияи воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои бонкӣ, воситаҳои буҷетӣ доир ба ҳисоббарқароркунии дохили ғайрихазинавӣ дар бар мегирад.

Маълумот бояд оид ба бақияи воситаҳои пулӣ дар ҳисоби бонки гирандаи воситаҳои буҷетӣ аз тарафи гирандаи воситаҳои буҷетӣ аз рӯйи ҳар як ҳисоби дар бонк кушодашуда, аз ҷумла аз рӯйи ҳисоби воситаҳои фармоишудаpo ҳамин тавр, аз рӯйи ҳар як ҳисоби шахсии дар ташкилот кушодашуда, ташкилкунандаи иҷрои буҷет ё ташкилоте, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро мегузаронад, дар асоси маълумотҳои дар ҳисоби паситавозунӣ 17 «Дохилшавии воситаҳои пулӣ ба ҳисоби бонки муассиса» бо раҳҳои ҳисоби арифметикӣ фарқи байни ҳисоби нишондодашуда инъиикос ёфта гирифта мешавад. Дар ин ҳолат бақия аз рӯйи воситаҳои буҷетӣ дар давраи ҳисоботӣ гирифташуда аз ташкилоти иҷрои буҷет ва тақсимкунандаи асоси воситаҳои буҷетӣ дар ҳисоби буҷетӣ дар ташкилотҳои кредитӣ кушодашуда, аз рӯйи рамзи ҳар як идора инъикос меёбад, ҳамин тавр таснифоти вазифавии хароҷотҳо ва манбаъҳои маблағгузорӣ камшавии буҷет ва дар ҳисоби аналитикӣ ҳисоби 090 «Ҳисоботҳои дохилӣ байни тақсимкунандаи асосӣ ва гирандаи воситаҳо» инъикос мегардад.

Маълумотнома оиди ба бақияи воситаҳои буҷетӣ бо адади арзи хориҷӣ аз рӯйи нишондиҳандаи курси арзи хориҷӣ ва эквиваленти сомонӣ, ки Бонки миллии Тоҷикстон дар давраи ҳисоботӣ муқаррар кардааст, тартиб дода мешавад.

Дар ҳолати аз тарафи муассисаҳо иҷро кардани фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз натиҷаи он даромад мегиранд, маълумотнома оид ба бақияи воситаҳои пулӣ, ки дар ҳисоби шахсии он инъикос ёфтааст, дар идораи ташкилкунандаи иҷрои буҷет ё ташкилоте, ки хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетро мегузаронанд кушода шудааст бояд аз тарафи

ҳамон ташкилот, яъне ташкилкунандаи иҷрои буҷет, ё ташкилоти хизматрасони хазинавии иҷрои буҷет тасдиқ карда шавад. Бақия аз рӯйи маълумотнома оид ба бақияи воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои бонкӣ гирандаи воситаҳои буҷетӣ пешниҳодшаванда бояд буҷети тақсимкунанда асоси воситаҳои буҷетӣ пешниҳодшаванда бояд дуруст ва аниқ бошад, дар рӯзи ҳисоботи ғайр аз 1-уми январ нусха аз ҳисоботи муассисаи кредитӣ (қарздиҳанда аз рӯйи ҳолати ба 1-уми январ бо имзои роҳбар, сармуҳосиб ва нақши мӯҳри бонкӣ тасдиқ карда шуда бошад.

Тақсимкунандаи асосии (Вазорат, кумита) маълумотномаи ҷамбастиро оид ба бақияи воситаҳои пулӣ дар ҳисоботҳои бонкигардидаи воситаҳои буҷетӣ бо роҳи арифметикӣ ҷамъ кардани бақияҳо, ки дар ҳисоботҳои бонкӣ гирандаи воситаҳои буҷетӣ бо нишони тақсимкунандаи асосӣ пешниҳод карда шудааст, тартиб медиҳад. Ҳамин тавр, маълумот оид ба бақияи воситаҳои буҷетӣ дар ҳисоботҳои бонкӣ гирандаи воситаҳои буҷетӣ аз рӯйи ҳисоботҳои бонкии худ дар асоси тартиботи муқарраршуда барои гирандаи воситаҳои буҷетӣ истифода карда мешавад.

Маълумотнома аз рӯйи ҳисоббаробаркунии дохилии ш. 286 маълумотнома аз рӯйи ҳисоббаробар-кунии дохилӣ ш.286. Аз тарафи тақсимкунандаи асосӣ гирандаи воситаҳои буҷетӣ дар асоси маълумотномаҳое, ки дар рӯзи ҳисоботӣ дар ҳисоботҳои мувофиқи ҳисоби 090 ҳисобҳои дохилӣ байни тақсимкунандаи асосӣ ва гирандаи воситаҳо тартиб дода мешавад. Гардиши буҷетӣ ҳисоботҳои мувофиқи ҳисобҳои 090 «Ҳисобҳои дохилӣ байни тақсимкунандаи асосии ва гирандаи воситаҳо» дар сутуни 6 тақсимкунандаи асосии воситаҳои буҷетӣ бо сомонӣ инъикос ёфта, бояд ба гардши кредитии ҳисоботҳо мувофиқи ҳисоботҳои 090, сутуни 3 ифода ёфта тақсимкунанда ва ифодаҳои воситаҳои буҷетӣ бо ифодаи сомонӣ мувофиқат намояд. Идораҳои хизматрасонии хазинавӣ иҷрои буҷетро иҷрокунанда маълумотномаро аз рӯйи ҳисоби дохилӣ дар асоси маълумотномаҳо, ки дар давраи ҳисоботӣ аз рӯйи ҳисоботҳо мувофиқи ҳисобҳои 111 «Ҳисобҳои дохил ва хориҷшавӣ аз буҷет», 110 «Ҳисобкунии дохилӣ доир ба дохилшавӣ ба буҷет», 101 «Ҳисобкунии

дохилӣ оид ба хориҷшавӣ аз буҷет»-ро тартиб медиҳанд. Гардиши дебиторӣ ҳисобҳои 091 «Ҳисобкунии дохилӣ аз рӯйи дохилшавӣ ба буҷет», ки дар сутуни 6 бо «сомонӣ» ифода ёфтааст, идораи хизматрасонӣ хазинавии иҷрои буҷет ба анҷом расонидани маблағи андоз ва дигар ҳисобҷудокунии ба буҷетгузаронида бояд ба гардиши кредитии ҳисобҳои 110 «Ҳисобкунии дохилӣ аз рӯйи дохилшавӣ ба буҷет» (сутуни 3 бо ифодаи сомонӣ) идора иҷрокунии хазинавии иҷрои буҷет, ки маблағи андозҳо ва дигар ҳисобҷудокуниҳоро қабул мекунанд, мувофиқат кунанд. Гардиши дебетӣ аз рӯйи ҳисобҳои 114 «Ҳисобкунии дохилӣ оид ба хориҷшавӣ аз буҷет» (ки дар сутуни 6 бо сомонӣ инъикос ёфтааст) идораи иҷрокунии андози хизматрасонии иҷрои буҷет аз рӯйи воситаҳои гузаронидашуда ба гардиши кредитии ҳисобҳо 101 «Ҳисобҳои дохилӣ аз рӯйи хориҷшавӣ аз буҷет» (дар сутуни 3 инъикос шуд) идораи иҷрокунандаҳои хизматрасонии иҷрои буҷет гирандаи воситаҳо мувофиқат намояд.

## Маълумотноима аз рӯйи амалиётҳои ғайрихазинавии иҷрои буҷет

Маълумотнома оид ба амалиётҳои ғайрихазинавӣ дар бораи иҷрои буҷет аз тарафи ғирандаҳои воситаҳои буҷетӣ ҳар моҳ дар асоси ҳуҷҷатҳои муайяни тасдиққунандаи амалиётҳои даромад, хароҷот, манбаи маблағгузории, камчинии буҷет, иҷрои амалиётҳои ғайрихазинавӣ ва инъикоси онҳо дар ҳисоботҳо тартиб дода мешавад. Тартиб додани чунин маълумотнома аз рӯйи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳои даромаддиҳанда пешбинӣ карда шудааст.

Роҳбари асосӣ маълумотномаи ҷамъбастиро доир ба амалиётҳои ғайрихазинавӣ оид ба иҷрои буҷет бо роҳи ҳисобкунии арифметикӣ бақияи маблағҳо аз рӯйи амалиётҳои ғайрихазинавӣ оид ба иҷрои буҷет дар асосӣ пешниҳоди мувофиқ ба роҳбарият (тақсимкунанда ва гирандаи воситаҳои буҷетӣ), ки доир ба амалиётҳои ғайрихазинавии худӣ бо тартиби муқарраршуда барои гирандаи воситаҳои буҷетӣ тартиб дода шудааст, таҳия менамояд.

## 13.9. Тартиби таҳияи қисмҳои ҷудогонаи ахбори эзоҳдиҳанда ба ҳисоботи солонаи буҷетӣ

Ахбори эзоҳдиҳанда аз тарафи роҳбари асосии гирандаи воситаҳои буҷетӣ, идораи ташкилкунандаи иҷрои буҷет, идораи татбиққунандаи хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷет тартиб дода мешавад.

Идораи ташкилкунандаи иҷрои буҷет ва роҳбари асосӣ мустақилона метавонад миқдори замимаҳоро ба ахбори эзоҳдиҳанда аз таркиби ҷадвалҳои солона ва шакли ҳуҷҷатҳо мӯҳлати пешниҳоди онҳоро муайян намояд.

### Масъалаҳои умумии ташкили фаъолияти муассисаҳои буҷетӣ

Тартиби ташкили муассисаи буҷетӣ ба таври нақшавӣ бо нишондоди самтҳои асосии фаъолияти қисмҳои таркибӣ ва тағйирёбӣ дар давраи ҳисобкунӣ нишон дода шудааст. Вазифа ва кори ташкилотҳои буҷетӣ бояд асосҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ дошта бошад.




Маълумот оид ба тартиби миқдори муассисаи буҷетӣ тобеи маъмурияти асосӣ буда, вобаста ба самти фаъолияти онҳо ( аз рӯйи қисмҳои гурӯҳбандии хароҷотҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба замимаи ахбороти таваҷҷӯҳи эзоҳдиҳанда пешиҳод карда мешавад. Дар он бояд маълумотҳои ҷамъбастӣ, ки аз тарафи маъмурияти асосӣ аз рӯйи муассисаҳои зерин оварда мешавад:

- оид ба миқдори дараҷаи идораи воситаҳои буҷет дар системаи маъмурияти асосӣ, воситаҳои буҷетӣ ва маълумот оид ба ин дараҷаи идора;
- оид ба таркиби маъмурият ва гирандаи воситаҳои буҷетӣ;

- оид ба миқдори ҳақиқии корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ;
- оид ба тағйирот дар низом гирандаи воситаҳои буҷетӣ, ки дар салоҳияти маъмурияти асосии воситаҳои буҷетӣ дар давраи ҳисоботӣ дохил аст.

**Низоми назорати дохилӣ.** Низоми назорати дохилӣ (аз тарафи маъмурияти асосӣ гузаронидашаванда ва дар итоати муассисаҳои воситаҳои буҷетӣ гиранда) барои риояи талаботи қонунгузории буҷет тартиб додан, сохтани иҷрои харҷномаи даромадҳо ва хароҷотҳо (назорати буҷетӣ), вазъи молиявӣ самаранок истифода кардани захираҳо ва воситаҳои молиявии муассисаҳои буҷетӣ бо дуруст будани баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобот бояд натиҷаи ба даст овардаро дар бар гирад.

**Ташкили ҳисобгирии буҷетӣ дар муассисаҳои буҷетӣ.** Ба сифати характерноки ташкили ҳисобгирии буҷет дар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ зарур аст, ки номгӯй ва мазмуни мухтасари ҳуҷҷатҳои муассисаи асосии ташкилкунандаи асосӣ) воситаҳои буҷетӣ, ки масъалаҳои ҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобгирӣ дар сохтори зертобеи муассисаҳои буҷетӣ танзим мекунад, ҳамин тавр чораҳои баланд бардоштани ихтисосҳо ва аз нав тайёр кардани мутахассисони соҳаи молия ва бухгалтерии қабул кардашударо нишон диҳад.

Ғайр аз ин оид ба истифодаи методҳои баҳисобгири буҷетро барои баҳо додан ба активҳо ва ӯҳдадорӣ муассисаҳои буҷетӣ, ҳамин тавр амалиётҳо оид ба тағйирёбии онҳо дар рафти иҷрои буҷет бояд маълумот дода шавад.

### Натиҷаи фаъолияти муассисаҳои буҷетӣ дар давраи ҳисоботӣ.

Барои тавсифи фаъолияти муассисаҳои буҷетӣ зарур аст, ки мақсади фаъолияти онҳо муайян карда шавад. Вобаста ба мақсади онҳо самти фаолият муассисаҳои буҷетӣ, ки аз мақсади онҳо бармеоянд, муайян кардан лозим аст. Ҳар як самтро, ки аз мақсади асосии муассисаҳои буҷетӣ бармеояд, дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии амалкунанда, ки самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мухталиф муайян мекунанд, асоснок карда мешавад. Ҳамчунин зарур аст, ки

ҳар як вазифа амалишаванда, бояд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок карда шавад.

Натиҷаҳои асосии фаъолият бояд аз рӯйи ҳар як самти фаъолият аз рӯйи нишондиҳандаи нақшавӣ ва ҳақиқӣ ҳаҷм ва сифати хизматрасони буҷетӣ, натиҷавӣ, ҳамин тавр аз рӯйи имконият барои ба захираҳо дастрас шудан он натиҷаҳои лозимӣ бояд нишон дода шавад (шумораи кормандон, арзиши амвол, харачоти буҷет, ҳаҷми харид ва ғайра). Маълумотҳое оид ба натиҷаи фаъолият тавсия карда мешавад, ки дар замимаи ахбороти маълумотномавӣ нишон дода мешавад.

## Чораҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои буҷетӣ

Дар ин қисм чораҳои баланд бардоштани самарокии истифодаи воситаҳои буҷетӣ, мунтазамии раванди истифодаи воситаҳои буҷетӣ, мунтазамии раванди гирифтани маблағҳои буҷетӣ, зиёд кардани ҳиссаи харид дар асоси озмун, тақсими воситаҳои буҷетӣ вобаста ба ҳаҷми хизматрасонӣ ва бевосита аз рӯйи натиҷаи охирин пешниҳоди нишондодҳои ҳисоботӣ, ки маълумотҳояш аз рӯйи чораи мувофиқ қабул карда шудааст, бояд нишон дода шавад.

Бо мақсади гузаронидани таҳлили ҳисоботи иҷрои буҷет тақсимкунандаи асоси воситаҳои буҷет (Вазорат, Кумита, Агентӣ ва ғайра) бояд маълумотро оид ба тағйирёбии нақшаи буҷет дар асоси ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ (моддаҳои кодекси буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба буҷет), ҳаҷми тағйирёбии воридшуда, сабабҳои воридкунондани тағйиротҳо ба қисми харочоти буҷет дар давоми ҳисоботӣ пешниҳод намояд. Маълумотҳо оид ба ворид намудани тағйирот дар нақшаи буҷетӣ тақсимкунандаи асосиро зарур аст, ки дар замимаи ахбороти маълумотномавӣ пешниҳод карда шавад.

Барои таҳлили иҷрои буҷет бояд сабабҳои иҷронашудани буҷет аз рӯйи ҳар як гурӯҳ, зергурӯҳи таснифоти вазифаи харачоти буҷет нишон дода шавад. Маълумот оид ба хазинаи иҷрои буҷет бояд ба замимаи ахбори маълумотномавӣ нишон дода шавад. Натиҷаи таҳлили бонкӣ алоқамандии байни харочотҳои буҷет ва натиҷаи ги-

рифташуда аз рӯйи самтҳои асосии фаъолият (вазифаи асосӣ) бояд вобаста ба имконият бо баҳои миқдорӣ дар замимаи ба ахбороти маълумотномавӣ нишон дода шавад. Маълумот оид ба самаранокии хароҷоти буҷет пешниҳод карда мешавад.

Таҳлили иҷрои барномаи мақсаднок, зеро барномаҳо ва марҳилаҳои ҷудогонаи он супоришдиҳанда, ки муассис аст, бо нишондоди сабаби иҷро нашудани нақшаи буҷет, дар давраи ҳисоботӣ дар замимаи ахбороти тавзеҳӣ пешниҳод карда мешавад.

Илова ба ин зарур аст, ки шаклҳои истифодашавандаи қарзҳои хориҷии мақсаднок мувофиқ ба барномаи давлатӣ қарзҳои хориҷӣ, аз худ кардашуда, барои мақсади истифода кардан ва ахборот оид ба дастрас шудан барои кушодани сабаби иҷро нашудани мақсади гузошташуда (дар замимаи ахбороти тавзеҳӣ инъикос карда шавад.

Таҳдиди истифодаи матни моддаҳои Қонун (қарорҳо) оид ба буҷет, натиҷаи таҳлил оид ба иҷрои матни бонкҳо қонун, қарорҳо оид ба буҷет бо нишондоди сабаби пурра бонкҳои маблағгузорӣ карда нашудан ва пайдо шудани бонкҳои бақияи истифодашудаи маблағҳои ҷудошудаи дар охири давраи ҳисоботиро дар бар мегирад.

Натиҷаи таҳлил алоқаманди байн ҳаҷм (таркиб) хароҷоти буҷет ва натиҷаи гирифташуда аз рӯйи самтҳои асосии фаъолияти (вазифаҳои асосӣ) бояд дар замима «Маълумот оид ба самтҳои хароҷоти буҷет» пешниҳод карда шавад. Бақияҳои маблағҳои ҷудонашудаи дар охири давраи ҳисоботӣ истифодашударо дар бар мегирад.

**Таҳлили ҳисоботи молиявии муассиҳаҳои буҷетӣ**

Таҳлили нишондиҳандаҳои тавозуни бухгалтерӣ дар асоси маълумотҳо оид ба хароҷоти активҳои ғайримолиявӣ (аз рӯйи воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ, активҳои ғайриистеҳсолӣ, захираҳои моддӣ) гузаронида мешавад. Маълумот оид ба ҳаракати активҳои ғайримолиявӣ дар замимаи тавзеҳи ахборотӣ (тавзеҳӣ, матни тавзеҳӣ) пешниҳод карда мешавад.

Илова бар ин, зарур аст, ки ҳолати техникӣ, истифодаи самаранок, таъмини муассисаҳои буҷетӣ ва воҳидҳои таркибӣ, фондҳои истеҳсолӣ (мувофиқан ба бузургии онҳо, таркиб ва дараҷаи техникӣ фондҳо, талаботи воқеъӣ ба онҳо), чорабинии асосӣ оид ба ҳолати беҳтар кардан ва нигоҳ доштани воситаҳои асосӣ оид ба хусусияти пуррагии онҳо ва саривақт воридшавии захираҳои моддӣ таҳлил ва омӯхта шавад.

Маълумот оид ба вазъи ҳисоботи қарздории дебитӣ ва кредитӣ ба ҳолати 1-уми январи соли ҳисоботӣ ва ба таърихи рӯзи ҳисоботӣ бо нишондоди сабабҳои пайдо шудани маблағҳои қарздорӣ дар замима ба тавзеҳи ахборотӣ пешниҳод карда мешавад.

Маълумот аз рӯйи фаъолияти буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ дар алоҳидагӣ тартиб дода мешавад.

Дар ин маврид ҳисобҳо аз рӯйи ҳақдиҳии андозҳо мувофиқи ҳар як шакли андоз дар дараҷаи мувофиқ ба буҷет инъикос меёбад.

Ғайр аз ин бояд ахборот оид ба асосҳои ҳуқуқии маблағи мавҷудаи молия омӯхта шавад. Маълумот аз рӯйи қарзҳои давлатӣ аз рӯйи ҳар як намуди қарз, алоҳида дар замимаи қайдҳои ахборотӣ ва шаклӣ инъикос карда мешавад.

Дар ҳолати тағйирёбии тавозуни асъор дар аввали соли молиявӣ маълумот оид ба тағйирёбии бақияи асъори дар тавозун будаupо ба замимаи тавзеҳӣ якбора гузаронидан зарур аст.

## 13.10. Ҳисоботи андоз дар муассисаҳои буҷетӣ

Ҳисобот аз рӯйи андоз аз арзиши иловашуда мувофиқи боби 31-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 225 андозсупоридагон ӯҳдадоранд, ки ба ташкилотҳои андозгиранда аз рӯйи ҷойи воқеа ба ҳисобгирандашудагон эъломияи андозро дар мӯҳлати на дертар аз таърихи рӯзи ҳар моҳ, бо нишондоди мӯҳлати гузаштаи давраи андоз пешниҳод намояд.

Андозсупоридагон ҳар як се моҳ эъломияи андозро дар мӯҳлати на дертар аз 20-уми ҳар моҳ, дар минбаъда бо нишондоди семоҳаи гузашта бояд пешниҳод намояд.

## Ҳисобот аз рӯйи андози даромад аз шахсони воқеӣ

Боби 4-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 134) доир ба намояндаи андоз аз вай дар натиҷаи мусбат ба онҳо андозсупоридагон, яъне аз шахсони воқеъӣ даромадгиранда ҳисобгирии даромадҳо, ки аз онҳо шахсони воқеъӣ дар даврай андозсупорӣ пайдо шудааст, бурда мешаванд.

Намудҳои андоз ба ташкилотҳои андоз аз рӯйи ҷойи дар қайд буда онҳо маълумотро оид ба даромади шахсони воқеъӣ дар даврай андозсупорӣ ва маблағи ҳисобкарда шуда ва андози дошташударо ҳар сол на дертар аз 1-уми апрел бо назардошти мӯҳлати гузошта андозсупорӣ пешниҳод менамоянд.

## Ҳисобот аз рӯйи андози ягонаи иҷтимоӣ

Мувофиқи боби 35-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 263) андозсупоранда (яъне аз рӯйи шахсони воқеӣ ҳақ медиҳанд) ӯҳдадор аст, ҳисобгириро аз рӯйи маблағҳои ҳисобкардаи ҳақдиҳӣ ва дигар шаклҳои мукофотдиҳӣ, маблағи ягонаи андози иҷтимоӣ, ки ба онҳо дахл дорад, ҳамин тавр маблағи андози аз рӯйи ҳар як шахси воқеъӣ ҳисобкарда шуда ба манфиати вай пардохт карда мешавад, ҷорӣ намояд.

Ҳар семоҳа на дертар аз таърихи 15-уми моҳ минбаъд бо нишондоди семоҳаи гузошта андозсупорида ба шӯъбаи минтақавии (ноҳиявӣ) фонди суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ҳолатҳои зерин маълумот пешниҳод менамоянд.

- оид ба андози ҳисобкардашуда ба фонди суғуртаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- оид ба истифодаи он барои пардохт, ёрдампулӣ аз рӯйи вақти корношоямӣ, барои вақти ҳомиладорӣ ва таваллуд, нигоҳубини кӯдак то даврай 1,5-сола расида-

ни он; барои дигар шакли кӯмакпулиҳо аз ҳисоби сугуртаи иҷтимоии давлат;

- оид ба сарфи хароҷотҳо барои хизматрасонии коргарон ва кӯдакони онҳо дар истироҳатгоҳҳои табобатӣ ва ғайра;

Андозсупорандагон эъломияи андозро аз рӯйи андоз на дертар аз 30-юми март ҳар сол бе назардошти даври андозсупорӣ гузашта пешниҳод менамояд. Нусхаи эъломияи андоз бо қайди ташкилоти андоз ё дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда эъломия ба ташкилоти андоз пешниҳод шуда, андозсупоранда онро ба ташкилоти минтақавии фонди нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол на дертар 1-уми июл, бо нишондоди давраи гузаштаи андозсупорӣ пешниҳод менамояд.

## Ҳисобот аз рӯйи андоз ва фоида

Боби 18 ва 19-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки андозсупоранда нобаста аз ӯҳдадорӣ ба зиммаи ӯ гузошташуда ва пешпардохти аз рӯйи андоз, хусусияти ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳо вазифадор аст, ки баробари гузаштани ҳар як ҳисобот ва давраи андозсупорӣ ба ташкилоти андоз, дар он маҳалла ҷойгир шудааст, эъломияро оид ба андоз пешниҳод намояд.

Намояндаҳои андоз баъди ба охир расидани ҳар як давраи ҳисоботӣ (даври андозсупорӣ, ки андозсупоранда андоз супоридаанд вазифадоранд, ҳисобҳоро оид ба андоз ба ташкилотҳои андозгиранда воқеъ дар маҳалла пешниҳод намоянд. Ҳамзамон андозсупорандагон аз рӯйи ҷамъбасти давраи ҳисоботии андозсупорӣ шакли соддакардашудаи эъломияи андозро пешниҳод менамоянд. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, онҳое, ки зарурияти ҳатмии ҳақдиҳии андоз нест, эъломияи андозро дар шакли соддагардида баъд аз гузаштани мӯҳлати андоз супоридан пешниҳод менамоянд.

Андозсупорандагон эъломияи андозро на дертар аз 28 моҳ аз рӯзи ба охир расонидани мувофиқан даври ҳисоботӣ пешниҳод менамоянд. Андозсупорандагон маблағи ҳармоҳаи пешпардохтро аз рӯйи фоидаи ҳақиқии гирифташуда ҳисоб карда эъломияи андозро дар мӯҳлати муқаррар-кардашуда барои пешпардохти ҳақиқӣ пешниҳод менамояд.

Эъломияи андозро аз рӯйи натиҷаи даври андоз супорида аз тарафи андозсупорандагон на дертар аз моҳи март пешниҳод менамоянд.

Ташкилотҳое, ки дар таркибашон воҳидҳои махсуси мувофиқ доранд, баъди ҳар як даври ҳисоботӣ ва андоз ба ташкилотҳои андоз дар он ҷое, ки ташкилот воқеъ аст эъломияи андозро пурра аз рӯйи ташкилот бо назардошти тақсими мувофиқ аз рӯйи воҳидҳо пешниҳод менамояд.

## Ҳисоботҳо аз рӯйи андози нақлиёт

Дар асоси боби 47-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 336) ташкилоти ҳуқуқии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобро оид ба андози нақлиёт дар мӯҳлати муқаррар карда шуда месупоранд.

Дар холате, ки агар ташкили эъломияи андоз аз тарафи субекти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонун тасдиқ карда нашудааст, андозсупорандагон шахсони ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои андоз аз рӯйи ҷойи андозсупорӣ, аз рӯйи шакли муқарраршуда, ки Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, эъломияи андозро пешниҳод менамоянд.

## Ҳисобот аз рӯйи андози замин

Тартиби пешниҳоди эъломияи андоз аз рӯйи андози замин дар боби 36-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 268) муқаррар карда шудааст. Мувофиқи вай андозсупорандагон баробари ба охир расонидани мӯҳлати андоз супоридан бо ташкилотҳои андоз аз рӯйи ҷойи воқеъгардидаи ташкилот эъломияи андозро аз рӯйи қитъаи замин пешниҳод менамоянд.

Андозсупорандагон, ки дар даври андозсупорӣ андозро пешпардохт кардаанд, дар охири сол ба ташкилоти андоз, ки дар он ҷо воқеъ аст, ҳисоби пардохтии андозро пешниҳод менамояд.

Эъломияи андоз аз тарафи андозсупорандагон на дертар аз 1-уми феврал бо нишондоди даври андози гузашта пешниҳод мекунад.

Ҳисоботи маблағ аз рӯйи пешпардохти андоз аз тарафи андозсупорандагон дар даври андозсупорӣ на дертар аз рӯзи охирини моҳ, бо назардошти давраи гузашта андозсупорӣ пешниҳод карда мешавад.

## Саволнома

1. Санадҳои асосии меъёрии танзимкунандаи тартиби тайёркунӣ ва тартиб додани ҳисоботҳои бухгалтериро номбар кунед.
2. Давраҳо ва мӯҳлати пешниҳод кардани ҳисоботи молиявии ташкилотро номбар кунед.
3. Талабот ва шароити пешниҳод кардани ҳисоботҳои бухгалтериро шарҳ диҳед.
4. Кадом қоидаҳоро бояд ташкилот дар вақти тартиб додани ҳисоботи бухгалтерӣ иҷро кунад?
5. Тартиби баҳисобгирии бухгалтерии молиявиро номбар кунед.
6. Замима ва эзоҳномаи тавозуни бухгалтерӣ ва ҳисобот оид ба фоида ва ё зарар чӣ маъно дорад?
7. Намуд ва шакли ҳисоботҳоро дар ташкилотҳои буҷетӣ номбар кунед.
8. Дар бораи тартиби сохтани ҳисобот оид ба иҷрои буҷет маълумот диҳед.
9. Ҳисобот оид ба хазина дохил шудан ва хориҷ шудани маблағҳо чӣ тавр тартиб дода мешавад?
10. Ҳисоботи андози муассисаҳои буҷетӣ чӣ тавр тартиб дода мешавад?
11. Дар барои тартиб додан ва пешниход кардани ҳисоботҳои семоҳа, шашмоҳа, нӯҳмоҳа ва солона маълумот диҳед.

# САВОЛНОМАИ ТЕСТӢ АЗ ФАННИ БАҲИСОБГИРИИ БУХГАЛТЕРӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ БУҶЕТӢ

## *МАВЗӮИ №1: АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ БАҲИСОБГИРИИ БУХГАЛТЕРӢ*

### *МАВЗӮЪ: 1.1. Моҳият, мақсад ва мазмуни баҳисобгирии бухгалтерӣ*

**1. Баҳисобгирии бухгалтерӣ –ин:**

a. Батартибдарории низоми ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъкунии ахборот бо ифодаи пулӣ оид ба амвол ва ӯҳдадориҳои ташкилот ва ҳаракати онҳо, бо шакли муайян даровардани ҳуҷҷатҳо, бо роҳи пурра, бефосила ва дар асоси баҳисобгирии ҳамаи амалиётҳои хоҷагӣ мебошад;

b. Низоми бефосила ва боҳамалоқаманди инъикос кардани ахбороти иқтисодӣ бо мақсади идора кардан ва назорат аз рӯйи фаъолияти молиявии хоҷагӣ ҳаст;

c. Низоми инъикоси микдор ва хусусияти сифати ҷараёни истеҳсолоти моддӣ аст.

**2. Ашёҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ – ин:**

a. Гирдгардиши активҳо;

b. Инъикоси ҳолат ва истифодаи активҳо дар ҷараёни гирдгардиши онҳо;

c. Ҳолат ва истифодаи воситаҳои ташкилот дар раванди татбиқи фаъолияти хоҷагӣ аст.

**3. Зери мафҳуми баҳисобгирии бухгалтерӣ фаҳмида мешавад:**

a. Маҷмӯи усулҳои омӯзиши фанни баҳисобгирии бухгалтерӣ;

b. Инъикоси амалиётҳои хоҷагӣ ва ҷамъбаст кардани рақамҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ;

c. Маҷмӯи тарзҳо ва қабул кардани фаҳмиш ва донистани фанни баҳисобгирии бухгалтерӣ.

**4. Амволи ташкилот аз рӯйи манбаъҳои зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:**

a. Қарзҳо ва воситаҳои ҷалб кардашуда;
b. Амволи вобаста кардашуда ва қарзӣ;
c. Амволи худӣ ва қарзҳо.

**5. Ченаки асосии баҳисобгирии бухгалтерӣ аз инҳо иборат аст:**

a. Пулӣ;
b. Натуралӣ;
c. Меҳнатӣ.

**6. Ба активҳои ғайригардиш дохил мешавад:**

a. Ашё ва масолеҳ, маҳсулоти тайёр ва молҳо барои аз нав фурӯхтан, истеҳсолоти нотамом;
b. Воситаҳои асосии активҳои ғайримоддӣ, сармояи асосӣ, маблағгузории дарозмуддат;
c. Воситаҳои дар ҳисоби ҳисоббаробаркунии ташкилот буда.

**7. Ба активҳои гардон дохил мешавад:**

a. Захираҳои истеҳсолӣ, воситаҳои пулӣ, қарзҳои дебиторӣ;
b. Воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ;
c. Воситаҳои дар ҳисоби ҳисоббаробаркунии корхонабуда.

**8. Ба манбаъҳои қарзии ташаккулёбии амволи корхона дохил мешавад:**

a. Ӯҳдадориҳои дебиторӣ ва кредитории ташкилот;
b. Сармояи оинномавӣ ва захиравии ташкилот;
c. Маблағгузории молиявӣ.

**9. Ба талаботи баҳисобгирии бухгалтерӣ дохил мешавад:**

a. Мукаммал ва оқилона, эҳтиёткорона, афзалиятнок, бемухолифат;
b. Бефосилагӣ, мустақилияти амвол, пай дар пайи қабули низоми ҳисобгирӣ;
c. Муваққатан муайян кардани омилҳои фаъолияти хоҷагӣ, мустақилияти амвол, бемухолифат.

## *МАВЗӮЪ 1.2. Таркиб ва мазмуни тавозуни бухгалтерӣ*

**1. Тавозуни бухгалтерӣ иборат аст:**

a. Аз чор қисм;

b. Се қисми актив (фаъол) ва се қисми пасив (ғайрифаъол);

c. Панҷ қисм.

**2. Зери мафҳуми тавозуни арзӣ чӣ фаҳмида мешавад:**

a. Натиҷаи ҷамъ кардашудаи қисми актив ва пасиви тавозун;

b. Ҷамъи умумии қисмҳои актив ва пасив;

c. Маблағи активи тавозуни, ҷамъи бандҳои танзимкунанда.

**3. Кадоме аз ин баробариҳо барои тавозуни бухгалтерӣ ҳатмӣ аст?**

a. Баробарии ҷамъи қисми дуюмӣ ва чоруми тавозун;

b. Баробарии ҷамъи қисми якуми актив ва қисми панҷуми пасиви тавозун;

c. Баробарии ҷамъи актив ва пасиви тавозун.

**4. Аз рӯйи тарзи баҳодиҳӣ мувозинати тавозуни бухгалтерӣ тақсим мешавад:**

a. Ба ибтидоӣ (муқаддимавӣ), ҷорӣ, барҳамдиҳӣ, ҷудо кардашуда, муттаҳидкунанда;

b. Тавозни ғайрихолис, тавозуни холис;

c. Яғона, ҷамъбастӣ, муттаҳид кардашуда.

**5. Аз рӯйи вақти тартиб додан тавозуни бухгалтерӣ ҷудо мешавад:**

a. Ба муқаддимавӣ, ҷорӣ, барҳамдиҳӣ, ҷудо кардашуда, муттаҳидкунанда;

b. Тавозуни ғайрихолис, тавозуни холис;

c. Амудӣ (вертикалӣ) ва уфуқӣ (горизонталӣ).

**6. Аломатҳои активӣ ва пасивии тавозун инҳо мебошанд:**

a. Ҳисоби аналитикӣ;

b. Ҳисоби синтетикӣ;

c. Бандҳои тавозун.

**7. Қарздории кредитории таъминкунанда дар тавозун инъикос карда мешавад:**

a. Дар қисми дуюми актив;
b. Дар кисми панчуми пасив;
c. Дар қисми якуми актив.

**8. Воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ дар тавозун инъикос меёбад:**

a. Аз рӯйи нархи баҳисобгирӣ;
b. Арзиши аввала;
c. Арзиши барқароркунӣ.

**9. Бандҳои тавозун - ин:**

a. Шаклҳои гуногуни иқтисодии воситаҳо;
b. Шаклҳои гуногуни иқтисодии воситаҳо ё манбаъҳо;
c. Шаклҳои гуногуни иқтисодӣ аз рӯйи манбаъ.

## *МАВЗӮЪ 1.3. Хизматрасонии муҳосиботи ташкилот ва вазифаҳои он*

**1. Масъулиятро барои ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ ба ӯҳда дорад:**

a. Соҳиби моликият;
b. Роҳбар;
c. Сармуҳосиб.

**2. Ҳуҷҷатҳои бухгалтерӣ-ин:**

a. Ҳуҷҷатҳои нигаҳдорандаи ахборот оид ба объекти ҳисобгирӣ;
b. Ҳама гуна маводҳои нигаҳдорандаи рақамҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аниқ будани иҷроиши амалиётҳои хоҷагиро тасдиқ мекунанд;
c. Ҳама гуна маводҳои ахбороти молиявиро нигаҳдоранда.

**3. Аз рӯи дараҷаи тафсил (муфассал) феҳристҳои ҳисобгирӣ ҷудо мешаванд:**

a. Ба аналитикӣ, синтетикӣ ва муштарак;
b. Хронологӣ (аз рӯи санаи таърихӣ), мунтазам ва муштарак;
c. Варақа ва вараqи озод.

**4. Аз рӯйи таъйинот ҳуҷҷатҳо таснифот карда мешавад:**

1. Барои як бор ва ҷамъбастӣ;
2. Барасмиятдарории сарфакорона, сафедкунанда, бухгалтерӣ;
3. Ибтидоӣ ва ҷамъбастӣ.

**5. Гирдгардиши системаи ҳуҷҷатҳои ташкилот номида мешавад:**

a. Аз ҳолати тартиб додан, то супоридани онҳо ба нозироти андоз;
b. Аз ҳолати тартиб додани онҳо, санҷиш, коркарди бухгалтерӣ то супоридан ба бойгонӣ;
c. Аз ҳолати тартиб додани онҳо то ба имзо расонидани роҳбари ташкилот.

**6. Ташкилот метавонад чунин шаклҳои ҳисобгирии бухгалтериро истифода намояд:**

a. Ордерӣ-мимориалӣ, ордерӣ-журналӣ, автоматӣ кунонидашуда, содда кардашуда;
b. Ордери гардишӣ, ордери шоҳмотӣ, содда кардашуда;
c. Ҷадвалӣ, компютерӣ, дастӣ.

**7. Зери мафҳуми сиёсати баҳисобгирии бухгалтерӣ фаҳмида мешавад:**

a. Маҷмӯи тарз ва усулҳои пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ;
b. Системаи феҳристи баҳисобгирӣ ва тарзи пур кардани онҳо;
c. Маҷмӯи элементҳои усули баҳисобгирии бухгалтерӣ.

**8. Ба сиёсати баҳисобгирии ташкилот дар давоми соли ҳисоботӣ мумкин аст, тағйирот ворид кардан дар ҳолатҳои:**

a. Тағйирот дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрӣ оиди баҳисобгирии бухгалтерӣ аз тарафи ташкилот, таҳия кардани тарзи нави пешбурди баҳисобгирӣ ба амал омаданд;
b. Иваз шудани роҳбар ва суроғаи ҳуқуқии ташкилот;
c. Тағйирёбии номгӯйи маҳсулоти баровардашуда.

**9. Саёсати баҳисобгирӣ дар корхона (ташкилот) таҳия карда мешавад:**

a. Аз тарафи дастгоҳи идоракунанда;
b. Сармуҳосиб;

c. Гурӯҳи тафтишотӣ.

**10. Баруйхатгирӣ аз рӯйи дараҷаи дарбаргирии воситаҳо ҷудо мешавад:**

a. Ба нақшавӣ ва қисман;
b. Пурра ва қисман;
c. Нақшавӣ ва ногаҳонӣ (банохост).

## *МАВЗӮЪ 1.4. Системаи ҳисобҳо, таснифоти онҳо. Методи навиштаҷоти дутарафа*

**1. Навиштаҷоти дутарафа- ин:**

a. Гурӯҳбандии объектҳои ҳисобгирӣ;
b. Инъикоси амалиётҳои хоҷагӣ;
c. Ҷамъбаст кардани рақамҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ.

**2. Ҳисобҳои ёрирасои - ин:**

a. Ҳисобҳои ҳисобгирии синтетикӣ;
b. Фосилаи байни ҳисобҳои синтетикӣ ва аналитикӣ;
c. Фосилаи байни ҳисобҳои активӣ (фаъол) ва пасивӣ (гайрифаъол).

**3. Ҳисобҳо аз рӯйи таснифоти мазмуни иқтисодӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:**

a. Ҳисобҳои амволи ташкилот ва ҳисоби манбаъҳои ташаккулёбии амвол;
b. Ҳисобҳои амвол ва ҳисоботи ҷараёни истеҳсолот;
c. Ҳисобҳои манбаъҳои 'ташаккулёбии амвол, ҳисобҳои ҷараёни хоҷагидорӣ ва ҳисобҳои воситаҳои хоҷагӣ.

**4. Ҳисобҳои тавозуни паситавозунӣ зарур аст:**

a. Барои инъикоси ҳодиса ва амалиёте, ки дар ҳамон ҳолат ба тавозуни органҳои хоҷагӣ буда, ҳамин тавр, барои ҳисоби воситаҳое, ки барои нигаҳдории масъулиятнок, коркарди дар иҷро буда:
b. Баҳисобгирии воситаҳое, ки ба хоҷагии мазкур мансуб нест:
c. Баҳисобгирии воситаҳое, ки ба иҷора гирифта шудааст:

**5. Баҳисобгирии синтетикӣ аз рӯйи ченакҳои зерин бурда мешавад:**

a. Танҳо бо пул;
b. Бо пул ва натуравӣ;

c. Пулӣ, натуравӣ, меҳнатӣ.

**6. Барои баҳисобгирии ҳисобҳои активӣ дохил мешавад:**

a. Амвол;
b. Ӯҳдадориҳо;
c. Ҳисоббаробаркунӣ.

**7. Ба ҳисобҳои пасивӣ барои баҳисобгирӣ дохил мешавад:**

a. Амвол;
b. Ӯҳдадориҳо;
c. Натиҷаи молиявӣ.

**8. Нисбат ба тавозун ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ ҷудо мешавад:**

a. Ба активҳо (фаъол) ва пасив (ғайрифаъол);
b. Танзимкунанда ва ғайританзимкунанда;
c. Колкулятсионӣ ва натиҷаи молиявӣ.

**9. Дар зери мафҳуми ҳисоби синтетикӣ фаҳмида мешавад:**

a. Бақияи объекти баҳисобгирӣ;
b. Зиёдшавии объекти баҳисобгирӣ;
c. Камшавии объекти баҳисобгирӣ.

**10. Бақияи ҳисоб чиро мефаҳмонад:**

a. Рақамҳои ҷамъбастӣ оид ба намуд ва ҳаракати амвол, ӯҳдадориҳо ва ҷараёни хоҷагӣ аз рӯйи аломатҳои муайяни иқтисодӣ;
b. Ахбороти аниқ кардашудаи муфассал оид ба объектҳои баҳисобгиранда;
c. Тавозун гардиши ташкилот.

## *МАВЗӮЪ №2: БАҲИСОБГИРИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ ВА АМАЛИЁТҲОИ ИҶОРАВӢ*

**1. Дар баҳисобгирии бухгалтерӣ ба сифати воситаҳои асосӣ амволи зерин қабул карда шудааст:**

a. Амволе, ки мӯҳлати фоиданокии истифодабарии он аз 12 моҳ зиёд аст;
b. Амволе, ки мӯҳлати фоиданокии истифодабирии он на аз 12 моҳ зиёд аст;

c. Амволе, ки мӯҳлати фоиданокии истифодабарии он расо як сол аст.

**2. Ба воситаҳои асосӣ ашёҳое дохил мешаванд, ки агар:**

a. Ташкилот имконияти дар минбаъда аз нав фурӯхтани он ашёҳоро надорад;

b. Ташкилот имконияти дар оянда аз нав фурӯхтани ашёҳоро дорад;

c. Дар давраи истеҳсолоти вай як маротиба истифода карда мешавад.

**3. Дар баҳисобгирии бухгалтерии воситаҳои асосие, ки ба сифати пасандоз ба сармояи оинномавии ташкилот қабул карда мешавад:**

а) аз рӯйи арзиши мувофиқа карда шуда;

б) аз рӯйи арзиши бозорӣ;

в) аз рӯйи арзиши барқароркунӣ.

**4. Шаклҳои зерини корҳои таъмири пудратӣ ҳисобида мешаванд:**

a. Аз тарафи ташкилоти таъмиркунанда иҷро шудааст;

b. Аз тарафи ташкилоти талабкунанда иҷро шудааст;

c. Аз тарафи истеҳсолоти ёрирасон иҷро карда шудааст.

**5. Хӯрдашавӣ баъд аз пурра баргардонидани объектҳои воситаҳои асосӣ:**

a. Аз рӯйи меъёри босуръат ҳисоб карда мешавад;

b. Ҳисоб карда намешавад;

c. Аз рӯйи меъёри паст ҳисоб карда мешавад.

**6. Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ дар мӯҳлатҳои зерин ҳисоб карда мешавад:**

a. Дар ҳама мӯҳлатҳое, ки онҳо дар ташкилот ҳастанд;

b. Дар мӯҳлати фоидаоварӣ истифодабарии онҳо;

c. Дар зарфи 20 сол.

**7. Дар вақти хориҷ кардани ҳиссаҷудокунии хӯрдашавӣ аз руйи объективҳои воситаҳои асосӣ соқит карда шуда зарур аст, ки қайдҳои зерини ҳисобгирии бухгалтерӣ гузаронида шавад:**

a. Д[т] ҳисоби 410 «Дигар хароҷотҳо»; К[т] ҳисоби 020 «Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ»;

b. Д[т] ҳисоби 020 «Хӯрдашавии воситаҳои асосӣ»; К[т] ҳисоби 010-019 «Хориҷшавии воситаҳои асосӣ»;

